**ПИРМАҲМАД НУРОВ**

# Вожагони Нави Тоҷикибунёд

**ДУШАНБЕ – 2023**

**УДК 891.550**
**ББК 83.3 (2 тоҷик)**
**Н-91**

Дар Вожанома беш аз 4000 куҳанвожаҳои камкорбурд ва вожаи нави тоҷикибунёд ва маъниҳои луғавии онҳо зимни мушоҳидаҳои шахсии муаллиф нисбат ба ҳодисаву рӯйдод ва падидаҳои табиат, шунидаҳо, хондаҳо, ҳамчунин зимни сохтани ҳамгунаҳои тоҷикии вожагони илмию техникии русӣ (англисӣ) гирдоварӣ ва мавриди баррасии умум қарор дода шудаанд. Вожаҳои нав дар заминаи вожаҳои бунёдан (сирфан)-и тоҷикӣ сохта шудаанд ва метавонанд ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ ворид шуда, ҳиссаи вожагони тоҷикибунёдро дар захираи умумии луғавии забони тоҷикӣ афзун гардонанд. Ҳангоми сохтани вожаҳои нав, бархе вожаҳои дар шеваҳои тоҷикӣ маъмул низ, ба гуфти устод Садриддин Айнӣ - «бо сӯҳони қоида сӯфта ва бо чилбури маънӣ сайқал дода» корбаст шудаанд.

ISBN

**©Нуров П.Г., 2023**

# ПЕШГУФТОР

Забони миллати тоҷик, яъне забони порсии дарӣ, ки минбаъд бо номи «забони тоҷикӣ» машҳур гардидааст, яке аз қадимтарин забонҳои дунё ва ғанотарин забон аз нигоҳи луғавӣ аст. Маҳз бо шарофати ниёгони барӯманди тоҷик ин забони латифу зебо борҳо аз кӯраи озмоишҳои басе сахти таърихӣ берун оварда шуда, нигаҳдорӣ ва бегазанд ба насли оянда интиқол дода шудааст.

Бар асоси маълумоти таърихшиносон, нахуствожаҳои забони тоҷикиро вожаҳои забони паҳлавӣ ташкил медиҳанд, ки он зиёда аз ҳазорсолаҳо пеш аз ин забони мардуми ориёии мо буда, вожаҳои ин забон дар китоби «Авесто» гирдоварӣ карда шудаанд. Забони порсии дарӣ, яъне забони тоҷикии имрӯза, ба назари бисёре аз пажӯҳишгарон ва ховаршиносон аз сарзаминҳои Хуросон ва Фарорӯд бархоста, дар ҳамин ҳавза парварда шудааст ва бисёре аз шаҳрҳои он, аз ҷумла Бухорову Балх, Самарқанду Ғазна, Ҳироту Нишопур, дергоҳе маркази илму адаб будаанд. Дар ташаккули забони порсии дарӣ ва рушди минбаъдаи он забонҳои бумии ин сарзаминҳо, бавижа забонҳои суғдию бохтарӣ нақши таъсиргузор доштаанд.

Баъдан, вобаста ба воқеаҳои таърихӣ ба захираи луғавии забони порсии дарӣ вожаҳои забонҳои дигар низ ҳамроҳ гардида, таркиби луғавии ин забонро афзун гардонидаанд. Аз ҷумла, шурӯъ аз асри VII, баъди сарзаминҳои Хуросон ва Фарорӯдро забт кардани араб, ба забони порсии дарӣ вожаҳои забони арабӣ ва тавассути ин забон, вожаҳои юнонӣ, лотинӣ, тайи асрҳои XIII-XVIII бо таъсири олимону шоирони порсизабони Ҳиндустон ва туркнажодони порсигӯй вожаҳои ҳиндию туркӣ низ ворид шудан гирифтанд ва ин равандҳо то оғози асри XX идома ёфтанд. Аз оғози асри XX то оғози асри XXI бо сабаби аз тарафи Русияи подшоҳӣ забт шудани Осиёи Марказӣ,

ташкил ёфтани Иттиҳоди Шӯравӣ ва дар ҳайати он таъсис дода шудани Ҷумҳурии Шӯравии Тоҷикистон, ба таркиби забони тоҷикӣ вожаҳои русӣ ва тавассути забони русӣ баъзе вожаҳои аврупоӣ низ ворид гардиданд. Ҳамин тариқ, ҳоло таркиби луғавии забони тоҷикиро дар баробари вожаҳои ноби тоҷикӣ, ҳамчунин вожаҳои арабӣ, туркӣ, ҳиндӣ, русӣ, аврупоӣ ва ғайра ташкил медиҳанд, ки ин албатта, забони тоҷикиро ба як забони тавоно ва қобили баёни ҳар гуна маънию мафҳум табдил додааст.

Ҳамин тавр, забон падидаест, ки вобаста ба давру замон ҳамеша дар ҳоли рушду таҳаввул қарор дорад. Вай ҳам аз ҳисоби вожасозии дохилизабонӣ ва ҳам аз ҳисоби иқтибос гирифтани вожаву истилоҳот аз забонҳои дигар, ки бо мақсади баёни мафҳумҳои нав дар робита ба дигаргуниҳову навсозиҳои ҷомеаи башарӣ ба миён омадаанд, ғанӣ мегардад.

Бинобар ин, вазифаи муҳимму ҷонии соҳибзабонон дар ҳар як давраи таърихӣ аз он иборат аст, ки барои сохтани вожагони нав камари ҳиммат банданд ва аз ҳисоби ин вожагон таркиби луғавии забони миллиро ғанитар гардонанд.

Вожагони ҳар забони миллӣ аслан чизу ашё, ҳодисаву падида ва рӯйдоду воқеиятро ифода мекунанд ва ҳамаи он тағйироте, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҷамъиятӣ, соҳаҳои илму фан ба вуҷуд меояд, ба воситаи вожаҳои нав баён карда мешавад.

Тавре дар боло зикр кардем, нахуствожаҳои забони тоҷикиро асосан вожаҳои паҳлавӣ, суғдӣ ва бохтарӣ ташкил медиҳанд. Баъдан дар натиҷаи истифодаи амалии забони тоҷикӣ вобаста ба он тағйироте, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҷамъиятӣ, соҳаҳои илму фан ба вуҷуд омадааст, бо ворид гардонидани вожаҳои нави тоҷикӣ захираи луғавии забони тоҷикӣ афзунтар шудааст.

Чунончи, айни замон яке аз роҳҳои бо вожаҳои нав афзун гардонидани захира ва таркиби луғавии забони тоҷикӣ - истилоҳсозӣ, яъне сохтани ҳамгунаҳои тоҷикии истилоҳоти забонҳои пешрафтаи ҷаҳон, мисли забонҳои англисӣ, русӣ, фаронсавӣ ва забонҳои дигар мебошад. Таҷрибаи истилоҳсозӣ, хусусан сохтани истилоҳоти илмӣ ва илмию техникии тоҷикӣ нишон медиҳад, ки истилоҳ ва ибораҳои наве, ки бо истифода аз имконоти дохилии забони тоҷикӣ сохта шудаанд, метавонанд минбаъд маънии луғавӣ пайдо карда, ба захираи луғавии забони тоҷикӣ ворид шаванд ва ганҷинаи вожагони тоҷикиро афзунтар гардонанд.

Тавре ки маълум аст, вожаҳо дар забони ҳар як халқу миллат барои ифода кардани номи шартии чизу ҳодисаҳое истифода мешаванд, ки дар шароити табиӣ вуҷуд доранд ва онҳоро инсон ҳамарӯза истифода ва мушоҳида мекунад. Ба иборати дигар, инсон барои аз якдигар фарқ карда тавонистани чизу ҳодисаҳои табиӣ онҳоро бо вожаҳои алоҳида номгузорӣ мекунад. Маҳз ҳамин гуна вожаҳо нахуствожаҳои забони ҳар як халқу миллатро ташкил медиҳанд.

Таҳлили захираи луғавии забони муосири тоҷикӣ дар асоси луғатномаву фарҳангҳое, ки бо ҳуруфоти кириллик таҳия гардидаанд, нишон медиҳад, ки нахуствожаҳои тоҷикӣ асосан вожаҳои зерин мебошанд:

1) вожаҳое, ки бо ҳарфҳои «гоф», яъне «г»-и русӣ, «пе», яъне «п»-и русӣ, «ҷими форсӣ », яъне «че»-и русӣ ва «ж», яъне «же»-и русӣ оғоз шудаанд, зеро дар забони арабӣ, ки аксари вожаҳои забони муосири тоҷикиро ташкил медиҳанд, ин гуна ҳарфҳо вуҷуд надоранд, чунончи:

- бо ҳарфи «г»: *габз, габр, гавд, гавз, газ, ганг, ганд, ганҷ, гап, гард, гарм, гаст, гаҳ, гач, гашт, гесу, гиёҳ, гил, гир, гиря, гетӣ, геҷ, гиё , гиёҳ, гирд, гирифт, гов, гоз, гом, гоҳ,*

*гул,гулӯ,  гум, гун, гунг, гунё, гурд, гурз, гурс, гуфт, гӯй, гӯл, гӯр, гӯш* ва ғайра;

- бо ҳарфи «ж»: *жав, жай, жак, жанг, жанд, жард, жарф, жаф, жафк, жах, жева, жиён, жинг, жож, жоф, жужа* ва ғайра;

- бо ҳарфи «пе»: *пагоҳ, падар, падид, паж, пажмурда, пажӯҳиш, пазанда, пазируфтан, пазмон, пай, пайванд, пайваст, пайк, пайдо, паймон, пал, панд, паноҳ, пар, парво, парвоз, печ, пеш, пиёз, пиёда, пир, пой, пора, пошна, пошидан, пур, пушт, пӯё, пӯк, пӯст, пӯшок, пӯянда* ва ғайра;

- бо ҳарфи «че»: *чағз, чак, чакра, чала, чам, чанг, чанд, чап, чарб, чарғ, чарм, чарс, чарх, часб, чатр,чах, чашм, чет, чеҳр, чиғ, чиз, чил, чим, чин, чирк, чит, чов, чок, чор, чоҳ, чош, чуғз, чуст, чӯб,* чӯян ва ғайра.

2) вожаҳое, ки дар таркибашон ҳарфҳои дар боло зикршударо доранд: *ажғол, аждаҳор, анг, ангужад, авранг, ахгап, бачкам, бож, бужулак, вижа, вогӯй, вожа, вопас, дег, диж, каждум, качал, кинг, кӯж, кӯча, лағж, линг, ложвард, мижа, нажод* ва ғайра;

3) вожаҳое, ки шакли феълӣ (масдар) доранд, ё дар шакли исми амал сохта шудаанд, масалан: *анбӯҳ – анбӯҳиш, ангошт – ангоштан, андохт – андохтан, анҷом – анҷомидан (анҷомиш), басеҷ – басеҷидан, бистар – бистаронидан, буд – будиш, бурз – бурзидан, гувожа – гувожидан, ғеҷ – ғеҷидан, дурахш – дурахшидан, ёз – ёзидан, заҳ – заҳидан, лов – ловидан, намуд – намудан, ниёз – ниёзидан, оғол – оғолидан (оғолиш), ором -  оромидан (оромиш), пахс – пахсидан, пахш – пахшидан, пурк – пуркидан, сутӯҳ – сутӯҳидан, фаҳм – фаҳмидан (фаҳмиш), харош – харошидан* ва ғайра;

4) умуман, вожаҳое, ки аз ду, се ва ё чор ҳарф иборат буда, ба ҳиҷоҳо ҷудо намешаванд, чунончи (вожаҳо ихтиёран интихоб шудаанд):

- номи чизҳои моддӣ: *об, санг, хок, рег, гил, лой* ва ғайра; номи чиз ва ҳодисаҳои табиӣ: *барф, абр, бод, алав,*

*шаб, рӯз, буғ, зим, кӯҳ, дарё, кӯл, моҳ, оташ, рӯд, сел, сол, ях* ва ғайра;

- номи асбобу анҷоми рӯзгор: *бел, мех, дег, дост* ва ғайра;
- номи дарахтон, наботот ва меваҳо: *бед, олу, анор, пада, гӯл, тут* ва ғайра;
- номи маъданҳо: *мис, оҳан, сурб, сим, зар* ва ғайра;
- номи аъзои бадани инсон ва ҳайвонот: *по, даст, сар, чашм, рӯй, гӯш, гӯшт, дил, дум, лаб, миён, мӯй, ноф, нӯл, пар, бол, хун, пӯст, пушт, раг, риш, тан, тухм, ҷон, шир* ва ғайра;
- номи ҳайвонот ва парандаҳо: *саг, асп (асб), бабр, бӯз, гург, зоғ, кабк, мор, мурғ, муш, мӯр, оҳу, хар* ва ғайра;
- номи волидайн: *духт (духтар), пур (писар), мард, зан* ва ғайра; вожаҳои ишоратӣ: *ана, ин, он* ва ғайра;
- вожаҳои ифодакунандаи шумора: *анд, як, ду, се, чор, панҷ, шаш, ҳафт, нуҳ, даҳ*;
- вожаҳои ифодакунандаи амалу ҳаракат: *афт, хез, дав, рав, рафт, омад, хоб, ҷаст, баст, тоб, тофт, шаст, гашт, бофт, бурд, ёфт, гир, сӯхт, раст, гуфт, ғел, ғеҷ, дод, дӯхт, зист, ист, канд, кишт, куфт, ларз, ҷӯш, рӯфт, омӯхт, афканд, сӯз, тохт, ҷунб* ва ғайра;
- вожаҳои ифодакунандаи сифати инсон, чизу ашёҳо ва ҳодисаҳо: *бад, хуб, нағз, нек, зӯр, паст, ранг, бӯй, бӯя, гарм, сард (бард), сурх, ғафс, паҳн, жарф, ғунд, тез, суст, дер, зуд, жарф, зард, каҷ, рост, кунд, лӯч, мӯрт, нав, нарм, пир, пок, пур, сабз, сер, сиёҳ, танг, тар, хушк, тунд, турш, хурд, чарс, шӯр* ва ғайра.

Минбаъд дар заминаи ин вожаҳо бо истифодаи қоидаҳои гуногуни вожасозии забони тоҷикӣ вожаҳои нав сохта шуда, захираи луғавии забони тоҷикӣ рӯ ба афзунӣ ниҳодааст. Аз ҷумла, истилоҳсозӣ, яъне сохтани ҳамтоҳои тоҷикии истилоҳоти илмӣ аз забонҳои арабӣ, русӣ, англисӣ ва монанди инҳо воситаи муҳимми афзуншавии захираи

вожагони тоҷикибунёд дар марҳилаҳои гуногуни таърихи давлатдории тоҷикон будааст.

Истилоҳот, яъне вожаҳои махсусе, ки номи мафҳумҳои ин ё он соҳаи фаъолияти тахассусии одамонро ифода мекунанд, яке аз қисматҳои муҳим ва воситаҳои тавонои рушду равнақи забони миллӣ ба шумор мераванд. Ба гуфтаи дигар, яке аз роҳҳои ғанӣ гардонидани захираи луғавии забон маҳз истилоҳсозӣ мебошад. Аз қонуниятҳои умумии рушди забон маълум аст, ки ҳамвора бо пешрафти соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон, мисли илм, техника, ҳунар, санъат, адабиёт, варзиш ва дигар соҳаҳои тахассусӣ, ба захираи луғавии забон ворид гардидани вожаву истилоҳоти нав ногузир аст. Аз ин рӯ гуфтан метавон, ки истилоҳсозӣ ҳамчунин яке аз василаҳои қавитар сохтани қоидаҳои вожасозӣ ва ибораороии забони миллӣ буда, ба афзун гардидани таркибу захираи луғавии он низ мусоидат карда метавонад.

Омӯзиш ва таҳқиқи таърихи ташаккул ва таҳаввули истилоҳоти забони тоҷикӣ собит месозад, ки дар марҳилаҳои гуногуни таърихи тоҷикон истилоҳсозӣ, хусусан бо истифодаи имкониятҳои дохилии забон сохтани ҳамтоҳои тоҷикии истилоҳоти забонҳои муқтадири илмӣ, аз ҷумла забони арабӣ (асрҳои VII- X), забони русӣ (дар замони шӯравӣ, аз охири асри XIX то ба имрӯз), забонҳои англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ ва монанди инҳо (дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз аввали асри XXI то ба имрӯз), ба афзуншавии захираи луғавии забони тоҷикӣ, яъне ба афзуншавии вожаҳои тоҷикибунёд ва бад-ин васила ба рушди умумии забони адабии тоҷикӣ нақши муассир гузоштааст.

Бояд зикр намуд, ки дар ин маврид вожаҳои нави ифодакунандаи номи истилоҳи илмӣ дар заминаи нахуствожаҳои забони тоҷикӣ, яъне вожаҳои забонҳои паҳлавӣ, суғдӣ ва бохтарӣ сохта шудаанд. Баъдан дар

натиҷаи истифодаи амалии забони тоҷикӣ, аз ҷумла, вобаста ба тағйироти дар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва илмию фарҳангии мардуми тоҷиктабор бавуқӯъоянда ва ба миён омадани зарурати ифодаи забонии чизу ҳодисаҳои нави воқеӣ, дар асоси ин нахуствожаҳо бо истифода аз қоидаҳои вожасозии забони тоҷикӣ (аз ҷумла, бо ҳамроҳ кардани пасванду пешванд ва миёнавандҳо, сохтани рехтавожаҳо, вожаҳои мураккаб ва монанди инҳо) вожаҳои нав сохта шуда, онҳо ба захираи луғавии забони тоҷикӣ ворид шуданд ва онро афзунтар гардониданд.

Аз ҷумла, баъди ба сари қудрат омадани сулолаи Сомониён гардиши куллие дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии мардуми ин сарзамин ба вуқӯъ пайваст. Муҳимтарин тағйирот – ин забони давлатӣ эълон шудани забони порсии дарӣ (яъне, забони тоҷикии имрӯза) дар тамоми қаламрави Мовароуннаҳр ва Хуросон буд. Дар баробари ин, давлати Сомониён дар доираи васеи қаламрави худ шароите фароҳам овард, ки боиси пешрафти пешаварӣ, илм, фикри иҷтимоӣ ва адабиёт гардид. Ин боиси пайдоиши муҳити донишпарваре гардид, ки дар он саромадони илми тоҷик Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Абубакри Розӣ, Абумаҳмуди Хуҷандӣ, Абулвафои Бузҷонӣ барин олимони ҷаҳоншумул ба воя расиданд. Ин олимон, аз ҷумла ба тадқиқи олами атроф пардохта, асрори бисёре аз ҳодисаву рӯйдодҳои табиатро ошкор сохтанд ва натиҷаи тадқиқоти илмии худро дар шакли асарҳои илмӣ мавриди таваҷҷӯҳи ҷаҳониён қарор доданд. Хусусан асарҳои илмии доир ба илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқ офаридаи олимони бузурги аҳди Сомониён – Абуалӣ ибни Сино ва Абурайҳони Берунӣ қобили таваҷҷуҳ аст. Азбаски дар ин замон забони арабӣ ҳоло ҳам чун забони илм бо шаст пеш мерафт, ин мутафаккирони бузург низ дар оғози фаъолият асарҳои илмии худро бо забони арабӣ иншо намуданд, то дастраси

аҳли умум гарданд ва аксарият аз натиҷаҳои тадқиқоти илмии онҳо бохабар шаванд.

Вале талабот ва сиёсати давлатдории Сомониён мутафаккирони даврро водор месохт, ки нисбат ба тараққӣ додани забони порсии дарӣ (яъне, тоҷикии имрӯза) ва татбиқи он дар соҳаи илм низ таваҷҷуҳ зоҳир карда, имкониятҳои дохилии ин забонро дар баёни асосҳои илмҳои замона истифода баранд, то дурдонаҳои ҳар як илм дастраси аксари мардуми форсизабонон гардад. Хушбахтона, олимони муътабари замон - Абуалӣ ибни Сино ва Абурайҳони Берунӣ аз уҳдаи ин вазифаи заҳматталаб, вале боифтихор, низ баромада тавонистанд. Натиҷаҳои тадқиқоти илмии худро доир ба илмҳои мантиқ, ҳандаса, табииёт, ҳайат ва монанди ин бо забони форсии тоҷикӣ Абуалӣ ибни Сино дар асарҳои «Донишнома»[1] ва Абурайҳони Берунӣ дар «Китоб-ут-тафҳим ли авоили саноат-ит-танҷим»[2] ва чанди дигар баён карданд.

Таҳлили забонии «Донишнома»-и Сино собит мекунад, ки он бо истифодаи комил аз имкониятҳои дохилии забони порсии дарӣ дар он марҳилаи ташаккул иншо гардидааст. Дар асар зимни сохтани муодилҳои тоҷикии истилоҳоти илмии арабӣ бо истифода аз қоидаҳои гуногуни вожасозии забони тоҷикӣ вожаҳои тоҷикие сохта шудаанд, ки минбаъд бо маъниҳои луғавии худ ба захираи луғавии забони тоҷикӣ ворид гардида, ба афзунгардии он мусоидат намудаанд, аз ҷумла: *ҷунбиш, чиз, гардиш, сесӯ, чорсӯ, дониш, созгор, куниш, тавоноӣ, рост, барсӯ, фурӯсӯ, зудҷунб, ангориш, носозӣ, ночиз, нопазиро, ногарм, носард, нотобишӣ, нораст, берӯшноӣ, бегармӣ, беандоза, молиш, бисовиш, пӯшан, пазиро, оромиш, паҳно, миёнҷӣ, созӣ, офтоба,*

---

[1]Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.1. - Душанбе: Ирфон, 1981. - С. 3-115.

[2]Абурайҳон Берунӣ. Китоб-ут-тафҳим ли авоили саноат-ит-танҷим. - Душанбе: Дониш, 1973. - 286 с.

*гармоба, сиёча, нишона, ҳисоба, куно, шунаво, дарозо, чашо, ҷунбишпазир, таркибпазир, бурindангоҳ, гармгоҳ, миёнгоҳ, ҷойгоҳ, оташкада, гармшаванда, ҷунбишдор, гармипазир, дерҷунб, пасопеш, камобеш, яксӯ, обкаш, дардзо, обдузд, дардраҳо* ва ғайра.

Муҳаққиқон собит намудаанд, ки таносуби калимаву истилоҳоти тоҷикӣ ва арабӣ дар «Донишнома» чунин аст: дар мантиқ – 68 % ва 32 %, дар илми барин (метафизика) – 63 % ва 37 % дар илми зерин (физика) – 83 % ва 17 % [3].

Тавре ки қаблан зикр гардид, донишманди дигари оламшумул, ки дар ин давра ба баён кардани асосҳои илмҳои замона, мисли риёзӣ (математика), ҳандаса (геометрия), ҳайат (астрономия) ва ҷуғрофия (география) , ҳамчунин эҷод кардан ва мураттаб сохтани истилоҳоти ин илмҳо хизмати босазо кардааст, Абӯрайҳони Берунӣ мебошад. Ӯ дар асари «Китоб-ут-тафҳим ли авоили саноат-ит-танҷим», ки соли 1029 ба забони порсии дарӣ, яъне тоҷикӣ таълиф кардааст, мафҳумҳои зиёди илмиро бо шарҳи мафҳуми онҳо бо забони порсии дарӣ гирд овардааст.

Таҳлил ва таҳқиқи луғавии забони «Китоб-ут-тафҳим» нишон медиҳад, ки дар он дар баробари истифодаи вожаҳои аллакай маъмули тоҷикӣ, барои ифода кардани ҳамтоҳои тоҷикии истилоҳоти илмии арабӣ, вожаҳои зиёди нави сирф тоҷикӣ низ сохта шудаанд:, масалан: *дарозо, паҳно, жарфо, баландӣ, чандӣ, шумор, барх, бун, вуреб, гунда, донг, дунб, дунбол, дур, дурушт, замин, тӯл, кура, гӯй, гӯша, ситора, сӯй, сапеда, рӯшноӣ, Офтоб, Моҳ, Замин, Шамс, андоза, мағӣ, гардиш, бунгоҳ, гаронрав, дарёбор, заминларз, обҷой, ростсӯ, ростсутун, соядор, фурӯсӯ, чапсӯ, ҷойгоҳ, Тиргон, Меҳргон, Парвардагон, якӣ, якон, даҳгон,*

[3]Письменные памятники и проблемы истории культуры народов Востока. - Москва:, 1981. Ч.III. - С. 156.

*садгон, шуморгар, кеҳтарин, бештарин, нимрӯзон, шаборӯз, обонмоҳ, ситораёб, андомбурида, овоздиҳанда, баландовоз, панҷпаҳлӯ, шашпаҳлӯ, ростпаҳлӯ, дунбол, пинҳон, сӯхтан, гирифт, монанда, бастагӣ, боистҳо, гардон, дарёак, даҳана, дурӣ, норост, тобиш, бошгуна, баҳамкарда, наростпаҳлӯ, нохубкорӣ, божгуна, бараҳмонд, баробарӣ, барҳамкашида, барҳамниҳода, башуморкарда, бодреса, гармобонӣ, донахора, дуруштнок, огоҳидеҳ, сипасрав, сохткарда* ва ғайра.

Дар асрҳои X –XII донишмандони дигари тоҷик кӯшиш намуданд, ки анъанаҳои Сино ва Беруниро дар ифода кардани афкори илмӣ бо забони тоҷикӣ ва сохтани истилоҳоти тоҷикии соҳаҳои дигари илм, мисли фалсафа, ҳуқуқ, сиёсатшиносӣ, тиб(б) ва ғайра идома диҳанд. Дар сохтани истилоҳоти тоҷикии фалсафӣ саҳми олимон ва файласуфони дигар – Насириддини Тӯсӣ, Қутбиддини Шерозӣ ва дигарон низ хеле арзанда аст. Исмоили Ҷурҷонӣ дар асари худ «Хазинаи Хоразмшоҳӣ» дар баробари ифода кардани афкори олимони табиби давр, дар сохтани истилоҳоти тоҷикии тиббӣ хизмати арзанда намудааст. Чунончи, истилоҳҳое, ки дар ин асар истифода шудаанд, мисли *беморӣ*, хафақон *(астма), ярақон (желтуха), тандуруст, ширхора, зарабон, хунмурдагӣ, хобмондагӣ, бодангез, хунафзой, дардманд, шикастабандӣ* ва ғайра, аз ҷиҳати шакл ва муҷазӣ ҷолиби диққат мебошанд. Дар «Сиёсатнома»-и Низомулмулк истилоҳҳои соҳаи ҳуқуқ, сиёсатмадорӣ ва ҳарбӣ аз захираи луғавии забони тоҷикӣ гирифта шудаанд ва ё бо истифода аз имкониятҳои забони тоҷикӣ хеле зебо сохта шудаанд*: сипаҳсолор, додгар, додгустар, дарбон, посбон, тиркаш, доварӣ* ва ғайра.

Марҳилаи дигари таърихии афзунгардии захираи лағавии забони тоҷикӣ - замони шӯравӣ, шуруъ аз солҳои бистуму сиюми қарни XX то охири ин аср мебошад. Дар ибтидои қарни XX ба сабаби воқеаҳои сиёсӣ, ташкил шудани Иттиҳоди Шуравӣ, яъне ба вуҷуд омадани низоми

нави давлатдорӣ ва дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ таъсис ёфтани Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам омад, ки илмҳои замона дар Тоҷикистон аз нав заминагузорӣ шуда, рӯ ба тараққӣ ниҳанд. Сиёсати нави Иттиҳоди Шӯравӣ имкон дод, ки дар Ҷумҳурии навтаъсиси Тоҷикистон барои саводнок кардани тамоми табақаҳои ҷомеа мактабҳои таҳсилот ташкил карда шаванд. Дар ин маврид талабот хусусан нисбат ба омӯзондани илмҳои муосир дар мактабҳои миёна вазифае пеш гузошт, ки дар забони тоҷикӣ китобҳои дарсӣ оид ба асосҳои илмҳои математика, физика, химия, биология ва монанди инҳо ба вуҷуд оварда шаванд. Тарҷумаи китобҳои дарсии русӣ ба тоҷикӣ ҳамчун воситаи асосии таълифи китобҳои дарсӣ ба ҳукми анаъана даромад, яъне акнун шароите фароҳам омад, ки забони тоҷикӣ аз нав дар баёни асосҳои илмҳои муосир, аз ҷумла илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва техникӣ истифода шавад.

Дар саҳифаҳои китобҳои дарсии солҳои 20-30 мисли «Табииёт»[4], «Ҳисоб»[5], «Ҳикмат» (физика)[6] (3) ва ғайра ба истилоҳҳое дучор омадан мумкин аст, ки мувофиқи анъанаҳои Ибни Сино сохта шудаанд: *оташароба* (поезд), *секунҷа* (треугольник), *санҷишиша* (пробирка), *чакрарез* (пипетка), *ҷӯшиш* (кипение), *туршиш* (окисление), *шохабандӣ* (ветвение), *хӯшаандозӣ* (колошение), *туршӣ* (кислота), *туршизо* (кислород), *дучарха* (велосипед), *тӯдагул* (соцветие), *зарринбарг* (златолистик), *бинибин* (риноскоп) ва ғайра.

---

[4]Трояновский И.И. Дарсҳои табииёт. Қ.1. - Тошканд: НашдавУзб, 1926. - 232 с.

[5] Ҳисоб. - Тошканд: НашдавУзб, 1925. - 250 с.

[6]Косоногов В.И., Косоногова Л.А. Сӯҳбатҳои ибтидоӣ аз ҳикмат (физика). - Самарқанд-Тошканд: НашдавУзб, 1927. - 156 с.

Минбаъд зимни тарҷумаи китобҳои дарсӣ оид ба асосҳои илмҳои замона барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёна (солҳои 1930-1960) бо истифода аз калимаҳои бунёдан тоҷикӣ истилоҳҳои зиёде сохта шуданд, ки бархе аз онҳо бо маъниҳои луғавии худ ба захираи луғавии забони тоҷикӣ ворид гардида, ба калимаҳои оммафаҳми тоҷикӣ табдил ёфтанд, чунончи: *корхона, бозгашт, даргирӣ, таркиш, ҷустуҷӯ, канданӣ, пошхӯрӣ, чархиш, тобхӯрӣ, сарпӯш, боррасонӣ, бориш, барҷастагӣ, сабзониш, сӯзишворӣ, лаппиш, хушконӣ, часпакӣ, намкашӣ, намнокӣ, боркаш, борбардорӣ, камшавӣ, зиёдшавӣ, хурдшавӣ, калоншавӣ, резакунӣ, дудкаш, гармибардорӣ, сахтӣ, дуруштӣ, басташавӣ, дарбанд, сарбанд, фурӯравӣ, обрасонӣ, андозагирӣ, даҳонак, каҷӣ, ҷойивазкунӣ* ва монанди инҳо.

Мавриди зикр аст, ки таъсис дода шудани Кумитаи истилоҳоти назди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1960) ва ба он ҷалб карда шудани олимони шонздаҳ соҳаи илм, ба кори истилоҳсозӣ дар забони тоҷикӣ такони ҷиддӣ бахшида, барои дар заминаи имкониятҳои дохилии забони тоҷикӣ сохта шудани ҳамтоҳои истилоҳоти илмию техникии тоҷикӣ ва бад-ин васила ворид гардидани вожаҳои нав ба захираи луғавии забони тоҷикӣ мусоидат намуд. Баъди таъсиси кумитаи мазкур кори истилоҳсозӣ дар забони тоҷикӣ асосан бо ду восита ба роҳ монда шуд: а) таълифи луғатҳои дузабонӣ (русӣ ба тоҷикӣ)-и истилоҳоти соҳавӣ; б) таълиф ва тарҷумаи китобҳои илмӣ ва дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ.

Ҳамин аст, ки солҳои баъд, вобаста ба он тағйироте, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҷамъиятӣ, хусусан соҳаҳои илму фан ба амал омаданд, ҳамчунин дар раванди тарҷумаи жанрҳои гуногуни адабиёти илмию техникӣ ба забони тоҷикӣ, таҳияи луғатҳои русӣ ба тоҷикии истилоҳоти соҳавӣ, дар заминаи вожаҳои аллакай мавҷудаи забони тоҷикӣ вожаҳои наве сохта шуда, бо маъниҳои луғавии худ

ба захираи луғавии забони тоҷикӣ ворид гардиданд, аз ҷумла: *оташнишонӣ, моҳвора, моҳнавард, моҳгард, кӯчиш, чархиш, коҳиш, афканиш, нурафшонӣ, фурӯбурд, сахтӣ, дуруштӣ, сахтӣ, часбоӣ, ғунҷоӣ, тирагӣ, бодхӯрдашавӣ, нобаробарӣ, тезкунҷа, росткунҷа, таркиш, буғронӣ, мӯртият, сойиш, яхбандӣ, сангреза, ғӯзакашӣ, тухмипошӣ, тухмипошак, заминҷунбӣ, сихмолла, шонабандӣ, бузургӣ, карахш, лаппиш, ларзиш, кӯракчинӣ, абаршоройӣ, рабоиш, часпиш, молиш, гармиғунҷоиш, зичӣ, сершавӣ, пешрафт, нишондиҳанда, паҳншавӣ, густариш, тобиш, гармидиҳӣ, гармирасонӣ, гармигузаронӣ, чоркунҷа, шашкунҷа, нимкоҳиш, нимпаҳно, пазирандагӣ, ҷунбандагӣ, печандагӣ, шикандадагӣ, фурӯбарандагӣ, камомад, телахӯрд, зарраборон, худларзиш, худангезиш, гузариш, гудозиш, ёзиш, шориш, каҷӣ, ҷӯрӣ, ҳамворӣ, ғеҷиш, бархӯрд, рангсанҷӣ, кашиш, порашавӣ, тобандагӣ, шахшавӣ, баробарӣ, гаштовар* ва ғайра.

Марҳилаи нави таърихӣ ва муҳимми афзунгардонии захираи луғавии забони тоҷикӣ, давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои 90-уми асри гузашта то ба имрӯз мебошад. Соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ ва қабул гардидани Қонун оид ба забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз падидаҳои муҳим дар таърихи нави давлатдории тоҷикон мебошад. Ин падидаҳо водор месозанд, ки акнун забони тоҷикӣ бояд дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангиву илмии кишвар амалан истифода карда шавад. Чунончи, ҷиҳати муомилоту муошироти илмӣ, мубодилаи илмӣ ва болобурди ҷаҳонбинии илмии ҷомеа дар соҳаи илм бавуҷуд овардани забони илмии тоҷикӣ чун як вазифаи муҳим падид омадааст.

Дар замони муосир яке аз роҳҳои бо вожаҳои нав афзун гардонидани захира ва таркиби луғавии забони тоҷикӣ - истилоҳсозӣ, яъне сохтани ҳамгунаҳои тоҷикии

истилоҳоти забонҳои муқтадири илмӣ, мисли забонҳои англисӣ, русӣ, фаронсавӣ, олмонӣ ва забонҳои дигар мебошад. Таҷрибаи истилоҳсозӣ, хусусан сохтани истилоҳоти илмӣ ва илмию техникии тоҷикӣ нишон медиҳад, ки истилоҳ ваибораҳои наве, ки бо истифода аз имконоти дохилии забони тоҷикӣ сохта шудаанд, метавонанд минбаъд маънии луғавӣ пайдо карда, ба захираи луғавии забони тоҷикӣ ворид шаванд ва ганҷинаи вожагони тоҷикиро афзунтар гардонанд, масалан: *абаровоз, абартоза, абаршоро, абаршороӣ, ангезандагӣ, андаркашӣ, андаркӯфт, афзоишдеҳак, бардоб, барӯомад, барӯрафт, барсӯдод, барфбод, боднерӯ, бодрез, бодрониш, бодҷунбиш, бозкард, бӯйрониш, водиҳиш, вокард, воҷаббиш, гардишнамо, гармизудоӣ, гудозпазирӣ, гудохтаоҳан, зудшориш, зудҷӯшиш, каҷрафт, кашидабандӣ, корандозӣ, корандозак, кӯҳбод, ларзабардорӣ, намзудоӣ, нафтполоӣ, неруфизо, неруфизоӣ, осонгудоз, паҳнрӯя, пошхӯрд, рангзудо, рангзудоӣ, сардбод, суфтасанг, сӯгардонӣ, тафспазирӣ, тафсхӯрандагӣ, тезҷунбо, тезшоро, тобовард, фурӯомад, фурӯрафт, хокамоно, худларз, худҷунб, ҳамомад, чиркзудо, чошдод, ҷунбона, ҷӯшзанӣ, шастомад, шастрафт, шитобдав, якдав, яккарафт, яхзамин* ва ғайра.

Ҳамин тариқ, истилоҳ ва истилоҳсозӣ яке аз сарчашмаҳои асосии афзунгардонии захираи луғавии забони тоҷикӣ ва ганҷинаи вожагони он дар марҳилаҳои гуногуни таърихии давлатдории тоҷикон будааст ва мебошад.

Вожаномае, ки мавриди таваҷҷуҳи соҳибзабонон қарор дода мешавад, беш аз 4000 вожаи нави тоҷикибунёд ва маъниҳои луғавии онҳоро, ки зимни мушоҳидаҳои шахсии муаллиф нисбат ба ҳодисаву рӯйдод ва падидаҳои табиат, шунидаҳо, хондаҳо, ҳамчунин зимни сохтани ҳамгунаҳои тоҷикии вожагони илмию техникии русӣ (англисӣ) сохта шудаанд, дар бар мегирад. Вожаҳои нав дар

заминаи вожаҳои бунёдан (сирфан)-и тоҷикӣ сохта шудаанд ва метавонанд ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ ворид шуда, ҳиссаи вожагони тоҷикибунёдро дар захираи умумии луғавии забони тоҷикӣ афзун гардонанд.

Бояд ёдовар шуд, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронӣ ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 4 октябри соли 2019 дар иртибот ба зарурати корбасти баъзе вожаҳои асили мавҷуд дар шеваҳои тоҷикӣ чунин таъкид намуданд: «Дар таркиби шеваҳои мардуми мо ҳазорон калимаҳои асилу ноби тоҷикӣ мавҷуданд, ки бо сабабҳои гуногун аз доираи истеъмол берун мондаанд. Вазифаи аввалиндараҷаи забоншиносону фолклоршиносон ин аст, ки зимни таҳқиқоту ҷустуҷӯҳои илмӣ чунин калимаҳоро аз дохили шеваҳо дарёфт карда, онҳоро ба доираи муомилоти забони адабии тоҷикӣ ворид намоянд».

Вобаста ба ин таъкид, дар фарҳанги мазкур зимни сохтани вожаҳои нав, бархе вожаҳои дар шеваҳои тоҷикӣ маъмул низ ба гуфти устод Садриддин Айнӣ - «бо сӯҳони қоида суфта ва бо чилбури маънӣ сайқал дода» корбаст шудаанд.

Албатта, ин роҳи вожасозӣ нахустин буда, дар ин зимн шояд вожаҳое низ сохта шуда бошанд, ки аз ин ё он ҷиҳати забонӣ камӣ ё норасоӣ дошта бошанд, масалан, бо қолабҳои маъмули забони тоҷикӣ сохта нашуда бошанд ё тафсирашон чандон комил набошад. Умеди боварӣ менамоем, ки дар оянда бо дастгирии забоншиносону истилоҳсозони тоҷик ин вожанома саҳеҳтар гардида, тавассути он дар роҳи афзунгардонии ганҷинаи вожагони сирф тоҷикӣ қадамҳои устувортаре гузошта мешаванд.

| А | |
|---|---|
| **Абарбино** | бинои калонҳаҷм |
| **Абарғар** | ғар (гар, кӯҳ)-и баланд |
| **Абардаст** | одаме, ки дастони ҳузарб дорад |
| **Абардег** | деги калонҳаҷм |
| **Абардеҳа** | деҳаи хеле калон (масоҳаташ зиёд) |
| **Абарзамин** | замини хеле калон (масоҳаташ зиёд) |
| **Абарзан** | зани хеле ҷасуру нотарс; зани оқил |
| **Абаркада** | ҷой ё мавзеи хеле калон (масоҳаташ зиёд) |
| **Абаркант** | кант (шаҳр)-и хеле калон (масоҳаташ зиёд) |
| **Абаркӯҳ** | кӯҳи ниҳоят бузург |
| **Абармард** | марди хеле ҷасуру нотарс; марди оқил |
| **Абаровоз** | овози ниҳоят баланд; дорои овози баландтарин, тенор |
| **Абарпок** | беҳад покиза (ноолуда) |
| **Абарпокӣ** | покӣ (тозагӣ)-и ниҳоят зиёд доштан |
| **Абарроҳ** | роҳи бузург (паҳноиаш зиёд), шоҳроҳ |
| **Абарсанг** | санги калонҳаҷм |
| **Абарсахт** | чизи беҳад сахт |
| **Абарсахтӣ** | сахтии беҳад зиёд доштан |
| **Абарситора** | ситораи бузургтар аз ситораҳои дигар |
| **Абартан** | одами тану ҷуссаи бузургдошта |

| | |
|---|---|
| **Абархона** | хонаи калонҳаҷм |
| **Абарчиз** | чизи калонҳаҷм |
| **Абаршаҳр** | шаҳри бузург |
| **Абефарҳанг** | бефарҳанг, бедониш |
| **Абефурӯз** | бенур, безиё |
| **Абзоршиша** | шишаи абзорсозӣ |
| **Аборандуд** | бо абор (сурб, қурғошим) андудашуда |
| **Абрдав** | мисли абр даванда, тездав |
| **Абрпора** | пораи абр |
| **Авазиш** | ба сӯйи баръакс вазидани бод (шамол) |
| **Агуфтор** | касе, ки ҳамеша муқобили сухани каси дигар сухан мекунад |
| **Акирдор** | касе, ки ҳамеша муқобили кирдори каси дигар амал мекунад |
| **Алмосарра** | арраи алмосӣ |
| **Алмосмоно** | монанди алмос |
| **Алмоспарма** | пармаи алмосӣ |
| **Аловпаз** | ба воситаи алав (оташ) пухташуда (пазондашуда), дар алав пухташуда |
| **Аловпухт** | ба воситаи алав (оташ) пухтан (пазондан), дар алав пухтан |
| **Алфанҷиш** | андухтан, захира кардан |
| **Анбармоно** | монанди анбар |
| **Анбошта** | ниг.: **андӯхта** |
| **Ангезандагӣ** | хусусияти ангехтан доштан |
| **Ангиштбез** | абзори бехтани ангишт |
| **Ангиштбезӣ** | бехтани ангишт |
| **Ангиштполо** | абзори полуда, тоза кардани ангишт |

| | |
|---|---|
| **Ангиштрасонӣ** | таъмин (додан)-и ангишт |
| **Ангора** | қитъаи замини ҳамвор |
| **Ангорзамин** | замини ангор (киштбоб) |
| **Ангуштзеб(а)** | зебаи ангушт, ҳар чизи зебо барои ба ангушт андохтан, ангуштарин |
| **Андаккофт** | андаке (каме) кофтани даруни чизе |
| **Андаккӯфт** | андаке (каме) кӯфтан чизе ба чизе (масалан, мех ба чӯб) |
| **Андакҷаст** | андаке (каме) ҷастан |
| **Андаксӯхт** | андаке (каме) сӯхтан |
| **Андаксӯхта** | андаке (каме) сӯхташуда |
| **Андарбаст** | дарун ба дарун бастан |
| **Андарбаста** | робита, алоқа |
| **Андаргирӣ** | ба дарун гирифтан |
| **Андаргузошт** | ба даруни якдигар гузоштан |
| **Андаргуфт** | дар бораи чизе ё касе гуфтан |
| **Андарёбӣ** | дарк кардан, фаҳм кардан |
| **Андарзад** | ба якдигар задан |
| **Андарин** | дар дарун |
| **Андаркашӣ** | ба дарун кашидан |
| **Андаркӯфт** | ба даруни якдигар кӯфтан |
| **Андармонд** | ба даруни якдигар банд шудан |
| **Андарнишонӣ(ш)** | ба даруни якдигар нишондан (насб кардан) |
| **Андаромад** | ба дарун омадан; амалӣ шудан |
| **Андарнишаст** | ба дарун нишастан, дарунnишаст |
| **Андарниҳӣ** | ба дарун ниҳодан |
| **Андарпайванд** | ба ҳам (вуҷудан) пайванд будан |

| | |
|---|---|
| **Андарпайваст** | ба ҳамдигар пайваста шудан |
| **Андарравӣ** | ба даруни якдигар рафтан |
| **Андарравонӣ** | ба даруни якдигар равона кардан |
| **Андаррафт** | ниг.: **андарравӣ** |
| **Андаррафта** | ба даруни якдигар равон кардашуда |
| **Андарронӣ** | ба дарун равона кардан, масалан доруро ба бадан |
| **Андарун** | аз дарун |
| **Андаршуд** | даруни якдигар шудан, омехта шудан |
| **Андаряк** | дарун ба даруни якдигар, омехта |
| **Андахс** | ҳимоятгар, муҳофиз |
| **Андгарданда** | бешумор гарданда, гардиши бешуморку-нанда |
| **Андгардиш** | гардиши бешумор (зиёд) |
| **Андгуна** | дорои гуна (намуд, шакл)-ҳои зиёд |
| **Андгунагӣ** | гуна (намуд, шакл)-ҳои зиёд доштан |
| **Андешгар** | мутафаккир |
| **Андоиш** | амали андоидан, андовидан; молидан |
| **Андохт** | андохтан; партофтан |
| **Андохта** | андохташуда; партофташуда |
| **Андпӯша** | дорои пӯшаи бешумор (зиёд) |
| **Андӯза** | андӯхташуда, захиракардашуда |
| **Андӯзин** | андӯхташудаҳо, захирашудаҳо |
| **Андӯхта** | андӯхташуда, захирашуда; захира |
| **Андчарханда** | бисёр чархзананда |

| | |
|---|---|
| **Андчархиш** | чархиши бешумор (зиёд) |
| **Андшумор** | чанд бор шуморкардашуда |
| **Андшуморӣ** | чанд бор шумор кардан |
| **Андяк** | аз анд (чанд) як ҳисса |
| **Андякрӯз** | аз анд (чанд) як ҳиссаи рӯз |
| **Андяксол** | аз анд (чанд) як ҳиссаи сол |
| **Андякшаб** | аз анд (чанд) як ҳиссаи шаб |
| **Анордонг** | донаи анор, анордона |
| **Анҷомдиҳӣ** | ба анҷом расонидан |
| **Анҷомсухан** | сухани анҷомбахшанда (хотимавӣ)) |
| **Анҷуғиш/анҷухиш** | амали анҷуғидан, яъне дарҳам кашида шудан |
| **Анӯшдору** | доруи зидди беморӣ, позаҳр |
| **Аррабур** | ба воситаи арра буридашуда |
| **Аррабурӣ** | ба воситаи арра буридан |
| **Аррамайда** | чӯбгардаҳое, ки баъди арра кардани чӯб ҳосил мешаванд |
| **Арсан** | анҷуман, маҷлис, маҳфил |
| **Арсанорой** | маҳфилорой, |
| **Аспкӯб** | бо асп кӯбидашуда (масалан, гандум) |
| **Аспкӯбиш** | тариқи аспгардонӣ кӯбидани гандум |
| **Аспкӯфт** | ниг.: **аспкӯбиш** |
| **Аспҷувоз** | ҷувози аспӣ (дастгоҳе, ки ба он аспро баста чарх занонда аз кунҷид ё зағир равған мекашанд) |
| **Астӣ** | ҳастӣ; олами моддӣ |
| **Астиманд** | моддӣ, дорои ҳастӣ |
| **Афзоишдеҳ(ак)** | ниг.: **афзуна** |
| **Афзоишдиҳӣ** | афзоиш додан, зиёд кардан |

| | |
|---|---|
| **Афзоя** | зиёдкунанда, афзоишдиҳанда |
| **Афзуна** | воситаи афзунгардонӣ (афзоишдиҳӣ) |
| **Афзунгардонӣ** | зиёд кардани миқдори чизе |
| **Афсонсанг/фасонсанг** | санге, ки бо он корд, дос, қайчӣ ва монанди инҳоро тез кунанд |
| **Афшураафзор** | афзори афшурдан |
| **Ахшиг** | нахустунсурҳои олам (об, оташ, хок, ҳаво) |
| **Аҷаст** | ба сӯйи баръакс ҷаҳидан |
| **Б** | |
| **Багудозоварӣ** | ба ҳолати гудохта овардан |
| **Бадавомад** | давида-давида омадан |
| **Бадаврафт** | давида-давида рафтан |
| **Бадавҷаст** | давида-давида ҷастан |
| **Бадаркард** | бадар кардан, берун кардан |
| **Бадбаст** | ниг.: **бадпайваст** |
| **Бадбех** | бадкеш, бадсиришт, бадойин |
| **Бадгувора** | бад гуворшаванда, бадҳазм |
| **Бадгудоз** | бад гудохташаванда |
| **Бадгуфтор** | касе, ки гуфтори бад дорад |
| **Бадкуниш** | бадкор, бадкирдор |
| **Бадоҳу** | бадҷинс |
| **Бадпайваст** | пайвасти бад (нохуб, номувофик) |
| **Бадраг** | бадсиришт |
| **Бадюнг** | юнг (нафс)-и баддошта |
| **Бажанг** | калид |
| **Баёриш** | чора, тадбир, илоҷ |
| **Бакашишой** | ба кашиш даромадан |
| **Бакордошт** | ба кор доштан, ба кор бурдан; истифода |
| **Баландвок** | баландовоз |

| | |
|---|---|
| **Баландгар** | гар (ғар, кӯҳ)-и баланд |
| **Баландғар** | ниг.: **баландгар** |
| **Баландкат** | мавзеи дар баландӣ ҷойгирбуда. ниг.: **кат** |
| **Баландтаб** | дорои таб (гармӣ)-и баланд |
| **Баландтабӣ** | таби баланд доштан |
| **Бандгушод** | рагу пайвандҳои бадани инсон |
| **Бандинаафзор** | афзори бандиш (баст) |
| **Бандок** | бандак |
| **Бапаришой** | ба париш даромадан |
| **Бар** | боло; канор; оғӯш;. паҳлу; тараф |
| **Барандозиш** | ба боло теладиҳанда (партоянда) |
| **Барандохт** | дур андохтан, партофтан |
| **Барафзоиш** | илова кардан, зиёдтар намудан |
| **Барафзор** | афзори болобаранда (болобардоранда) |
| **Барафканиш** | дур афкандида, дур партофтан |
| **Баргардӣ** | гашта омадан |
| **Баргардпазир** | қобилияти баргардиш доштан |
| **Баргирифт** | гирифта як сӯ мондан, кушода гирифтан (масалан, чархи автомобил); ҳамч. ниг.: **баргирӣ** |
| **Баргирӣ** | ба бар (оғӯш, канор) гирифтан |
| **Баргузошт** | ба бар (канор) гузоштан |
| **Баргуфт** | гуфта додан, баён кардан; зиёда гуфтан, бисёр гап задан |
| **Бардбод** | боди бард (сард) |

| | |
|---|---|
| **Бардоб** | оби бард (сард) |
| **Бардод** | супоридан |
| **Бардиш** | баргаштан |
| **Бардӯхт** | бахя кардан, васл кардан |
| **Бардхона** | хонаи бард (сард), сардхона |
| **Барёфт** | идрок, дарк кардан, фаҳм кардан |
| **Барзад** | ба канор задан; ба ҳар сӯ задан; баргардонидан; гардонида шудан; қат кардан |
| **Барзаниш** | ниг.: **барзад** |
| **Баринбод** | боде, ки аз боло мевазад; боди шарқӣ. муқобили **зеринбод** |
| **Баристой** | истодагарӣ кардан, тоб овардан |
| **Барканд** | канда гирифтан (масалан, пӯсти ҳайвонро) |
| **Барканиш** | канда партофтан |
| **Баркард** | ба бар кардан, ба тан пӯшидан; бар кардан, боло бардоштан |
| **Баркашид** | баркаш кардан |
| **Бармолиш** | бисёр молидан |
| **Бармонд** | ба бар (тарафе) гирифта мондан |
| **Бармонда** | ба бар (тарафе) гирифта мондашуда |
| **Барнаомад** | боло набаромадан, тулӯъ накардан (масалан, Офтоб) |
| **Барнишаст** | дар бар (паҳлу, канор) нишастан |
| **Барнишаста** | дар бар (паҳлу, канор) нишаста |
| **Барнишонӣ** | дар бар (паҳлу, канор) |

| | |
|---|---|
| | шинонидан |
| **Баровехт** | баланд овехтан |
| **Бароз** | фароз, баландӣ |
| **Барозак** | баландии андак |
| **Барозроҳ** | роҳи бароз (роҳи пасту баланд) |
| **Баромезиш** | ниг.: **баромехт** |
| **Баромехт** | ба ҳам омехта кардан |
| **Баромуд** | пур кардан, комил гардонидан |
| **Барорёфт** | барор ёфтан |
| **Бароркард** | барор кардан, омад кардан |
| **Баророст** | ба тартиб овардан; муҷаҳҳаз гардонидан |
| **Барпартофт** | ба канор партофтан; ба боло партофтан |
| **Баррасид** | тафтиш гузаронидан, кофтуков карда ёфтан |
| **Баррафт** | ба берун рафтан; ба боло рафтан |
| **Баррехт** | берун овардан; истихроҷ |
| **Баррӯиш** | рӯида ба боло қад кашидан |
| **Барсозиш** | сохтаю омода кардан |
| **Барсӯ(й)** | сӯи боло; сӯйи боло |
| **Барсӯвин** | сӯ (самт) ба боло доштагӣ; болоӣ |
| **Барсӯдиҳӣ** | ниг.: **болодиҳӣ** |
| **Барсӯдод** | ниг.: **болодод** |
| **Барӯгурез** | ба сӯйи боло (берун) гурез кардан |
| **Барӯдод** | ба рӯ (боло) додан |
| **Барӯкашӣ** | ба рӯ (боло) кашидан |
| **Барӯомад** | ба рӯ (боло) омадан |
| **Барӯрафт** | ба рӯ (боло) рафтан |

| | |
|---|---|
| **Барӯрехт** | ба рӯ (берун,боло) рехтани чизе |
| **Барфбод** | боди барфомез |
| **Барфистон** | ҷойи сербарф |
| **Барфкоҳиш** | паст шудани сатҳи барф |
| **Барфкӯчиш** | кӯчиши барф; тарма |
| **Барфоба** | обе, ки аз барф ҳосил мешавад, оби барф |
| **Барфтӯда** | тӯдаи барф |
| **Барфшӯриш** | шӯриши барфӣ |
| **Бархест** | бархестан; боло шудан; парвозӣ шудан |
| **Бархонд** | пурра хонда додан |
| **Барҳамнишонӣ** | дар рӯйи якдигар нишондан (насб кардан) |
| **Барчаспонӣ** | аз бар часпонидан |
| **Барчид** | болои ҳам чидан |
| **Баршинонӣ** | ба (аз) бар шинонидан; ба (аз) бар часпонидан |
| **Баршуд** | баланд шудан, намудор гаштан |
| **Баршумориш** | пурра шумор карда додан |
| **Баршумурд** | ниг.: **баршумориш** |
| **Барчид** | чида баргузидани чизе |
| **Барҷаст** | ба боло хеле ҷастан |
| **Басеч** | чора; омодагӣ |
| **Басечиш** | омодагирӣ |
| **Басечандешӣ** | чораандешӣ |
| **Баскард** | басанда кардан; қатъ кардан, хотима додан |
| **Басовой** | қувваи ломиса (ламскунанда, молишди-ҳанда) |
| **Бастагӣ** | дармондан дар чизе; баста гардидани роҳи ба мақсаде |

| | |
|---|---|
| | расидан |
| **Баствора** | чизе, ки чизеро бо ҳам пайваст менамояд |
| **Бастгоҳ** | ҷой (нуқта)-и бо ҳам бастан |
| **Бастнокӣ** | часпакӣ, часбпазирӣ, часпандагӣ |
| **Бастоба** | оби баста (шахшуда), ях |
| **Бахтпирӯз** | дорандаи бахти ғолиб |
| **Бахурӯшоварӣ** | ба хурӯш овардан, ба шӯру ғалаён овардан |
| **Бахурӯшой** | ба хурӯш омадан, шӯридан, ба шӯр омада бонг задан |
| **Бахшбандӣ** | ба бахшҳо ҷудо кардан |
| **Баҳракаш** | истеъморкунанда |
| **Баҳракашӣ** | истеъмор |
| **Баҳргард** | дар баҳр гарданда (масалан, киштӣ) |
| **Баҳргардӣ** | дар баҳр гаштан (ҳаракат кардан) |
| **Баҳрбод** | бод (шамол)-и баҳр |
| **Баҳроб** | оби баҳр |
| **Баҳртобиш** | тобиши баҳр |
| **Баҳудагуфт** | гуфти баҳуда (ҳадафмандона) |
| **Баҳудакор** | касе, ки кори баҳуда (ҳадафманд) анҷом медиҳад |
| **Баҷунбишоварӣ** | ба ҷунбиш овардан, ҷунбиш додан |
| **Баҷунбишой** | ба ҷунбиш омадан (даромадан) |
| **Баҷӯшоварӣ** | ба ҳоли ҷӯш овардан |
| **Баҷӯшой** | ба ҳоли ҷӯш омадан |
| **Беангеза** | бесабаб |
| **Бегонавожа** | вожаи бегона |
| **Бегонавожагон** | вожагони бегона, вожаҳои |

| | |
|---|---|
| | иқтибосӣ |
| **Бегусастагӣ** | бефосилагӣ, канданашавандагӣ |
| **Бедарунмоя** | бемаънӣ |
| **Безараргардонӣ** | аз зарар раҳоӣ бахшидан |
| **Безидан** | бехтан, полоидан |
| **Безиш** | амали бехтан |
| **Белдаста** | дастаи бел |
| **Бемар** | бешумор, бисёр |
| **Беок** | беайб, бенуқсон |
| **Берона** | вайрона, хароба |
| **Бероназор** | вайроназор, харобазор |
| **Берунандозӣ** | берун андохтан, берун кардан |
| **Берунандохт** | ниг.: **берунандозӣ** |
| **Берунбарӣ** | берун бурдан |
| **Берунбаровард** | ба берун (рӯ) баровардан |
| **Берунбурд** | берун бурдан |
| **Берунгирифт** | берун гирифтан (аз дарун) |
| **Берунгирӣ** | ниг.: **берунгирифт** |
| **Берунгузошт** | дар берун гузоштан |
| **Берункард** | берун кардан |
| **Берункашӣ** | берун кашидан |
| **Беруннамуд** | намуди берунӣ |
| **Беруннамо** | ниг.: **беруннамуд** |
| **Беруновард** | аз дарун ба берун баровардан; истихроҷ |
| **Беруноварӣ** | аз дарун ба берун баровардан; истихроҷ кардан |
| **Берунойӣ** | ба берун омадан |
| **Беруномад** | хуруҷ кардан |
| **Берунохт** | берун кашидан |
| **Берунрехт** | ба берун рехтан |
| **Берунсимо** | симои берунӣ |

| | |
|---|---|
| **Берунсӯ(й)** | сӯ (самт) ба берун доштагӣ |
| **Берунсӯйӣ** | ба берун сӯ (самт) доштан |
| **Берунтохт** | давида (тохта) берун омадан |
| **Берунхазӣ(ш)** | ба берун хазидан |
| **Берунхазо** | ба берун хазанда |
| **Беруншоро** | ба берун шоранда |
| **Беруншорой** | ба берун шорида баромадан |
| **Бехканд** | аз бех канда партофтан |
| **Бехмева** | меваe, ки аз бехи растанӣ (гиёҳ) гирифта мешавад (масалан, чормағзи заминӣ) |
| **Бехнавда** | навдае, ки аз бехи дарахт сабзида баромадааст |
| **Бехпӯсиш** | аз бех (таг) пӯсидан |
| **Бехт** | ниг.: **безиш** |
| **Бехтафзор** | афзори бехтан (тоза кардан, пок сохтан) |
| **Бехушт** | аз бех баркандан |
| **Бехшоха** | шохае, ки аз бехи дарахт ҷудо шудааст |
| **Беҳудагуфт** | гуфт (сухан)-и беҳуда (беҳадаф) |
| **Беҳудакор** | кори беҳуда (беҳадаф) |
| **Беҳкуниш** | беҳкор, адолатпарвар |
| **Бешадон** | ҷангалбон; гиёҳшинос |
| **Бешароҳ** | роҳ (пайроҳа)-е, ки аз даруни беша мегузарад |
| **Бешин** | зиёдтарин, калонтарин, баландтарин ва ғайра |
| **Бешинвазн** | вазни зиёдтарин; одами зиёдвазн |
| **Бешиндарозо** | дарозои зиёдтарин |
| **Бешинжарфо** | жарфои зиёдтарин |
| **Бешиновоз** | дорои овози баландтарин, |

| | |
|---|---|
| | тенор |
| **Бешинпаҳно** | паҳнои зиёдтарин |
| **Бешинроҳ** | роҳи дарозтарин |
| **Бешинрӯз** | рӯзи дарозтарин |
| **Бешиншаб** | шаби дарозтарин |
| **Бечам** | бемаънӣ, бемафҳум |
| **Бешиншумор** | шумори зиёдтарин |
| **Бидиргуфтор** | касе, ки бидир-бидир (беҳудаву баҳуда) гап мезанад |
| **Бимдошт** | бим (тарс) доштан |
| **Бинафзор** | афзори биниш (дид) |
| **Бисовиш** | совидан, совиш, соидан, соиш |
| **Бисуданӣ** | қобили ламс |
| **Боғнова** | новдони боғ (новае, ки тавассути он пасоби боғ берун карда мешавад) |
| **Бодафтиш** | бо таъсири бод афтодан (масалан, дарахтон) |
| **Бодбарф** | барфу боди якҷо |
| **Бодборон** | борону боди якҷо |
| **Бодғалт** | бо таъсири бод ғалтидан (масалан, дарахт) |
| **Бодгаҳ** | ҷое, ки ҳамеша бод мевазад |
| **Бодгирифт** | ниг. **бодгирӣ** |
| **Бодгирӣ** | бод гирифтан; тез шудан, суръат гирифтан |
| **Бодгоҳ** | ниг.: **бодгаҳ** |
| **Бодгустар** | густаришдиҳандаи бод |
| **Бодғуриш** | ғуриши бод |
| **Боддамиш** | дамиши бод |
| **Боддаст** | исрофкунанда |
| **Боддастӣ** | исрофкорӣ |

| | |
|---|---|
| **Боддеҳ(ак)** | абзори боддиҳӣ; воситаи бод дода, тоза кардан (масалан, гандумро) |
| **Боддиҳӣ** | бод (шамол) додан; ба бод додан (масалан, беҳуда сарф кардани чизе) |
| **Боддод** | ниг.: **боддиҳӣ** |
| **Бодкард** | бод дода тоза кардан (масалан, гандум) |
| **Бодкӯб** | туфайл бод кӯбидан (масалан, гандумро) |
| **Бодларз** | аз (бо) таъсири бод ларзанда |
| **Бодларза** | ларза бо таъсири бод |
| **Бодларзиш** | аз (бо) таъсири бод ларзидан |
| **Бодлес** | бо таъсири бод (шамол) лес (лағжонак) шуда |
| **Бодмӯрӣ** | мӯрии бод, яъне, ҷойи махсус дар хона, ки тавассути он бод ба хона ворид мешавад ва ё аз он берун меравад |
| **Бодрез** | бо таъсири бод рехтан (масалан, мева аз дарахт) |
| **Боднамо** | абзоре, ки самти вазиши бодро нишон медиҳад |
| **Боднеру** | неру (энергия)-и бод |
| **Бодовард** | чизе, ки тавассути бод омада, дар як ҷой ҷамъ шудааст |
| **Бодомос** | омос (варам)-и боднок |
| **Бодосиёб** | осиёби бодӣ |
| **Бодпанаҳ** | ҷой, ки ба он бод намедарояд |
| **Бодпаноҳ** | ниг.: **бодпанаҳ** |
| **Бодрафт** | мисли бод рафтан |
| **Бодрез** | ба сабаби вазиши сахти бод рехтани меваҳо аз дарахт |
| **Бодрехт** | бо таъсири бод рехтан |

| | |
|---|---|
| | (масалан, мева аз дарахт) |
| **Бодрона** | воситаи ронанда (берункунанда)-и бод, масалан, аз бадан |
| **Бодрониш** | ба воситаи бод ронда дур кардани чизе аз рӯйи чизе |
| **Бодрӯфт** | тавассути бод рӯфта шудан (масалан, барги хазони дарахтон) |
| **Бодрӯфта** | тавассути бод рӯфтаю дар як ҷо ҷамъшуда (масалан, барги хазони дарахтон) |
| **Бодрӯя** | ҷое (тарафе), ки ба он доим бод мевазад |
| **Бодсанҷ** | абзоре, ки ба воситаи он дараҷаи вазиши бод андозагирӣ мешавад |
| **Бодсанҷӣ** | санҷидани бод |
| **Бодсел** | сели бодҳамроҳ |
| **Бодсӯфта** | бо таъсири бод сӯфташуда |
| **Бодсӯфтагӣ** | тавассути доимӣ вазидани бод сӯфта (ҳамвор) шудани сатҳ (масалан, сатҳи кӯҳ) |
| **Бодхӯрда** | бо таъсири бод хӯрдашуда |
| **Бодхӯрдагӣ** | дар натиҷаи вазиши бод дигар шудани хосияти чизе (масалан, хок) |
| **Бодҷунб** | бо (аз) таъсири бод ҷунбанда |
| **Бодҷунбиш** | бо таъсири бод ҷунбидан (масалан, барги дарахтон) |
| **Бодҷунбиш** | бо таъсири бод ба ҷунбиш омадан |
| **Бодҷунбо** | бо таъсири бод ҷунбанда (масалан, барги дарахтон) |

| | |
|---|---|
| **Бозафтиш** | афтиши такрорӣ, боз афтодан |
| **Бозбурд** | гашта бурдани чизе |
| **Бозгар** | бозкунанда (ошкоркунанда ҳувайдокунанда); кашшоф |
| **Бозгудохт** | аз нав гудохтан, гудохтани такрорӣ |
| **Бозгузошт** | аз нав ба ҷояш гузоштани чизе |
| **Бозгуфт** | ошкоро гуфтан; аз нав гуфтан |
| **Бозгуфта** | сухани аз нав (ё ошкоро) гуфташуда |
| **Бозгӯя** | сухани такроран гуфташуда |
| **Бозист** | ист кардан |
| **Бозкард** | бори нахуст боз кардан; ошкор намудан, ҳувайдо намудан; кашф намудан |
| **Бозкаш** | аз нав кашидан; кашида гирифтан |
| **Бозкашиш** | аз нав кашиш додан |
| **Бозкушо** | ниг.: **бозгар, вогар** |
| **Бозкушоӣ** | ниг.: **бозкард, вокард** |
| **Бозмонд** | аз кор мондан; ақиб мондан, қафомонӣ |
| **Бознамо** | аз нав намоёнкунанда; ошкорсозанда; баёнкунанда |
| **Бознамоӣ** | аз нав намоён кардан; аз нав ошкор сохтан, аз нав баён намудан |
| **Бознишониш** | баргашта ба ҷойи худ нишондан |
| **Бозомад** | баргашт кардан, аз нав омадан |
| **Бозпухт** | аз нав пухтани чизе |

| | |
|---|---|
| **Бозрафт** | гашта рафтан |
| **Бозрехт** | аз нав рехтан (ҷорӣ шудан), аз нав ба резиш омадан |
| **Бозронд** | рондан, дур кардан |
| **Бозрӯ(й)** | рӯйи кушода |
| **Бозрӯя** | рӯяи кушода |
| **Бозтоб** | инъикос |
| **Бозтобӣ** | инъикос шудан |
| **Бозшуморӣ** | аз нав шумор кардан, аз нав ба ҳисоб гирифтан |
| **Бозшумурд** | ниг.: **бозшуморӣ** |
| **Бозҷӯйиш** | амиқтар ҷӯстан |
| **Бозҷӯшонӣ** | такроран (дубора) ҷӯшонидан |
| **Болиш** | сабзиш, нашънамо; рушд |
| **Болобар(ак)** | воситаи ба боло (баландӣ) бардоштан |
| **Болобурд** | ба боло (баландӣ) бурда расондан |
| **Боловар** | болосӯ, болосамт. Ниг.: **вар** |
| **Бологузашт** | ба сӯйи боло гузаштан |
| **Болодиҳӣ** | ба боло додан (равона кардан) |
| **Болодод** | ниг.: **болодиҳӣ** |
| **Болоканор** | канори болои Замин; шимол |
| **Болокард** | боло кардан; бардоштан |
| **Болокаш(ак)** | воситаи ба боло кашида баровардани чизе |
| **Болокашӣ** | ба боло кашидан |
| **Болонамуд** | намуд аз тарафи боло |
| **Болопарид** | ба боло паридан (ҷастан) |
| **Болорафт** | ба боло рафтан; афзудани чизе (масалан, нарх) |
| **Болорӯ** | рӯ ба боло |

| | |
|---|---|
| **Болорӯя** | рӯя (тараф)-и болои чиз |
| **Болосӯ(й)** | сӯ (самт) ба боло доштагӣ |
| **Болосӯйӣ** | ба боло сӯ (самт) доштан |
| **Болорчӯб** | чӯби болорӣ |
| **Болофишурӣ** | ба боло фишурдан (фишор овардан) |
| **Болохест** | ба боло хестан (баланд шудан) |
| **Болоҷаст** | ба боло ҷастан |
| **Болоҷунбиш** | ҷунбиш (харакат) ба сӯйи боло |
| **Болуда** | бузургшуда, афзуда |
| **Бомгоҳ** | субҳдам, вақти саҳар |
| **Бомнова** | новдони бом (новадоне, ки тавассути он оби борони дар бом ҷамъшуда мерезад) |
| **Бонгоҳ** | ҷойи нигоҳубин (парвариш, табобат) кардан; |
| **Борбардошт** | қобилияти чӣ қадар боло бардоштани бор |
| **Боргирак** | қуттӣ аз тахта, оҳан ё картон барои гирифтани борҳои сабук |
| **Борикнайча** | найчаи борик |
| **Борикнова** | новдони борик |
| **Борикроҳ** | роҳи борик |
| **Борикрӯда** | рӯдаи борик; дорои рӯдаи борик |
| **Боркард** | ба чизе бор кардани чизи дигар |
| **Борқуттӣ** | ниг.: **боргирак** |
| **Боровард** | бор овардан; ҳосил додан |
| **Боровварӣ** | ниг.: **боровард** |
| **Бороноба** | оби борон |

| | |
|---|---|
| **Боронпош(ак)** | воситаи ба вуҷуд овардани борони сунъӣ |
| **Бостонгоҳ** | замони бостон (қадим) |
| **Бостонкада** | када (шаҳр)-и бостон (қадима) |
| **Бофа** | маҳсулот (ашё) барои бофтан; дарза, банд |
| **Бофиш** | амали бофтан |
| **Бофтафзор** | афзори бофандагӣ |
| **Бофтгоҳ** | коргоҳи бофандагӣ |
| **Бофтора** | тораи бофа |
| **Бошастравӣ** | бо шаст (шитоб) рафтан |
| **Бувиш** | буд, ҳастӣ; *материя* |
| **Буғанбора** | воситаи ғун (ҷамъ) кардани буғ |
| **Буғандуз** | воситаи андӯхт (ҷамъ) кардани буғ |
| **Буғандухт** | захира (ҷамъ) кардани буғ |
| **Буғгардон(ак)** | воситаи ба буғ табдил додан |
| **Буғгардонӣ** | ба буғ табдил ёфтан |
| **Буғдиҳӣ** | буғ додан, буғдор кардан |
| **Буғғундор** | воситаи ғун (ҷамъ) кардани буғ |
| **Буғзудоӣ** | бартараф кардан (зудудан)-и буғ |
| **Буғикушт** | буғӣ карда куштан |
| **Буғоб** | оби буғшуда (бухоршуда) |
| **Буғосиёб** | осиёби буғӣ (бухорӣ) |
| **Буғпаз** | тавассути буғ пухташуда |
| **Буғпухт** | ба воситаи буғ пухтан (пазондан) |
| **Буғроҳа** | роҳ (хат)-и густариши буғ (бухор) |

| | |
|---|---|
| **Буғшуст** | ба воситаи буғ шустан |
| **Будиш** | ҳастӣ, вуҷуд. ниг.: **бувиш** |
| **Будушуд** | моҳият; ҳамагӣ, ҷамъулҷамъ |
| **Бузургкант** | кант (шаҳр)-и бузург (масоҳаташ зиёд) |
| **Бузургкӯҳ** | кӯҳи бузург (баланду васеъ) |
| **Бузургмард** | марди нотарсу ҷасур |
| **Бузурграг** | раги бузурги бадан |
| **Бузургрӯда** | рӯдаи бузурги бадан |
| **Бузургсанг** | санги бузург (калонҳаҷм) |
| **Бузургситора** | ситораи бузург |
| **Бузургтан** | одаме, ки тану ҷуссаи бузург (калон) дорад |
| **Бузургшаҳр** | шаҳри бузург (масоҳаташ зиёд) |
| **Булӯрбаст** | бо ҳам пайваст кардани чанд булӯр, кристаллизатсия |
| **Булӯршиша** | шишаи аз булӯр сохташуда |
| **Бунканд** | аз бун (бех, реша) баркандан |
| **Бурафзор** | афзори буриш |
| **Бурз** | қад, қомат |
| **Бурзанд** | баландқад, баландқомат; сар ба фалак |
| **Бурзандбино** | бинои серошёна |
| **Бурзандкӯҳ** | кӯҳи баланд |
| **Буридагоҳ** | ҷойи буридашуда |
| **Бурениш** | бурида гушаштан |
| **Буровард** | буровардан, баровардан |
| **Бурозанд** | ниг.: **бурзанд** |
| **Бурункард** | ниг.: **берункард** |
| **Бурунлӯла** | лӯла (қубур)-и баровард (масалан, об, гармӣ ва ғайраро) |
| **Буруновард** | аз дарун ба берун |

| | |
|---|---|
| | баровардан; ҳувайдо кардан, намудор кардан |
| **Бурунрафт** | ниг.: **берунрафт** |
| **Бурунрехт** | ба берун (аз дарун) рехтан |
| **Бурунҷаст** | ба берун (аз дарун) ҷастан |
| **Буруншор** | ба берун (аз дарун) шоридан |
| **Бӯйзудо** | воситаи бӯйравонӣ (бебӯйгардонӣ) |
| **Бӯйзудоӣ** | ниг.: **бӯйравонӣ** |
| **Бӯйравонӣ** | ниг.: **бӯйрониш** |
| **Бӯйрониш** | равонидани бӯй (масалан, тавассути шамолдиҳӣ аз хона) |
| **Бӯёгиёҳ** | гиёҳи хушбӯй |
| **Бӯёгул** | гули бӯйиданӣ, гули хушбӯй |
| **Бӯёй** | бӯйпазир |
| **Бӯззамин** | замини бӯз (хамида, нишеб) |
| **Бӯронбарф** | барфи ҳамроҳ бо бӯрон |
| **Бӯронабр** | абри бӯронӣ |
| **Бӯғча** | як бастаи чизе (масалан, либос) |
| **Бӯғчабандӣ** | бӯғча карда бастан |
| **Бӯғчабаст** | ниг.: **бӯғчабандӣ** |
| **Бӯданг** | ҳисс, фаросат, заковат |
| **Бӯйбарӣ** | пайхаст кардан, фаҳм кардан, пай бурдан |
| **Бӯйбӯёниш** | бӯёниши бӯй ба касе |
| **Бӯйиш** | таҳқиқ кардан, санҷидан |
| **Бӯроб** | оби бӯр (сафед, беранг) |
| **Бӯрхок** | хоки бӯр (сафед) |
| **В** | |
| **Вағида** | пажмурдашуда; хушкшуда |
| **Вағидагиёҳ** | гиёҳи хушкидаю |

| | |
|---|---|
| | пажмурдашуда вағида (хушкшуда) |
| **Вағиш** | бо таъсири нури офтоб сӯхтаю пажмурда шудани гиёҳҳо |
| **Ванггуфтор** | хубгуфтор, некгуфтор |
| **Ванграфтор** | хубрафтор, некрафтор |
| **Вандина** | ниг.: **бандина** |
| **Ваноғ** | ғоз; ғози пашм ё пахта |
| **Ваноғкашӣ** | ғозкашӣ; ба ришта табдил додани пашм ё пахта |
| **Вар** | сӯй, ҷониб; тараф; самт |
| **Варгардон** | сӯгардон, аз сӯйе ба сӯйе гардонидан |
| **Варгардонӣ** | аз сӯйе ба сӯйе гардониданиичизе |
| **Варнамо** | сӯнамо; қутбнамо |
| **Варамиш** | амали варам кардан |
| **Варзафзор** | афзори варзишӣ |
| **Варз(иш)ғӯла** | ғӯлаи варзишӣ |
| **Варзоб** | оби киштукор |
| **Вархӯрд** | бархӯрд |
| **Варҷаст** | ба боло ҷаҳидан |
| **Васса** | порачӯби тарошу ҳамворкардашудае, ки зимни сохтани хона байни болорҳо чинанд |
| **Вассачинӣ** | чиндани васса байни болорҳои хона |
| **Вахш** | паём, сухан, вожа |
| **Вахшур** | паёмовар |
| **Вехмева** | ниг: **бехмева** |
| **Вехпӯсиш** | ниг.: **бехпӯсиш** |
| **Вешкат** | ҷойи сералаф: алафзор |

| | |
|---|---|
| **Вижавожагон** | вожаҳои вижае, ки барои ифода кардани номи мафҳумҳои марбут ба соҳаҳои алоҳидаи фаъолияти инсон (илм, адабиёт, техника, ҳарб ва монанди инҳо) истифода мешавад, масалан, донишвожагон, касбвожагон, ҳунарвожагон ва ғайра. |
| **Вир** | ҳуш, фаҳм, идрок |
| **Во** | кушода, боз; аз нав, такроран; баръакс |
| **Воафтиш** | боз афтодан |
| **Воб** | як даста ё қабзаи чизе |
| **Воббандӣ** | даста-даста бастан |
| **Вобмонӣ** | даста-даста мондан |
| **Вобонг** | бонги ҷавобӣ бар амале (рафторе) |
| **Вогар** | каси бори нахуст ошкоркунанда (возкунанда, ҳувайдокунанда); кашшоф |
| **Вогардиш** | гардиши баръакс |
| **Вогашт** | бозгашт, гашти баръакс |
| **Вогир** | аз нав гиранда; аз нав дармонанда (гиршаванда); сирояткунанда, гузаранда |
| **Вогирӣ** | аз нав гирифтан (доштан); аз нав дармондан (гир шудан); сироятӣ |
| **Вогуфт** | ошкоро гуфтан |
| **Воғор** | ғори боз |
| **Водид** | аз нав дидан |
| **Водиҳиш** | боз додан |
| **Вод** | бод |
| **Водод** | ниг.: **водиҳиш** |

| | |
|---|---|
| **Вожиш** | сухангӯйӣ |
| **Воёфт** | аз нав дарёфт кардан; бозёфт; захира, посира |
| **Воёфта** | аз нав ёфашуда; бозёфтшуда; захирашуда (масалан, анвои хӯрданӣ); мазмун |
| **Вок** | овоз; забон, сухан |
| **Вокард** | ҳувайдо намудан, боз кардан, ошкор намудан, кашф намудан; ҳал кардан |
| **Вокарда** | ҳувайдо кардашуда, боз кардашуда, ошкор кардашуда, кашф кардашуда |
| **Вокушо** | ниг.: **вогар, бозкушо** |
| **Вокушой** | ниг.: **вокард, бозкушой** |
| **Вонишаст** | аз нав нишаст кардан |
| **Воомад** | гашта омадан |
| **Вопазир** | аз нав пазиранда (қабулкунанда) |
| **Вопазирӣ** | аз нав пазируфтан (қабул кардан) |
| **Вопайваст** | аз нав пайваст шудан (ба ҳам омадан) |
| **Вора** | мавсим |
| **Вораванд** | раванди баръакс |
| **Ворает** | ниг.: **вораҳой** |
| **Ворафт** | гашта рафтан |
| **Вораҳой** | раҳой ёфтан |
| **Вораҳониш** | раҳой додан, халос кардан |
| **Ворӯ(й)** | рӯйи боз |
| **Ворӯя** | рӯяи боз |
| **Восанҷиш** | аз нав санҷидан |
| **Воситониш** | востонидан, пас гирифтан |
| **Вот(а)** | атрофи қитъаи замини киштбоб |

| | |
|---|---|
| **Вотоба** | пасобе, ки аз вот, яъне аз атрофи қитъаи замини киштбоб баъди обёрӣ ҷорӣ мешавад |
| **Вохазиш** | хазида даромадан |
| **Воҷа** | вожа, калима; сухан, гап |
| **Воҷабидан** | аз нав ҷабида шудан |
| **Воҷабиш** | амали такроран ба худ ҷабидан |
| **Вошоридан** | аз нав шоридан |
| **Вошориш** | шориши баръакс |
| **Вошуд** | боз шудан, во (кушода) шудан |
| **Вошуда** | бозшуда, кашфшуда, ошкоршуда |
| **Вошумурд** | бозшумурд, аз нав шумор кардан |
| **Вуребгоҳ** | ҷойи вуреб (уреб) |
| **Вуребравӣ** | вуреб (уреб) рафтан |
| **Вуребрафт** | ниг.: **вуребравӣ** |
| **Вуребраҳ** | роҳи вуреб (уреб) |
| **Г** | |
| **Габз** | ғафс; фарбеҳ, тануманд |
| **Габзабрӯ** | абрӯи ғафсдошта |
| **Габздуд** | дуди ғафс |
| **Габзидан** | ғафс шудан, фарбеҳ шудан |
| **Габзлаб** | лаби ғафсдошта |
| **Габзовоз** | овози ғасдошта |
| **Габзтана** | танаи ғафсдошта |
| **Габзчӯб** | чӯби танаи ғафсдошта |
| **Гавакомад** | гавида (хазида) омадан |
| **Гавакрафт** | гавида (хазида) рафтан |
| **Гавз** | дарахти чормағз |

| | |
|---|---|
| **Гавзмева** | меваи гавз (чормағз) |
| **Гавдол** | чоҳ, ғор |
| **Гаво** | далер, паҳлавон |
| **Гавомард** | марди далер |
| **Газандагиёҳ** | гиёҳи газанда |
| **Газафзор** | афзори газидадоранда (масалан, анбӯр) |
| **Гандабӯй** | бӯйи ганда (бад)дошта |
| **Гандагуфтор** | шахси бадгуфтор |
| **Ганданамо** | бадрӯй |
| **Ганданигоҳ** | касе, ки нигоҳи ганда (бад) дорад |
| **Гандарафтор** | шахси бадрафтор |
| **Гандачашм** | бадчашм, одами чашмӣ |
| **Гандбо** | хӯрок (ғизо)-и гандида (вайроншуда, туршшуда) |
| **Гандбӯй** | бӯйи ганда (бад) доштагӣ |
| **Гандина** | чизҳои хӯрдании вайроншуда |
| **Гандмева** | меваи гандида, аз дарун вайроншуда |
| **Гандоба** | оби гандида; заҳоб |
| **Гандумпайа** | пай (замин)-е, ки дар он танҳо гандум мекоранд |
| **Гандумпаға** | паға (каҳ, коҳ)-и гандум |
| **Гапбар** | гапро аз ҷойе ба ҷойи дигар расонанда |
| **Гапбарӣ** | ба ҷойи дигар паҳн кардани гапе |
| **Гапбоф** | оид ба масъалае гап бофанда (созанда); гапи бофта (дурӯғин)-ро паҳнкунанда |
| **Гапбофӣ** | паҳн кардани гапи бофта (дурӯғин); пардоз додани сухан |

| | |
|---|---|
| **Гапгир** | касе, ки сиреро аз гуфтаи каси дигар мефаҳмад, ҷосус |
| **Гапгирӣ** | гуфтаи касеро ба таври махфӣ гӯш кардан |
| **Гапданг** | одаме, ки фикри хуро пурра баён карда наметавонад |
| **Гапдаро** | касе, ки ба гапи каси дигар мувофиқ шуданаш мумкин аст |
| **Гапёбӣ** | оид ба масъалае гап ёфта, баён кардан |
| **Гапковӣ** | кофтани маънии гапи касе; суханчинӣ кардан; |
| **Гапкушоӣ** | оид ба масъалае гапро оғоз кардан |
| **Гапнодаро** | одаме, ки гапи касеро гӯш намекунад |
| **Гапношунав** | одаме, ки тоқати шунидани гапи одами дигарро надорад |
| **Гаппазонӣ** | дар сари масъалае гап зада, касеро розӣ кардан |
| **Гаппаронӣ** | кӯшиши суханкунӣ кардан ба хотири ба худ ҷалб намудани каси дигар |
| **Гаппартоӣ** | гапро сар кардан ба хотири ба сӯҳбат кашидани каси дигар |
| **Гапсоз** | созанда (бофанда)-и гап |
| **Гапсозӣ** | интихоб кардани вожаҳои мувофиқ ва сохтани гап |
| **Гар** | ғар, кӯҳ |
| **Гарангнамо** | одаме, ки гаранг (кунд, сода) менамояд. |
| **Гарбод** | боде, ки аз сӯйи гар (ғар, кӯҳ) мевазад |

| | |
|---|---|
| **Гаргина** | одаме, ки дар рӯяш донаҳои зиёди сиёҳ (гарг) мавҷуд аст |
| **Гарда** | хока, суда |
| **Гарданзеб(а)** | зебаи гардан, ҳар чизи зебо барои ба зери гардан бастан |
| **Гарданоро** | ородиҳандаи зери гардан, ҳар чизи зебо барои ороишу зебоии зери гардан |
| **Гардинаҳо** | гардандаҳо (мор ва дигар навъи ҳайвоноти гардандаю хазанда) |
| **Гардишафзо** | воситаи афзункунандаи гардиш (масалан, чарх) |
| **Гардишафзоӣ** | афзудани гардиш |
| **Гардишбоб** | боб (қобили)-и гардиш |
| **Гардоман** | кӯҳдоман |
| **Гардона** | воситаи гардонанда (гардишдиҳанда) |
| **Гардониш** | гардонидан, табдил додан, мубаддал кардан; |
| **Гардонкӯра** | кӯраи гардон (чархзананда) |
| **Гарз** | чора, илоҷ |
| **Гарзандешӣ** | чораандешӣ |
| **Гарзҷӯйӣ** | чораҷӯйӣ |
| **Гаристон** | кӯҳистон |
| **Гармбод** | боди гарм |
| **Гармдору** | доруи баданро гармкунанда |
| **Гармиандӯзӣ** | ниг.: **гармиғун(д)оӣ** |
| **Гармиафзоӣ** | зиёд кардани гармӣ |
| **Гармибон** | воситаи нигоҳ доштани гармӣ |
| **Гармибонӣ** | амали нигоҳ доштани гармӣ |
| **Гармивиро** | ниг.: **гармипазир** |
| **Гармивироӣ** | ниг.: **гармипазирӣ** |

| | |
|---|---|
| **Гармиғун(д)ой** | ғунд (захира) шудани гармӣ |
| **Гармизудо** | зудудандаи гармӣ |
| **Гармизудой** | бартараф кардан (зудудан)-и гармӣ |
| **Гармиофар** | бавуҷудоварандаи гармӣ |
| **Гармиофарӣ** | амали ба вуҷуд овардани гармӣ |
| **Гармипазир** | ба гармӣ тобоваранда |
| **Гармипазирӣ** | ба гармӣ тобовар будан |
| **Гармирасон(ак)** | воситаи ба ҷойи зарурӣ бурда расонидани гармӣ |
| **Гармирасонӣ** | таъмини гармӣ |
| **Гармомоя** | моя (манбаъ)-и гармӣ |
| **Гармонеру** | неруи гармоӣ (неру, яъне, энергияе, ки аз ҳисоби гармӣ ба даст оварда мешавад) |
| **Гармнигоҳ** | нигоҳи гарм; нигоҳи меҳромездошта |
| **Гароистанӣ** | қобили ҷазб (кашиш, майл) |
| **Гарсор** | кӯҳсор |
| **Гаҳёра** | гоҳ-гоҳ |
| **Гаҳбод** | боди гаҳ-гаҳ вазанда |
| **Гаҳбориш** | гаҳ-гаҳ боридан |
| **Гаҳзаҳиш** | гаҳ-гаҳ заҳида баромадан |
| **Гаҳларз** | гаҳ-гаҳ ларзанда |
| **Гаҳларзиш** | гаҳ-гаҳ ларзидан |
| **Гаҳпайдо** | гаҳ-гаҳ пайдошаванда |
| **Гаҳпарид** | гаҳ-гаҳ паранда |
| **Гаҳтоб** | гаҳ-гаҳ тобанда |
| **Гаҳҷунбо** | гаҳ-гаҳ ҷунбанда |
| **Гаҷ** | маводи сохтмонӣ |
| **Гаҷтахта** | тахтае, ки аз гаҷ сохта шудааст |

| | |
|---|---|
| **Гаҷсанг** | санги гаҷин |
| **Гашн** | анбӯҳ, бисёр |
| **Гаштомад** | гашта омадан |
| **Гетигардӣ** | ҷаҳонгардӣ, гардиши гетӣ кардан |
| **Гетидида** | ҷаҳондида |
| **Гетинавард** | ҷаҳонгард |
| **Гетинавардӣ** | ниг.: **гетигардӣ** |
| **Гетинамо** | ҷаҳоннамо |
| **Гетиогоҳ** | аз гетӣ (ҷаҳон) бохабап |
| **Гиёҳвожагон** | вожагоне, ки номи гиёҳҳоро ифода мекунанд |
| **Гиёҳдона** | донаҳои гиёҳ, ғалладона |
| **Гиёҳзор** | ҷойи сергиёҳ |
| **Гиёҳхор** | гиёҳхӯранда |
| **Гиёҳшира** | ширaи гиёҳ |
| **Гилхум** | хуми гилин |
| **Гилзамин** | замини гилхок |
| **Гилкон** | кони гил |
| **Гилмол** | бо гил (лой) молида, гилолуда кардан |
| **Гилоба** | оби гилнок |
| **Гилолоиш** | бо гил (лой)  олуда кардан |
| **Гилолуда** | бо гил (лой) олудашуда |
| **Гиломехта** | бо гил (лой) омехташуда |
| **Гиломезиш** | бо гил (лой) омехта кардан |
| **Гилсириштагӣ** | бо гил (лой) сириштaшуда (омехташуда, оғишташуда) |
| **Гилхок** | хоки гилӣ |
| **Гирдагирӣ** | гирда кардан, муҳосира кардан |
| **Гирдазамин** | замини гирд (доира-шакл)-и кишоварзӣ |
| **Гирданон** | нони гирда (доирашакл) |

| | |
|---|---|
| **Гирдароҳ** | роҳи гирда (давра)шакл |
| **Гирдарӯй** | касе, ки рӯяш (чеҳрааш) гирдашакл аст |
| **Гирдарӯя** | чизе, ки рӯяи гирда дорад |
| **Гирдатобӣ** | ба шакли гирда (давра) тофтан |
| **Гирдатофт** | ниг.: **гирдатобӣ** |
| **Гирдгард** | ба таври гирд гарданда (ҳаракаткунанда) |
| **Гирдгардак** | чизе, ки ба таври гирд ҳаракат мекунад |
| **Гирдгардиш** | ба таври гирд гардиш кардан |
| **Гирдгардон(ак)** | воситаи гирд гардонанда |
| **Гирдгардониш** | гирд гардонидан |
| **Гирдгашт** | дар гирди чизе ҳаракат кардан |
| | |
| **Гирддав** | гирдогирд даванда |
| **Гирддавиш** | гирдогирд давидан |
| **Гирдовар** | гирдоваранда, ҷамъкунанда |
| **Гирдойӣ** | гирд (ҷамъ) омадан |
| **Гирдтозӣ** | ниг.: **гирдтохт** |
| **Гирдтохт** | гирдогирд тохтан |
| **Гирдҷунбиш** | ҷунбиш (ҳаракат)-и гирд (доирвӣ) |
| **Гирифтаовоз** | овози гирифта; касе, ки овози гирифта дорад, касе, ки овозаш аз гулӯ пурра барнамеояд |
| **Гиришгоҳ** | ҷойи қапида гирифтан (доштан)-и анбӯр |
| **Гиропанҷа** | панҷаи гиро (боқувват)дошта |
| **Гирудеҳ** | гирифтану додани чизе |
| **Гиршуд** | дар мондан (гир шудан) дар чизе |

| | |
|---|---|
| **Говпиҳ** | пиҳ (чарбу)-и гов |
| **Говҷувоз** | ҷувози говӣ (дастгоҳе, ки ба он говро баста чарх занонда аз кунҷид ё зағир равған мекашанд) |
| **Гомниҳӣ** | гом ниҳодан (гузоштан) |
| **Гоҳбод** | ниг.: **гаҳбод** |
| **Гоҳбориш** | ниг.: **гаҳбориш** |
| **Гоҳзаҳиш** | ниг.: **гаҳзаҳиш** |
| **Гоҳларзиш** | ниг.: **гаҳларзиш** |
| **Гоҳпайдо** | ниг.: **гаҳпайдо** |
| **Гоҳтоб** | ниг.: **гаҳтоб** |
| **Гоҳтобанда** | гоҳ-гоҳ тобанда |
| **Гоҳтобиш** | ниг.: **гаҳтобиш** |
| **Гоҳҷунбанда** | ниг.: **гаҳҷунбанда** |
| **Гоҳҷунбо** | ниг.: **гаҳҷунбо** |
| **Гуволиш** | гуволидан, нашъунамо кардан |
| **Гувориш** | гуворидан, ҳазм кардан |
| **Гудозбоб** | гудохташаванда, гудохтпазир |
| **Гудоздиҳӣ** | гудохтан, ба гудоз овардан |
| **Гудоздош** | дош (кӯра, хумдон)-и гудозиш |
| **Гудозкӯра** | кӯрае, ки барои гудохтан истифода мешавад |
| **Гудозониш** | ба ҳолати гудохта овардан |
| **Гудозпазир** | ниг.: **гудохтпазир** |
| **Гудозпазирӣ** | ниг.: **гудохтпазир** |
| **Гудохтанамак** | намаки гудохташуда |
| **Гудохтаоҳан** | оҳани гудохта |
| **Гудохтпазир** | гудохташаванда |
| **Гудохтпазирӣ** | ба гудохтан тоқатпазир будан, гудохташаванда |

| | |
|---|---|
| | будан |
| **Гузаркард** | гузар кардан, тай кардан |
| **Гузаштарафт** | аз ҷое гузашта рафтан |
| **Гузашткайон** | кайон (замон)-и гузашта |
| **Гузошт** | амали гузоштан |
| **Гулгарда** | гардаи гул |
| **Гумезиш** | омехта кардан, якҷо кардан |
| **Гумоба** | ҷойи жарфи оби дарё ё кӯл |
| **Гумона** | фарзия |
| **Гумора** | ба вазифа таъйишуда |
| **Гумориш** | гумоof ридан, ба вазифае таъйин кардан; вазифадор кардан ба коре |
| **Гунда** | ниг.: **ғунда** |
| **Гундидан** | ғунҷидан |
| **Гунда** | ғализ, дурушт; ғафс |
| **Гундаоб** | оби гунда, яъне ғализ |
| **Гундо** | ҳаким, мутафаккир |
| **Гундоён** | ҳакимон, мутафаккирон |
| **Гурграфтор** | одаме, ки рафтораш монанд ба рафтори гург аст |
| **Гурезониш** | ба гурез водор кардан, гурзонидан |
| **Гурезроҳ** | роҳи гурез, роҳи наҷот |
| **Гурдмард** | марди паҳлавон |
| **Гурм** | ҷойи шохзании дарахт пас аз буридани шох |
| **Гурмгирӣ** | бартараф кардани гурм (чашмак)-ҳои чӯб (тахта) |
| **Гурмтарошӣ** | тарошида партофтани гурм (чашмак)-ҳои чӯб (тахта) |
| **Гусаландагӣ** | шикастан, кандан, буридан, пора кардан; кашидан, ҷудо ва дур кардан аз ҷое; канда шудан, пора шудан |

| | |
|---|---|
| **Густарддиҳӣ** | густард додан, густариш додан, паҳн кардан |
| **Густаришёбандагӣ** | хусусияти густариш (паҳншавӣ) доштан |
| **Гуҳр** | гавҳар; нажод, пушту насаб |
| **Гушодагӯй** | гушода (ошкоро) гапзананда |
| **Гӯёй** | мантиқ |
| **Гӯёниш** | гӯёнидан, омӯзонидан, фаҳмонидан |
| **Ғ** | |
| **Ғадачӯб** | чӯби ғафсе, ки барои сохтани пул (купрук) истифода мекунанд |
| **Ғаждмева** | меваи захмдор |
| **Ғайдмева** | меваи дарахти пайвандӣ |
| **Ғаланг** | кушод, боз, васеъ |
| **Ғалангӣ** | ҷойи кушоду васеъ |
| **Ғалт** | афтодан, фурӯ рафтан |
| **Ғалтиш** | ғалтидан; афтидан |
| **Ғалтона** | ғалтонанда |
| **Ғанабравӣ** | хоки сабук кардан |
| **Ғанабхоб** | хоби сабук, пинак |
| **Ғанак/ғундак** | дар як ҷо ғунд кардашуда |
| **Ғанакзанӣ** | дар як ҷо ҷамъ кардани дарзаҳои масалан гандум ё алаф |
| **Ғанг** | дашғоле, ки пас аз анҷоми кори парвариши кирми пилла боқӣ мемонад, ғанги пилла |
| **Ғанз/ғузн** | тарма; пирях |
| **Ғанҷ** | монанда, гуна |
| **Ғарамбор** | бори ғарамкардашуда |

| | |
|---|---|
| | (тӯдакардашуда) |
| **Ғарбод** | боде, ки аз сӯйи ғар (кӯҳ) мевазад |
| **Ғафсдевор** | девори ғафс |
| **Ғафспайкар** | пайкар (тан)-и ғафсдошта |
| **Ғафспоя** | дорои пояи ғафс (масалан, зироат) |
| **Ғафспӯша** | пӯшаи ғафс; чизе, ки пӯшаи ғафс дорад |
| **Ғафстан** | тани ғафсдошта, фарбеҳ |
| **Ғашоба** | оби олуда (чиркин) |
| **Ғеба** | ноқобил, ноуҳдабаро |
| **Ғева** | танин, овоз |
| **Ғевандозӣ** | танинандозӣ; овоз баровардан |
| **Ғела** | чизи тӯбшакл (доирашакл) |
| **Ғелак** | чизи ғеланда |
| **Ғелабаст** | ба шакли ғела (тӯб, доира) бастан |
| **Ғелабурд** | ғелонда-ғелонда бурдан |
| **Ғелакард** | ба шакли ғела (тӯб) даровардан |
| **Ғеларафт** | ғелида-ғелида рафтан |
| **Ғеласанг** | санги ғелпазир |
| **Ғелахӯрд** | ғел хӯрдан, ғеҷидан |
| **Ғелачиз** | чизи ғеланда |
| **Ғелачӯб** | чӯби ғелпазир; чӯб барои ғелонда бурдани чизҳои дигари вазнин |
| **Ғелзанӣ** | ғел задан, ғел хӯрдан |
| **Ғеломад** | ғелида- ғелида омадан |
| **Ғелона** | ғелонанда; воситаи ба ғелиш оваранда |
| **Ғелониш** | ба ғелиш овардан |

| | |
|---|---|
| **Ғелхӯрд** | ғелидан |
| **Ғеҷа(к)** | ғеҷанда |
| **Ғеҷабурд** | ғеҷонда-ғеҷонда бурдан |
| **Ғеҷағӯла** | ғӯла барои ғеҷонда бурдани чизҳои вазнин |
| **Ғеҷаовард** | ғеҷонда-ғеҷонда овардан |
| **Ғеҷаомад** | ғеҷида-ғеҷида омадан |
| **Ғеҷарафт** | ғеҷида-ғеҷида рафтан |
| **Ғеҷона** | ғеҷонанда; воситаи ба ғеҷиш оваранда |
| **Ғиревбод** | бод ибо ғирев (ғурриш) вазанда |
| **Ғиревоб** | оби бо ғирев (шӯру шиддат) ҷоришаванда |
| **Ғиҷабаст** | ғиҷ (ҷафс) карда бастан |
| **Ғиҷима** | ғиҷимкардашуда; поймолкардашуда; зеркардашуда; фишурдашуда |
| **Ғиҷимкард** | ғиҷим кардан; поймол намудан; зери по кардан; фишурдан |
| **Ғиҷимшуст** | ғиҷим карда шустан |
| **Ғозафзор** | афзори ғозидан (ғоздиҳӣ) |
| **Ғоздорӣ** | хусусияти ғозидан (ёзидан) доштан |
| **Ғозиш** | ғоз-ғоз карда, ҳосил кардани нах (масалан аз пашм, пахта) |
| **Ғола** | хурд; майда |
| **Ғоласанг** | санги хурд; санги майда |
| **Ғужоба (ғуҷоба)** | оби ками дар ҷӯйбор ҷоришаванда |
| **Ғулғулаандоз** | ғулғулаандозанда |
| **Ғулғулаандозӣ** | ғулғула андохтан |
| **Ғунда** | ғундида, ҷамъшуда: кулӯла |

| | |
|---|---|
| **Ғундасанг** | санги ғундашакл (кулӯла) |
| **Ғундасон** | ба сон (монанд)-и ғунда |
| **Ғундачиз** | чизи ғундашакл |
| **Ғундачӯб** | чӯби ғундашакл (кулӯла), ғӯлачӯб |
| **Ғундвора** | чизи ғундашакл |
| **Ғундгил/ғунгил** | гил (лой)-и махсуси ғафси тайёркардашуда барои хобонидан ба боми хонаи навсохташуда |
| **Ғундидан** | ҷамъ шудан; кулӯла шудан |
| **Ғундиш** | ғундидан, ҷамъ шудан |
| **Ғундоварӣ** | ғун кардан, захира намудан (масалан, неру, гармӣ ва ғайра) |
| **Ғундо(й)ӣ** | дар як ҷо ғун (ҷамъ) шудан |
| **Ғундошт** | ғун кардан, захира намудан |
| **Ғундучинд** | ҷамъоварӣ кардан (масалан, ҳосили пахта) |
| **Ғуноиш** | ғун шудан, захира шудан (масалан, неру, гармӣ ва ғайра) |
| **Ғуноя** | воситаи ғунду захира кардан; ғункунанда, захиракунанда |
| **Ғуну/ғунав/ғанав** | пинак, хобрафти муваққатӣ |
| **Ғунурафт/ғанабрафт** | ғуну (пинак) рафтан |
| **Ғурришкард** | ғурриш кардан, ба ғурриш омадан |
| **Ғурбод** | боди ғурришнок |
| **Ғуркард** | ғурридан, ғур (ғурриш) кардан |
| **Ғуровоз** | овози ғурришнок; овози дорои ғурриш |

| | |
|---|---|
| **Ғурӯшабандӣ** | ғурӯша бастан |
| **Ғурӯшагардонак** | абзори ба ғурӯша табдил додан |
| **Ғурӯшагардонӣ** | ба ғурӯша табдил додан |
| **Ғурӯшасозӣ** | ба шакли ғурӯша овардан |
| **Ғут** | санги тӯбшакл, тӯбсанг |
| **Ғутсанг** | санги ғут (тубшакл) |
| **Ғӯлакбур** | ғӯлак-ғӯлак буридашуда |
| **Ғӯлакбурӣ** | ғӯлак-ғӯлак буридан |
| **Ғӯлакчӯб** | чӯби ғӯлак буридашуда |
| **Ғӯласанг** | санги ғӯлашакл |
| **Ғӯласутун** | сутуни ғӯлашакл |
| **Ғӯлафарш** | фарши аз ғӯлачӯб сохташуда |
| **Ғӯлачарх** | чархе, ки шакли ғӯла дорад; чархе, ки аз ғӯла сохта шудааст |
| **Ғӯраоб** | оби ғӯраи мевае, афшураи ғӯра |
| **Ғӯтидан** | ба чизе фурӯ рафтан |
| **Ғӯтиш** | ғӯтидан (масалан, дар об, лой, ботлоқ); ғӯтавар шудан |
| **Ғӯш** | дарахти кӯҳие, ки чуби он бисёр сахт аст ва аз он дастаи белу табар ва монанди инҳо месозанд |
| **Ғӯщдаста** | дастаи бел ва монанди инҳо, ки аз ҷуби ғӯш сохта шудааст. ниг.: **ғӯш** |
| **Д** | |
| **Давгузар** | давида (тохта) аз ҷое ба ҷое гузаранда |
| **Давгузашт** | давида (тохта) гузаштан |
| **Давобоб** | боби даво (масалан, ягон |

| | |
|---|---|
| | дору) |
| **Давоворӣ** | воситаҳои давобахшӣ (табобатӣ) |
| **Давомад** | давида (тохта) омадан |
| **Давогиёҳ** | гиёҳи давоӣ (шифобахш) |
| **Давогил** | ниг.: **даволой** |
| **Даводору** | доруи давоӣ |
| **Даволой** | лойи давобахш (табобатӣ) |
| **Давокор** | табиб, пизишк |
| **Давониш** | давондан, ба дав овардан |
| **Давооб** | оби давоӣ (табобатӣ) |
| **Давочашма** | чашмаи давобахш (шифобахш) |
| **Давпар** | давида паридан |
| **Давпариш** | давида ба парвоз омадан |
| **Давраф** | давида (тохта) рафтан |
| **Давҷаст** | давида ҷастан |
| **Дағзамин** | замини нокорам (корамнашуда) |
| **Дажгуфтор** | одами бадгуфтор |
| **Дажоб** | оби дажғолдор (чиркин) |
| **Дажрафтор** | одаме, ки рафтори даж (бад) дорад |
| **Дайдубод** | боди дайду (ба ҳар ҷо паҳншаванда) |
| **Дак** | монеа |
| **Дакдиҳӣ** | монеъ шудан, халал расонидан |
| **Дакхӯрд** | дакка хӯрдан, такон дидан |
| **Дамабод** | боди сарди бо шаст вазанда |
| **Дамазад** | хунук задан |
| **Дамакард** | дама кардан |
| **Дамаомад** | сардӣ омадан |
| **Дамгирӣ** | нафас гирифтан; истироҳат кардан |

| | |
|---|---|
| **Дамдиҳак** | афзори дамдиҳӣ; афзоре дар оҳангархонаҳои пешин, ки барои додани ҳаво ба аловхона хизмат мекард |
| **Дамдиҳӣ** | дам додан, нафас додан; буғдиҳӣ |
| **Дамдод** | бо дам пур кардани даруни чизе |
| **Дамидаоб** | оби дамида (баландшуда) |
| **Дамидарехт** | дамида рехтан (масалан, шир) |
| **Дамишдорӣ** | хусусияти дамидан доштан |
| **Дамкард** | ниг.: **дамдод** |
| **Дамонбод** | боди дамон (туғёнкунанда) |
| **Дампухт** | дам (буғ) дода пухтан |
| **Дамҳаво** | ҳавои дам (гарму бешамол) |
| **Дандмаза** | дорои мазаи данд (турш) |
| **Дандмева** | меваи данд (турш) |
| **Дандонапайваст** | дандона ба дандона пайваст кардан (дар асбобҳои техникӣ) |
| **Дандоначарх** | чархи дандонадор дар асбобҳои техникӣ) |
| **Дандонгазид** | бо дандон газидани чизе |
| **Дандонканд** | бо дандон кандани чизе |
| **Данидан** | хиромида роҳ рафтан |
| **Даниш** | данидан, хиромида роҳ рафтан |
| **Данрафт** | хиромида-хиромида рафтан |
| **Даравафзор** | афзори даравкунӣ |
| **Даравгаҳ** | вақт (мавсим)-и даравкунӣ |
| **Даракдошт** | дарак доштан |
| **Даракдорӣ** | ниг.: **даракдошт** |
| **Даракёбӣ** | дарак (хабар) ёфтан |

| | |
|---|---|
| **Даракёфт** | ниг.: **даракёбӣ** |
| **Дарандохт** | андохтан, партофтан, партофт кардан |
| **Дарафтиш** | дарафтодан, ҳамла кардан |
| **Дардафзо** | афзункунандаи дард |
| **Дардафзоӣ** | афзун шудани дард |
| **Дарафканд** | канда партофтан |
| **Даргирифт** | ба дарун гирифтани чизе |
| **Даргузошт** | ба дарун гузоштани чизе |
| **Дарддиҳӣ** | ба дард овардан |
| **Дардина** | воситаи дардоварӣ |
| **Дардиҳӣ** | даргиронӣ, оташ додан (масалан, гугирдчӯбро) |
| **Дардёбӣ** | ниг.: **дардкашӣ** |
| **Дардзудо** | воситаи таскини дард |
| **Дардзудоӣ** | зудудан (бартараф кардан)-и дард |
| **Дардфузунӣ** | афзун (зиёд) шудани дард |
| **Даркашид** | ба худ кашидан; ба тамом нӯшидан |
| **Дардкоҳо** | коҳишдиҳанда (камкунанда)-и дард |
| **Дардраҳо** | аз дард раҳокунанда |
| **Дардраҳоӣ** | аз дард раҳо кардан |
| **Дарёфта** | чизи нав ошкоршуда; мазмун |
| **Дарид** | даридан, чок шудан |
| **Дарида** | ҷойи даридагӣ |
| **Даридабандӣ** | бастани ҷойи дарида |
| **Даридағор** | ғори дарида (чокшуда, тарқишдор) |
| **Даридадӯзӣ** | дӯхтани ҷойи даридагӣ |
| **Даридакӯҳ** | кӯҳи дарида (чокшуда, тарқишдор) |
| **Даридашавӣ** | ниг.: **дариш** |

| | |
|---|---|
| **Даридашах** | шахи дарида (чокшуда, тарқишдор) |
| **Даридашеб** | шеби дарида (чокшуда, тарқишдор) |
| **Дариш** | даридан, чок шудан; кафидан |
| **Даркашиш** | амали ба дарун кашидани чизе, масалан об, ҳаво ва ғайра |
| **Дарккард** | дарк кардан, фаҳмидан, эҳсос намудан |
| **Дармона** | воситаи дармонбахшӣ |
| **Дармонбахшӣ** | дармон додан, сиҳатӣ бахшидан |
| **Дармонд** | дар мондан, гир шудан, илоҷ наёфтан |
| **Дармонёбӣ** | дармон ёфтан, сиҳҳат шудан |
| **Дармонёфт** | дармон ёфтан, сиҳҳат шудан |
| **Дармонсозӣ** | дармон бахшидан |
| **Дарнавашт** | навардидан, тай кардан |
| **Дарниҳод** | ба дарун ниҳодани чизе |
| **Дароганд** | чизеро бо чизе огандан (пур кардан) |
| **Дарогузашт** | ба ҷое даромада, аз он ҷо гузашта рафтан |
| **Дарозболо** | дарозқад, баландқад |
| **Дарозкай(ӣ)** | дарозвақт; дарозмуддат |
| **Дарозкӯҳ** | кӯҳи дароз |
| **Дарознова** | новдони дароз |
| **Дарозроҳ** | роҳи дароз |
| **Дарозрӯда** | рӯдаи дароз; дорои рӯдаи дароз |
| **Даромезиш** | ба ҳам омехта шудан |
| **Даррабоиш** | даррабудан, якбора рабуда (кашида) гирифтан |

| | |
|---|---|
| **Даррасид** | дар вақташ расида омадан; фаҳм кардан, пай бурдан |
| **Даррафт** | ба дарун рафтан; ба поён рафтан |
| **Дартукиш** | бо ангушти даст тукидан (кӯфтан)-и дар |
| **Дарунандохт** | ба даруни чизе андохтани чизе |
| **Дарунбаст** | дарун ба дарун бастан |
| **Дарунбин** | асбоби муойина даруни бадан |
| **Дарунбинӣ** | муойинаи даруни бадан |
| **Дарунбофт** | ба дарун гузаронида бофтан |
| **Дарунбурд** | ба дарун бурдан |
| **Дарунгирист** | дарун-дарун гиристан |
| **Дарунгирӣ** | ба дарун гирифтани чизе |
| **Дарунгузашт** | ба дарун гузаштан |
| **Дарунгузошт** | ба даруни якдигар гузоштан |
| **Дарундид** | дидан (муойина)-и даруни чизе |
| **Дарундод** | ба дарун додан |
| **Дарункашӣ** | ба дарун кашидан (фурӯ бурдан) |
| **Дарункофт** | кофта сӯрох кардани даруни чизе |
| **Дарункӯфт** | ба даруни чизе кӯфтани чизи дигар (масалан, мех ба чӯб) |
| **Дарунмонд** | ба даруни якдигар мондан |
| **Дарунмоя** | мазмун, мундариҷа |
| **Даруннамо** | воситаи намоён кардани даруни чизе |
| **Даруннамоӣ** | намоён кардани даруни чизе |
| **Даруннамуд** | намуди дарунӣ |
| **Дарунниҳӣ** | ба дарун ниҳодан |
| **Дарунништаст** | ба дарун нишастан, |

| | |
|---|---|
| | даруннишаст |
| **Даруннишонӣ(ш)** | ба даруни якдигар нишондан (насб кардан) |
| **Дарунойӣ** | ба дарун омадан |
| **Дарунохт** | дарун кашидан |
| **Дарунпайванд** | ба ҳам (вуҷудан) пайванд будан |
| **Дарунпайваст** | ба ҳамдигар пайваста шудан |
| **Дарунпартофт** | ба даруни чизе партофтани чизе |
| **Дарунпӯсида** | сабзавот ва меваҷоти аз дарун пӯсида |
| **Дарунравӣ** | ба даруни якдигар рафтан |
| **Дарунравонӣ** | ба даруни якдигар равона кардан |
| **Дарунрафт** | ба дарун рафтан |
| **Дарунрафта** | ба даруни якдигар равон кардашуда |
| **Дарунрехт** | ба даруни чизе рехтани чизе |
| **Дарунронӣ** | ба дарун равона кардан, масалан доруро ба бадан |
| **Дарунсӯ(й)** | сӯ (самт) ба дарун доштагӣ |
| **Дарунсӯйӣ** | ба дарун сӯ (самт) доштан |
| **Дарунтиҳӣ** | дарунхолӣ, дарунковок |
| **Дарунхазӣ(ш)** | ба дарун хазидан |
| **Дарунхазо** | ба дарун хазанда |
| **Дарунхамонӣ** | ба дарун хамондан (хам кардан) |
| **Дарунчаспонӣ** | аз (ба) дарун часпонидан |
| **Даруншикаст** | аз дарун шикаста шудан |
| **Даруншикаста** | аз дарун шикасташуда |
| **Дарушоро** | ба дарун шоранда |
| **Дарушоройӣ** | ба дарун шоридан |
| **Дункӯфт** | ба даруни якдигар кӯфтан |
| **Дархазиш** | хазида даромадан ба ҷойе |

| | |
|---|---|
| **Дарҳамиш** | ба даруни якдигар кашида шудан |
| **Дарҳамнишонӣ(ш)** | дар даруни якдигар нишондан (насб кардан) |
| **Дастабзор** | абзори дастӣ |
| **Дастдарав** | дарави дастӣ |
| **Дастдарав** | дарави дастӣ |
| **Дастдос** | доси дастӣ |
| **Дастибаст** | тавассути даст басташуда |
| **Дастисоз** | бо даст сохташуда |
| **Дастикофт** | бо даст кофташуда (ҷойеро) |
| **Дастикӯфт** | бо даст кӯфташуда (кӯбидашуда) |
| **Дастнахӯрда** | нахустин |
| **Дасток** | дастак |
| **Дастос** | бо даст ос (майда, реза) кардашуда |
| **Дастреза** | бо даст реза шуда |
| **Дасттеша** | тешаи дастӣ |
| **Дастхарид** | аз даст харидан |
| **Дастчин** | бо даст чиндан (масалан, меваро аз шохи дарахт) |
| **Дафарра** | арраи дафшакл (доирашакл) |
| **Дафбонг** | бонги дафӣ (бонгзанӣ тавассути даф, яъне доира) |
| **Дафмоно** | монанди даф (доира) |
| **Дафово** | овозе, ки дар вақти задани даф мебарояд |
| **Дафсон** | ба сони даф (доира) |
| **Даҳоназанӣ** | бо даҳона (сарпӯш) муҳкам кардан (масалан, зарферо) |
| **Даҳонбандӣ** | бастани даҳони касе ё чизе |
| **Дашғола** | молу колои партофтбоб |
| **Даштбод** | боди аз сӯйи дашт вазанда |

| | |
|---|---|
| **Деворбандӣ** | бо девор бастани атрофи боғ, хона ва монанди инҳо |
| **Деворбардорӣ** | бардоштани девор (аз хишт, лой ва ғайра) |
| **Деворбаст** | ниг.: **деворбандӣ** |
| **Деворгирӣ** | девор гирифтани атрофи боғ, хона ва монанди инҳо |
| **Деворзанӣ** | ниг.: **деворбардорӣ** |
| **Деворкашӣ** | бо девор ҷудо кардан, масалан, атрофи қитъаи заминро |
| **Деггабар** | санге, ки дар қадим аз он дег метарошиданд |
| **Дегпоя** | пояи деггузорӣ |
| **Деранҷом** | дер ба анҷомрасанда, дуру дароз, дунболадор |
| **Дергаҳ** | дер боз, муддати дароз |
| **Дергувора** | дер гуворшаванда, дерҳазм |
| **Деркашид** | дер кашидан, тӯл кашидан, бисёр давом кардан |
| **Деромад** | дер омадан, таъхир карда омадан |
| **Дерпаз** | ҳар маҳсулоти ғизоии дерпазанда |
| **Дерпазир** | дер пазиранда |
| **Дерпо** | побарҷо; давомдор |
| **Дертафсо** | ҳар чизи дер тафсанда |
| **Дерҷунбо** | дерҷунбанда, дерҳаракаткунанда |
| **Дигарбора** | аз нав, муҷаддад |
| **Дигаргуна** | гунаи дигар; шакл (тарҳ)-и дигар |
| **Дигаргунагӣ** | гуна (шакл, тарҳ)-и дигар доштан |

| | |
|---|---|
| **Дидавар** | назораткунанда |
| **Дидаварӣ** | назорат |
| **Дидакушод** | он ки дида (чеҳра)-и кушода дорад |
| **Дидангоҳ** | ҷойи тамошо |
| **Диданӣ** | чиз, предмет |
| **Дикомад** | дика-дика (бо қадамҳои калон ва тез) омадан |
| **Дикрав** | дика-дика (бо қадамҳои калон ва тез) раванда |
| **Дикрафт** | дика-дика (бо қадамҳои калон ва тез) рафтан |
| **Диданӣ** | ҳар чизи дидашаванда; объект |
| **Диҳиш** | додан; ҳадя, инъом |
| **Доғинрӯй** | касе, ки дар рӯяш доғ дорад |
| **Дод** | адолат; ниг.: **диҳиш** |
| **Додкор** | адолатпеша |
| **Додпеша** | он ки адлу адолатпарастиро пешаи худ кардааст |
| **Додпӯё** | додҷӯё, адолатҷӯянда |
| **Додпӯй** | ниг.: **додпӯё** |
| **Додҷӯё** | додҷӯянда, адолатҷӯянда |
| **Домандохт** | ба дом андохтан |
| **Домсозӣ** | сохтани дом |
| **Домхалта** | халтаи ба дом андохтан |
| **Домшикор** | шикор ба воситаи дом |
| **Донист** | зеҳн; ёд |
| **Донистакор** | кори зеҳнӣ |
| **Донишандӯз** | талаба |
| **Донишалфанҷ** | донишандӯз |
| **Донишафзоӣ** | афзун кардани дониш |
| **Донишбунёд** | ниг.: **донишасос** |
| **Донишвожа** | вожа, калимаи махсусе, ки |

| | |
|---|---|
| | номи мафҳумҳои илмӣ ва илмию техникиро ифода мекунад; истилоҳ |
| **Донишвожагон** | вожагон, яъне, калимаҳо ва ибораҳои махсусе, ки номи мафҳумҳои илмӣ ва илмию техникиро ифода мекунанд; истилоҳот |
| **Донишгирд** | ниг.: **донишканд** |
| **Донишпажӯҳ** | пажӯҳандаи дониш |
| **Донишканд** | шаҳри махсусе, ки дар он танҳо олимон (донишмандон) кору фаъолият ва зиндагӣ мекунанд; *наукоград* |
| **Донишогоҳ** | каси аз дониш баҳрамандбуда |
| **Донишпоя** | ба дониш асосёфта |
| **Доноён** | донандагон, мутафаккирон |
| **Доругиёҳ** | гиёҳи доругӣ |
| **Дорумолӣ** | молидани дору |
| **Доҷ/дож** | тира, торик |
| **Доҷғор** | ғори тираву торик |
| **Доҷоб** | оби тира |
| **Доҷшаб** | шаби тираву торик |
| **Дошгудоз** | дар дош (кӯра, хумдон) гудохташуда |
| **Дошгудохт** | дар дош (кӯра, хумдон) гудохтан |
| **Дошпаз** | дар дош (кӯра, хумдон) пазондашуда (масалан, оҳак, хишт, сафол ва ғайра) |
| **Дошпухт** | дар дош (кӯра, хумдон) пазонидан (масалан, оҳак, |

| | |
|---|---|
| | хишт, сафол ва ғайра) |
| **Дошт** | бадоштӣ, тоқат |
| **Доштдиҳӣ** | дошт додан, тоқатпазир будан |
| **Доштдод** | ниг.: **доштдиҳӣ** |
| **Дуандоза** | масоҳат, сатҳ (зарбҳосили бару дарозии ягон чиз) |
| **Дугуна** | ду сохт ва ё ду шакл доштан |
| **Дугунагӣ** | хусусияти ду сохт ва ё ду шакл доштан |
| **Дуда** | авлод |
| **Дудамон** | идомадиҳандаи авлод |
| **Дудкашӣ** | дуд кашидан (масалан, дар вақти сӯхтани ҳезуми тар) |
| **Дудмӯрӣ** | мӯрӣ (лӯла)-и дудбаро |
| **Дудпеча** | печаи дуд |
| **Дудсӯхт** | 66од уд сӯхтани ҳезум |
| **Дукрес** | ба воситаи дук ресидашуда (масалан, ришта) |
| **Дукресиш** | ба воситаи дук ресидан |
| **Дуксон** | ба сон (монанд)-и дук |
| **Дукчӯб** | чӯби дукбоб (дуксозӣ) |
| **Дунболакаш** | воситаи аз дунболи худ кашида бурдани чизе |
| **Дунболдав** | аз дунбол даванда |
| **Дунболдавӣ** | аз дунбол давидан |
| **Дунг** | барҷаста, баланд |
| **Дунгза** | мавзеи дунг (барҷаста) |
| **Дунгзамин** | замини дунг (барҷаста) |
| **Дунгӣ** | барҷастагӣ, баландӣ |
| **Дупоён** | одамон ва дигар мавҷудоти зиндаи дупо |
| **Дурангӣ** | дурӯягӣ |
| **Дурандоз** | ниг.: **дурандохт** |

| | |
|---|---|
| **Дурандохт** | дур андохтан, дур партофтан; аз худ дур кардан |
| **Дурдеҳа** | деҳаи дур |
| **Дурдиёр** | диёри дур (дар масофаи дур ҷойгиршуда) |
| **Дуредбарма /дуредпарма** | барма (парма)-и дуредгарӣ |
| **Дурӣ** | дур будан; дар масофае қарор доштан |
| **Дуррафт** | масофаи чӣ қадар дур рафтан |
| **Дурустоин** | оини дуруст (соз) |
| **Дурӯғбандӣ** | буҳтон задан |
| **Дурӯғгап** | гапи дурӯғ; касе, ки гапи дурӯғин мегӯяд |
| **Дурӯғомез** | дурӯғин, нороست, нодурустӣ |
| **Дурӯғпоя** | поя (асос)-и дурӯғдошта |
| **Дурӯшгузорӣ** | гузоштани дурӯш, (нишонагузорӣ дар гӯши моли майда, масалан, гӯсфанд, барои ҷудо кардани моли худ аз моли бегона) |
| **Дусон** | дугуна |
| **Дусонӣ** | дугунагӣ |
| **Дуту** | дутабақа; духам, дуқат, дутаҳ |
| **Дучандафзоӣ** | ду баробар зиёд кардан |
| **Дучоромад** | дучор омадан, рӯ ба рӯ задан |
| **Душворбаро** | ҷое, ки ба он баромадан душвор аст |
| **Душворгудоз** | ба душворӣ гудохташаванда (масалан, филиз) |
| **Душворгузар** | ҷое, ки аз он гузаштан душвор аст |

| | |
|---|---|
| **Душворғел** | ба душворӣ ғеланда (масалан, чӯб) |
| **Душвордид** | ба душворӣ дидашаванда |
| **Душворёфт** | ба душворӣ ёфтшаванда |
| **Душворпайдо** | ба душворӣ пайдошаванда |
| **Душворпаймо** | ба душворӣ паймудашаванда (масалан, роҳ) |
| **Душворрав** | роҳе, ки ба он рафтан душвор аст |
| **Душворфаро** | ҷое, ки аз он фуромадан душвор аст |
| **Душт** | бад |
| **Душтгуфтор** | бадгуфтор |
| **Душтзабон** | бадзабон |
| **Душтрафтор** | бадрафтор |
| **Душтчашм** | бадчашм |
| **Душх** | душвор, мушкил |
| **Душхёфт** | ниг.: **душворёфт** |
| **Душхпайдо** | ниг.: **душворпайдо** |
| **Дӯзафзор** | афзори дӯзандагӣ. |
| **Дӯсонидан** | чизеро ба чизе пайваст кардан |
| **Дӯсонӣ(ш)** | амали **дӯсонидан** |
| **Дӯхтафзор** | ниг.: **дӯзафзор** |
| **Ё** | |
| **Ёбиш** | ёфтан, ёбидан |
| **Ёғоридан** | шӯронидан, ба шӯр овардан |
| **Ёғориш** | амали **ёғоридан** |
| **Ёзандагӣ** | хусусияти ёзидан доштан |
| **Ёздорӣ** | ниг.: **ёзандагӣ** |
| **Ёзишдиҳӣ** | ёзиш додан, кашида ёзондан |
| **Ёзониш** | ёзонидан |
| **Ёназамин** | замини ёна (нишеб ё |

| | |
|---|---|
| | ҷудогона) |
| **Ёнароҳ** | роҳи ёна (нишеб ё ҷудогона) |
| **Ёра(к)** | хамроҳ; ҳамроҳикунанда; ҳамроҳраванда; ҳамроҳшаванда; ҷӯра |
| **Ёрагап** | ҳамгап, ҳамсуҳбат |
| **Ёргирӣ** | ёр (тараф)-и касеро дар ягон масъала гирифтан |
| **Ёромард** | марди ёро (нотарс,ҷасур) |
| **Ёру** | почаи полизиҳо (масалан, ёруи каду, харбуза ва ғайра) |
| **Ёфткард** | ёфтан, пайдо намудан |
| **Ёфтуноёфт** | бисот, чизи пайдокарда (бадастоварда) |
| **Ж** | |
| **Жаёнгап** | бо жаён (бо хашму ғазаб) гапзананда |
| **Жаёндарафт** | бо жаён (бо хашму ғазаб) дарафтидан ба касе ё чизе |
| **Жаёномад** | бо жаён (бо хашму ғазаб) омадан |
| **Жарфдарё** | дарёи жарфоб (амиқоб) |
| **Жарфкӯл** | кӯли жарфоб (амиқроб) |
| **Жарфнигар** | василаи мушоҳидаи жарфо (қаър)-и баҳр; амиқнигар |
| **Жарфоб** | оби жарф |
| **Жарфогустара** | ба жарфо густаришёфта |
| **Жарфогустариш** | ба жарфо густариш ёфтан (паҳн шудан) |
| **Жарфоҷам** | мафҳуми амиқ |
| **Жарфрӯд** | рӯди жарфоб |
| **Жарфсанҷ** | василаи санҷиши жарфо (умқ, чуқурӣ) |

| | |
|---|---|
| **Жарфчоҳ** | чоҳи жарф (амиқ) |
| **Жафиш** | ба худ кашидан (фурӯ бурдан)-и масалан об ва тар (намнок) шудан |
| **Жафзамин** | замини жафкаш (обкаш, намкаш) |
| **Жафхок** | хоки жафкаш (обкаш, намкаш) |
| **Жафнок** | намнок, рутубатдор |
| **Жафнокӣ** | намнокӣ, рутубатдорӣ |
| **Жафт** | фарбеҳ |
| **Жафттан** | тани жафт (фарбеҳ, калонҷусса)дошта |
| **Жожиш** | сухани беҳудаю ҳарза гуфтан |
| **Жолаабр** | абре, ки аз он боридани жола имкон дорад |
| **Жолабориш** | боридани жола |
| **Жоламоно** | монанди жола |
| **Жӯлиш** | жӯлидан (омехта ё олуда шудан) |
| **Жӯҳидан** | чакра-чакра чакидан, қатра-қатра чакидан |
| **Жӯҳиш** | амали **жӯҳидан** |
| **З** | |
| **Забарзада** | задаи забаррав (болорав) *(дар забоншиносӣ)* |
| **Заволагирӣ** | хамирро ба заволаҳо ҷудо кардан, аз хамир завола сохтан |
| **Зағорзамин** | замини зағор (сернам) |
| **Заминибунёд** | он чизе, ки бунёд (табиат)-и заминӣ дорад |
| **Зангбандӣ** | занг бастан (задан)-и рӯи филизот |

| | |
|---|---|
| **Зангзудо** | воситаи зудудан (бартарафсозанда)-и занг |
| **Зангхор** | моддаи зангхӯранда ва зангро зудоянда |
| **Занҷирачарх** | чархи занҷирӣ (дар техника) |
| **Занҷирбаст** | ба ҳамдигар ба воситаи занҷир бастан (пайваст кардан) |
| **Зардфом** | зардранг, зардтоб |
| **Заркон** | кони зар (тило) |
| **Заркӯҳ** | кӯҳи серзар (сертило); кӯҳи тилоранг |
| **Занинкӯҳ** | қӯҳи заррин (тилоранг) |
| **Зарринхок** | хоки заррин (тилоранг) |
| **Захмгирӣ** | захм гирифтан, захмин шудан |
| **Захмдору** | доруи захмшифо (бартарафкунандаи захм) |
| **Захмоба** | обе, ки аз даруни захм мебарояд |
| **Заҳиш** | аз қабати чиз заҳида ҷорӣ шудан |
| **Заҳоб** | оби заҳида (таровида) бароянда |
| **Заҳргир** | ниг.: **заҳрзудо** |
| **Заҳрзудо** | воситаи зудудан (безарар кардан)-и заҳр |
| **Заҳрзудоӣ** | рафъи моддаҳои заҳрнок |
| **Заҳркоҳо** | коҳишдиҳанда (камкунанда)-и таъсири заҳр |
| **Заҳркушт** | заҳр дода куштан (нобуд кардан) |
| **Зеба** | зебдиҳанда, зебокунанда |
| **Зебафзор** | афзор барои зеб додан, зебо гардонидан |

| | |
|---|---|
| **Зебдиҳӣ** | зеб додан, зебо гардонидан |
| **Зебдиҳак** | ниг.: **зебафзор** |
| **Зебдорӣ** | зеб доштан, зебо будан |
| **Зебкор** | одаме, ки ба кори зебу зиннатдиҳӣ шуғл дорад |
| **Зебкорӣ** | кори зебу зиннатдиҳӣ |
| **Зебодара** | дараи зебо |
| **Зебодеҳа** | деҳаи зебо |
| **Зебокант** | кант (шаҳр)-и зебо |
| **Зебокат** | ҷойи зебо, мавзеи зебо. ниг.: **кат** |
| **Зебопаюг** | паюг (арӯс)-и зебо |
| **Зергузар** | аз зер гузаранда |
| **Зергузаргоҳ** | гузаргоҳ аз зери замин |
| **Зергузора** | ба зери чизе гузошташаванда |
| **Зергузорӣ** | ба зер гузоштан |
| **Зергузошт** | ниг.: **зергузорӣ** |
| **Зерғалт** | ба зер (поин) ғалтидан |
| **Зерғелиш** | ба зер (поин) ғелида рафтан |
| **Зерғӯла** | ғӯлаи ба зери чизе гузошташаванда (масалан, барои ғелонда бурдан) |
| **Зерзада** | задаи зеррав (поинрав) *(дар забоншиносӣ)* |
| **Зеринбод** | боде, ки аз зер мевазад; боди ғарбӣ (муқобили **баринбод)** |
| **Зерканд** | кандани зери чизе; аз зер кандан |
| **Зеркафид** | аз зер (таг) кафидан |
| **Зеркафида** | аз зер (таг) кафидадошта |
| **Зеркофт** | кофтани зери чизе; аз зер кофтан (ковок кардан) |
| **Зеркунда** | кундае, ки дар болои он чизе шикаста ё кафонда мешавад |

| | |
|---|---|
| **Зермонд** | зер хӯрдан, зери чизе мондан |
| **Зернамо** | абзори намудоркунандаи зери оби дарё, баҳр ва ғайра |
| **Зероб** | оби зер (поин)-и дарё (муқобили саргаҳи об) |
| **Зеррафт** | ба зер рафтан |
| **Зеррехт** | ба зер (поён) рехтан; аз зер (таг) рехтан |
| **Зершикаст** | аз зер (таг) шикастан |
| **Зершоро** | аз зер (таг) шоридан |
| **Зим** | сард, хунук |
| **Зимбод** | боди сард (хунук) |
| **Зимоб** | оби сард (хунук) |
| **Зимрӯд** | рӯди обаш сард |
| **Зимҳаво** | ҳавои сард (хунук) |
| **Зинабардошт** | зина-зина бардоштан (масалан, бино) |
| **Зинадевор** | девори зина-зина |
| **Зинароҳ** | қитъаи роҳи зина-зина |
| **Зистгоҳ** | ҷой (макон, маҳал)-и зист |
| **Зодбум** | ҷойи таваллуд |
| **Зой** | мавзеи сердолударахт |
| **Зойзамин** | замини сердолударахт |
| **Зойканд** | канда партофтани алафу дарахтони бегонаи қитъаи замин ва чаппагардон кардани хоки замин |
| **Зоишдеҳ** | қувваи зоишдиҳанда, афзункунандаи насл |
| **Зуданҷом** | зуд ба анҷомрасанда |
| **Зудгард** | чизе, ки зуд (тез) меравад (ҳаракат мекунад) |
| **Зудгардӣ** | ниг.: **зудгашт** |
| **Зудгашт** | зуд гаштан (ҳаракат кардан) |
| **Зудгувора** | зуд гуворшаванда, зудҳазм |

| | |
|---|---|
| **Зудгузар** | зуд (тез) гузаранда |
| **Зудгузаро** | зуд (тез) таъсиркунанда |
| **Зудгузашт** | зуд (тез) гузаштан |
| **Зудгуфтор** | он ки зуд-зуд гап мезанад |
| **Зудгусал** | зудҷудошаванда, ба осонӣ ҷудошаванда |
| **Зудкашо** | воситаи зуд кашида гирифтани чизе |
| **Зудомад** | зуд (тез) омадан |
| **Зуднавохт** | зуд навохтан |
| **Зудозуд** | базудӣ, дарҳол; бетаъхир |
| **Зудпаз** | ҳар маҳсулоти ғизоии зудпазанда |
| **Зудпар** | чизи зуд паранда |
| **Зудрав** | он чи зуд меравад |
| **Зудрафт** | зуд (тез) рафтан |
| **Зудоя** | зудоянда; воситаи зудудан |
| **Зудпайдо** | падидаи зудпайдошаванда |
| **Зудпазир** | зуд пазиранда |
| **Зудрафт** | зуд (тез) рафтан |
| **Зудраҳой** | зуд раҳо ёфтан, масалан аз беморӣ |
| **Зудсӯз** | чизи зуд (чкбора) сӯзанда |
| **Зудсӯзиш** | зуд (тез)  сӯхтан |
| **Зудтак** | зуддав |
| **Зудтафсо** | ҳар чизи зуд тафсанда; воситаи зуд тафсонанда |
| **Зудхест** | зуд хестан (бархестан) |
| **Зудҷунб** | чизи зуд ҷунбанда |
| **Зудҷунбандагӣ** | хусусияти зудҷунбӣ доштан |
| **Зудҷунбӣ(ш)** | зуд-зуд ҷунбидан |
| **Зудҷунбо** | зудҷунбанда, зудҳаракаткунанда |
| **Зудшикаст** | якбора шикастани чиз |
| **Зудшор** | шориши зуд (якбора) |

| | |
|---|---|
| **Зудшоро** | зудшоранда, зудҷоришаванда |
| **Зудшорой** | хусусияти зудшорӣ доштан |
| **Зумухт** | ҳар чиз, ки лабу даҳанро бурма мекунад |
| **Зумухтан** | лабу даҳанро бурма кардан |
| **Зӯрбозу** | шахси бозуи қавидошта |
| **Зӯрмард** | марди зӯр (боқувваат) |
| **Зӯромад** | аз бардоштани бори вазнин хам шудани миён |
| **Зӯровард** | зӯр овардан |
| **Зӯртан** | дорои тану ҷуссаи боқувват |
| **И** | |
| **Изканӣ** | из (нақш, нишона) кандан дар чизе |
| **Изпартой** | из (пай) партофтан, масалан дар чӯб |
| **Исканаканд** | бо ёрии искана дар рӯйи чӯб кандани нақш |
| **Исканатарош** | бо ёрии искана тарош кардани чӯб |
| **Испанддуд** | дуди испанд барои шифоёбӣ аз беморӣ |
| **Испедашаб** | шаби сафедтоб |
| **Истониш** | истонидан, боздошт кардан |
| **Истеғ** | ситеғ, бар пой истода |
| **Исфедоб/сафедоб** | як навъ марҳами филизие, ки занон ба рӯй моланд |
| **Исфедранг** | ранги исфед (сафед) |
| **Ишкуфт** | ғор, мағор, шикоф |
| **Ишпехт** | пошидан, фишондан |
| **К** | |
| **Кабз** | ғафс; фарбеҳ, тануманд |

| | |
|---|---|
| **Кабзабрӯ** | абрӯи ғафсдошта |
| **Кабздарахт** | дарахти танаи ғафсдошта |
| **Кабздуд** | дуди ғафс |
| **Кабзидан** | ғафс шудан, фарбеҳ шудан |
| **Кабзина** | одами фарбеҳ ё тануманд |
| **Кабзлаб** | лаби ғафсдошта |
| **Кабзовоз** | овози ғасдошта |
| **Кабзтана** | танаи ғафсдошта |
| **Кабзчӯб** | чӯби танаи ғафсдошта |
| **Кабкҷанг** | ба ҳам ҷанг андохтани кабкҳо (як намуди бозии миллӣ) |
| **Кабудкӯҳ** | кӯҳи кабуд (сабз, сералаф) |
| **Кабудоб** | оби кабудранг |
| **Кабудтоб** | дорои тобиш (ранг)-и кабуд |
| **Кабудчашм** | касе, ки чашми кабудранг дорад |
| **Кадвод** | бунёди хона |
| **Кадубо** | ғизои кадугин |
| **Кадудона** | донаи каду; донаи фарсуда |
| **Кадуёру** | ёру (поя)-и каду |
| **Кадучиз** | чизи ковок ва фарсуда |
| **Кадучӯб** | чӯби ковок ва фарсуда |
| **Кай(ӣ)** | вақт; муддат |
| **Кайон** | замон, давр |
| **Кайҳонибунёд** | он чизе, ки бунёд (табиат)-и кайҳонӣ дорад |
| **Калавиш** | калавидан |
| **Калавомад** | калав-калав (калавида) омадан |
| **Калаврафт** | калав-калав (калавида) рафтан |
| **Каланддаста** | дастаи каланд |
| **Каландкофт** | бо каланд кофтан (масалан, |

| | |
|---|---|
| | ҷӯякро дар замин) |
| **Каландҷӯяк** | ҷӯяки бо каланд бардошташуда |
| **Калидивожа** | вожаи калидӣ *(дар дохили як матн)* |
| **Калидивожагон** | вожагони калидӣ *(дар дохили як матн)* |
| **Калкӯҳ** | кӯҳе, ки дар қуллаи он чизе намерӯяд *(номи мавзеъ)* |
| **Калобатоб** | (коргари) тобандаи калоба |
| **Калобатобак** | абзори тофтани калоба |
| **Калобатобӣ** | тофтани калоба |
| **Калонандоза** | дорои андозаи калон |
| **Калонбуриш** | буриши калон; дорои буриши калон |
| **Калонгап** | касе, ки бе мулоҳиза сухан мегӯяд ё худро ситоиш мекунад |
| **Калонгапӣ** | бе мулоҳиза сухан гуфтан |
| **Калонмева** | меваи калон; дорои меваи калон *(дар бораи дарахт)* |
| **Калонпанҷа** | он ки панҷаҳояш калон (бузург) аст |
| **Камар** | пушта, паҳнӣ |
| **Камаргоҳ** | ҷойи пушта, масалан камари кӯҳ |
| **Камгап** | касе, ки гапи зиёди беҳуда намегӯяд, камчоғ |
| **Камгапӣ** | гапи зиёди беҳуда нагуфтан |
| **Камгустариш** | кам густаришёфта |
| **Камдид** | нодида гирифтан; писанд накардан |
| **Камёб** | ниг.: **камёфт** |
| **Камёфт** | ёфтнашаванда, кам |

| | |
|---|---|
| | дучоршаванда |
| **Камкард** | кам кардан; коҳиш додан |
| **Камковок** | ковокии зиёд надошта |
| **Каммадорӣ** | мадор (тавон)-и кам доштан |
| **Каммалоӣ** | тунукӣ, сиракӣ |
| **Камнамо** | камнамудор; дер-дер ба назар расанда |
| **Кампиҳ** | камчарб, камравған |
| **Кампиҳӣ** | чарб ё равғани кам доштан |
| **Камузам** | гоҳе каму гоҳе зам |
| **Камузамкард** | дар як вақт камузам (илова, ҷамъ) кардан |
| **Камтавон** | бемадор, беҳолат |
| **Камтавонӣ** | тавон (иқтидор)-и кам доштан |
| **Камузиёд** | гоҳе кам, гоҳе зиёд |
| **Камузиёдӣ** | дар як вақт каму зиёд шудан |
| **Камузиёдшавӣ** | гоҳе кам ва гоҳе зиёд шудан |
| **Канданашавандагӣ** | хусусияти аз ҳам канда (ҷудо) нашудан |
| **Кандаовоз** | овози канда-канда |
| **Кандарафт** | канда-канда рафтан |
| **Кандафзор** | афзор кандан |
| **Кандина** | воситаи кандан (каниш); канданӣ |
| **Каниш** | амали кандашавӣ |
| **Канишдеҳ(ак)** | воситаи аз ҳам ҷудо намудан (каниш додан) |
| **Канорагард** | канор (дур-дур) гарданда |
| **Канорпартоӣ** | ба канор партофтан |
| **Канорпартофт** | ниг.: **канорпартоӣ** |
| **Карахшбандӣ** | карахш бастан |
| **Карахшбаст** | ниг.: **карахшбандӣ** |
| **Карахшзудо** | воситаи зудудан (бартараф |

| | |
|---|---|
| | кардан)-и карахш |
| **Карахшзудой̣** | зудудан (бартараф кардан)-и карахш |
| **Карғ** | сангпораи сиёҳ |
| **Карғзамин** | замини серкарғ (серсанг) |
| **Карғтӯда** | тӯдаи карғ |
| **Карда** | амал, кирдор |
| **Кардор** | кирдор, рафтор |
| **Карк** | пуслох, пучоқ |
| **Каррабандӣ** | карра (мағорак) бастан |
| **Карс** | қарс, рӯймоли занон, ки ба сар мебанданд |
| **Карч** | пора, қисм; ҳисса |
| **Кат** | ҷой, маҳал, мавзеъ |
| **Кафа** | маҳсуле, ки баъди кафмолиш, яъне баъди дар кафи даст молидан пайдо мешавад |
| **Кафидагӣ** | ҷойи кафидадор |
| **Кафидагоҳ** | ҷое, ки кафидагӣ дорад |
| **Кафиш** | амали кафидан |
| **Кафишдиҳӣ** | кафиш додан, аз чанд ҷой кафондан |
| **Кафкоб** | оби кафкдор |
| **Кафкоба** | оби собун ё дигар маводи шуст; пасоби шустушӯй |
| **Кафмола** | чизи нарми бо каф молида судакардашуда |
| **Кафмолиш** | бо каф молида, сӯда кардан |
| **Кафониш** | кафонидан |
| **Кафшерпайваст** | бо кафшер пайваст кардан |
| **Каҳандова** | андова бо лойи каҳдор |
| **Каҳлой** | лое, ки ба он барои часпаку гиро шудан каҳ (коҳ) ҳамроҳ карда шудааст |

| | |
|---|---|
| **Каҷбандӣ** | каҷ бастани чизе |
| **Каҷбаст** | ниг.: **каҷбандӣ** |
| **Каҷгардонӣ** | каҷ гардонидан, каҷ кардан, қат кардан |
| **Каҷдевор** | девори каҷ (масалан, хонаи каҷдевор) |
| **Каҷнигарӣ** | каҷ-каҷ нигоҳ кардан |
| **Каҷнигоҳ** | касе, каҷ нигоҳ мекунад, олус |
| **Каҷрафт** | каҷ рафтан; бо роҳи дигар рафтан, бо роҳи рост нарафтан, рост нарафтан |
| **Каҷроҳа** | роҳи каҷу килеб |
| **Кашафзор** | афзори кашиш (кашидан, кашонидан) |
| **Кашид** | кашидан |
| **Кашидабандӣ** | кашида бо ҳам бастан |
| **Кашидабаровард** | кашида баровардан (масалан, аз об) |
| **Кашидаабрӯ** | абрӯи кашида (дароз) |
| **Кашидабаст** | ниг.: **кашидабандӣ** |
| **Кашидабурд** | кашида бурдани чизе |
| **Кашидадошт** | кашида доштан |
| **Кашидашавандагӣ** | хусусияти кашидашавӣ доштан |
| **Кашина** | воситаи кашидан (кашида бурдан) |
| **Кашишбоб** | бобӣ кашидан |
| **Кашишдиҳӣ** | кашиш додани чизе |
| **Кашишхӯрд** | кашиш хӯрдани чизе |
| **Кашкоб** | оби кашк (ҷав), пиво |
| **Кашо** | кашанда, ҷазбкунанда |
| **Кашола** | чизи кашида бурдашаванда |
| **Кашолабарӣ** | кашол-кашол бурдани чизе |
| **Кашолабор** | боре, ки кашол-кашол оварда |

| | |
|---|---|
| | мешавад; ниг.: **кашола** |
| **Кашолабурд** | ниг.: **кашолабарӣ** |
| **Кашоларафт** | кашола шуда рафтан; ба зӯр рафтан |
| **Кашолёбӣ** | кашол ёфтан, ба дарозо кашидан |
| **Кашона** | воситаи кашондан |
| **Кашпазир** | ба кашидан тобовар будан |
| **Кеб** | майл |
| **Кебанда** | майлкунанда, бероҳшаванда |
| **Кебандагӣ** | хусусияти майлкунӣ, бероҳагӣ доштан |
| **Кебиш** | кебидан, майл кардан, аз роҳи рост баромадан |
| **Кеҳ** | кам; кутоҳ |
| **Кеҳовоз** | он ки овози паст дорад; дорои овози паст |
| **Кеҳрӯз** | рӯзи кӯтоҳтар |
| **Кеҳтар** | камтар |
| **Кеҳумеҳ** | хурду бузург |
| **Кеҳшаб** | шаби кӯтоҳтар |
| **Кеҳин** | камтарин, хурдтарин, пасттарин ва ғайра |
| **Кеҳиндарозо** | дарозои камтарин |
| **Кеҳинжарфо** | жарфои камтарин |
| **Кеҳинқад** | он ки қадди пастарин дорад |
| **Кеҳиновоз** | овози пасттарин; дорои овози пасттарин |
| **Кеҳинпаҳно** | паҳнои камтарин |
| **Кеҳинроҳ** | роҳи кӯтоҳтарин |
| **Кеҳинрӯз** | рӯзи кӯтоҳтарин |
| **Кеҳиншаб** | шаби кӯтоҳтарин |
| **Кифр** | ҷазо |
| **Кифрдиҳӣ** | ҷазо додан, муҷозот кардан |

| | |
|---|---|
| **Киштафзор** | афзори киштукор |
| **Киштбоб** | қобили кишт, киштшаванда (масалан, замин) |
| **Киштзамин** | замини киштбоб |
| **Киштигашт** | бо киштӣ сайру гашт кардан |
| **Ковафзор** | афзори ковиш (кофт) |
| **Коғазбаста** | китоб |
| **Коғаздарза** | дафтар |
| **Колобандӣ** | бандубаст кардани коло (ашё) |
| **Комакан(ак)** | воситаи кома кандан, сӯрох кардан, |
| **Комаканӣ** | кандани кома (сӯрохӣ, ковокӣ) дар чиз |
| **Кора** | таъсир; ҳамч. ниг.: **коро** |
| **Коракард** | кора (таъсир) кардан |
| **Корамбоб** | киштбоб, киштшаванда, қобили кишт |
| **Корамзамин** | замини корамбоб (киштбоб) |
| **Корампайа** | пай (замин, мавзеъ)-и ба кишту кор мувофиқ |
| **Корандоз(ак)** | воситаи ба кор андохтан (даровардан) |
| **Корандозӣ** | ба кор андохтан (даровардан) |
| **Корандохт** | ниг.: **корандозӣ** |
| **Корафзор** | афзори корӣ |
| **Корбурд** | ба кор бурдан; ба коре истифода кардан |
| **Коргирифт** | истифода кардан |
| **Коркуниш** | кореро иҷро кардан ё анҷом додан, амалеро анҷом додан |
| **Корнооё** | бакорнаоянда, корношоям, ба коре истифоданашаванда |
| **Корноой** | ниг.: **корнооё** |

| | |
|---|---|
| **Коро** | бакороянда; таъсирбахш |
| **Короабзор** | абзори коро(ӣ), абзори зарурӣ |
| **Коровар(ак)** | чизеро ба кор оварданда (дароранда) |
| **Короварӣ** | чизеро ба кор овардан |
| **Короё** | бакороянда, коршоям; таъсирбахшанда; зарур |
| **Коройӣ** | ниг.: **короё** |
| **Коромад** | барои кор истифода шудан |
| **Косакон** | кони кушода (кушодакон)-е, ки зоҳиран шакли коса дорад (дар геология) |
| **Косакӯҳ** | кӯҳи косашакл |
| **Косамоно** | монанд ба коса |
| **Косапоя** | поя (таҳкурсӣ, бунёд)-и косашакли бино, ки пеш аз сохтани биноҳои бисёрошёна омода мекунанд; катлован |
| **Кофт** | кофтан |
| **Кофта** | кофташуда |
| **Кофтабаровард** | кофта баровардан |
| **Кофтагӣ** | ҷойи кофташуда |
| **Кофтагирифт** | кофта гирифтан |
| **Кофтаёфт** | кофта ёфтан |
| **Кофтафзор** | афзори кофтуков |
| **Кочор** | асбобу анҷоми хона; коло |
| **Кулчанон** | нони кулча (кулича) |
| **Кундарра** | арраи кунд (нотез, фарсудашуда) |
| **Кунддам** | дам (теғ)-и кунд (нобурро); афзори бурандае, ки дамаш (теғаш, лабааш) кунд аст |
| **Кундлаба** | лаба (теғ)-и кунд |
| **Кунишвожагон** | вожагоне, ки амалу |

| | |
|---|---|
| | ҳаракатро ифода мекунанд, *феълҳо* |
| **Кундовоз** | овози кунд (нофаҳмо) доштагӣ |
| **Куной** | қуввати таъсиркунанда |
| **Куҳангетӣ** | гетӣ (ҷаҳони куҳан (қадим) |
| **Куҳандиж** | диж (қалъа)-и куҳан (қадима) |
| **Куҳанкайон** | кайон (замон)-и куҳан (қадим) |
| **Куҳанойин** | ойини куҳан (қадима) |
| **Куҳаншаҳр** | шаҳри куҳан (қадима) |
| **Кушоафзор** | афзори кушодан |
| **Кушодабахт** | касе, ки бахташ кушода аст, каси хушбахт |
| **Кушодакон** | коне, ки дар сатҳи болоии замин ҷойгир аст (дар геология) |
| **Кушозабон** | ниг.: **кушогӯй** |
| **Кушодрӯда** | рӯдаи кушод (дар бадани инсон) |
| **Куштаоҳак** | оҳаки мурда (обрасида) |
| **Кӯба** | воситаи кӯбидан (масалан, гандумро) |
| **Кӯбак** | ҷузъи кӯбандаи асбоб |
| **Кӯбаабзор** | абзори кӯбанда |
| **Кӯбасанг** | санги кӯбиш (паҳнсанге, ки дар болои он гандумро мекӯбанд), санги ос |
| **Кӯбафзор** | афзор кӯбиш |
| **Кӯбина** | воситаи кӯфтаву хурд кардани чизе |
| **Кӯбишбоб** | боб (қобили) кӯбиш |
| **Кӯбишнопазир** | ба кӯфтан тобовар набудан |
| **Кӯбишпазир** | ба кӯфтан тобовар будан |

| | |
|---|---|
| **Кӯждаст** | касе, ки дасташ кӯж (кач̧) аст, дасткач̧ |
| **Кӯжпо** | касе, ки пояш кӯж (кач̧) аст |
| **Кӯжпӯшт** | касе, ки пушти хамида дорад, кӯзпушт |
| **Кӯжтан** | касе, ки танаш кӯж (кач̧) аст |
| **Кӯзагил** | гили кӯзасозӣ |
| **Кӯрдуд** | дуди алови паст |
| **Кӯтоҳгап** | кӯтоҳ гапзананда (суханкунанда) |
| **Кӯтоҳкай(й)** | кӯтоҳвақт; кӯтоҳмуддат |
| **Кӯтоҳсухан** | кӯтоҳ суханкунанда (гапзананда) |
| **Кӯфт** | кӯфтан, зарба задан |
| **Кӯфтагӯшт** | гӯшти кӯфта, фарш |
| **Кӯфтадору** | доруи кӯфташуда |
| **Кӯфтафзор** | афзори кӯфтан |
| **Кӯҳдоман** | доманаи кӯҳ |
| **Кӯҳпайкар** | дорои пайкари бузург (мисли кӯҳ) |
| **Кӯҳпоя** | пояи кӯҳ, бехи кӯҳ |
| **Кӯҳроҳа** | роҳ (пайроҳа)-и кӯҳӣ |
| **Кӯҳрӯд** | рӯди кӯҳӣ |
| **Кӯҳчӯкиш** | чӯкиши кӯҳ |
| **Кӯҳбод** | боде, ки аз сӯйи кӯҳ мевазад |
| **Кӯҳкамар** | камари кӯҳ |
| **Кӯҳпайдоиш** | раванди пайдо шудани кӯҳ |
| **Кӯҳпушта** | пуштаи кӯҳ |
| **Кӯчбаст** | кӯч бастан, кӯчидан ба ҷойи дигар |
| **Кӯчиш** | кӯчидан |
| **Кӯчона** | кӯчонанда |
| **Кӯчониш** | аз ҷое ба ҷое кӯчонидан |

| | |
|---|---|
| **Кӯшо** | кӯшишкунанда; пуршӯр, боҳарорат |
| **Кӯшогӯй** | пуршӯру боҳарорат гапзананда |
| **Кӯшогӯйӣ** | бо шӯру ҳарорат сухан каран |
| **Қ** | |
| **Қапафзор** | афзори қапида нигаҳдоранда |
| **Қапидагирифт** | қапида гирифтани чизе |
| **Қапидадошт** | қапида доштани чизе |
| **Қапина** | воситаи қапидан (нигоҳ доштан) |
| **Қапиш** | қапидан |
| **Қапониш** | қапонидан |
| **Қаҳзанӣ** | қаҳ-қаҳ задан, бо овози баланд хандидан |
| **Қаҳханда** | хандаи қаҳ-қаҳ (баланд) |
| **Қиркард** | қир кадан, несту нобуд кардан |
| **Қорчбо** | ниг.: **қорчшӯрбо** |
| **Қорчзор** | макони қорчрӯиш, замбӯруғзор |
| **Қорчшӯрбо** | шӯрбои қорч (замбӯруғӣ) |
| **Қултнӯш** | қулт-қулт (ҷуръа-ҷуръа) нӯшида кардан |
| **Қумдашт** | дашти серқум (қумдор) |
| **Қумзамин** | замини серқум (қумдор) |
| **Қумоб** | оби қумдор |
| **Қумпошак** | абзор барои пошидани қум |
| **Қумтӯда** | тӯдаи қум |
| **Қумхок** | хоки қумомехта |
| **Қӯшабандӣ** | қӯша (ҷуфт-ҷуфт) бастан |
| **Қӯшапайваст** | қӯша-қӯша (ҷуфт-ҷуфт) пайваст кардан |

| Л | |
|---|---|
| **Лабҷӯша** | табхол |
| **Лавсӯз** | бо лав (бо шиддат) сӯзанда |
| **Лавсӯзиш** | лав карда (бо шиддат) сӯхтан |
| **Лағж** | лағжидан, лағзидан; |
| **Лағжгоҳ** | ҷойе, ки дар он лағжидани чизе имкон дорад |
| **Лағжониш** | лағжонидан |
| **Лалмзамин** | замини лалмӣ (беоб, обёринашуда) |
| **Ламидашах** | шахи овезон |
| **Ламидаях** | пиряхи ламида (хамида, овезоншуда) |
| **Ламиш** | ламидан, ҷукидан, фурӯ омадан, хамидан, овезон шудан |
| **Лангиш** | лангидан |
| **Лангомад** | лангон-лангон омадан |
| **Лангрaфт** | лангон-лангон рафтан |
| **Ланҷ** | суст, шиккак |
| **Ланҷхӯрок** | хӯроки ланҷ (суст, шиккак) |
| **Лар** | ғализ |
| **Ларгирӣ** | ғализ (ғафс) шудан; лар гирифтан, яъне парда гирифтан |
| **Ларз(а)бардор** | ба ларза тобовар будан |
| **Ларз(а)бардорӣ** | қобилияти ба ларза тобовар будан |
| **Ларз(а)зудо** | воситаи зудудан (бартараф кардан)-и ларза |
| **Ларз(а)зудой** | зудудан (бартараф кардан)-и ларза |
| **Ларз(а)овард** | ба ларза овардан |
| **Ларз(а)санҷ** | абзоре, ки ларзишро |

| | |
|---|---|
| | месанҷад (дар илму техника) |
| **Ларзафзор** | афзори ларзонанда (дар илму техника) |
| **Ларзишнамо** | абзоре, ки дараҷаи ларзишро нишон медиҳад (дар илму техника) |
| **Ларз(иш)нигор** | абзоре, ки ларзишро сабт мекунад (дар илму техника) |
| **Ларзина** | воситаи баларзишоваранда (ларздиҳанда) |
| **Ларзона** | ниг.: **ларзина** |
| **Ларзониш** | ба ларза овардан |
| **Ларзофарак** | абзоре, ки ларзиш ба вуҷуд меорад (дар илму техника) |
| **Ларзустуворӣ** | қобилияти ба ларза устуворӣ доштан |
| **Латкард** | лат кардан, шатта додан (масалан, лойро) |
| **Лахтакард** | лахта-лахта (пора-пора) кардани чизе |
| **Лахтасанг** | санги лахта-лахта (пора-пора) |
| **Лаҳимхӯла** | хӯлае, ки барои лаҳимкорӣ истифода мешавад (дар илму техника) |
| **Лес** | лағжон(ак) |
| **Леса** | ҷойи лес (лағжонак) |
| **Лесхок** | хоки лес (лағжонак) |
| **Лесшах** | шахи лес (лағжонак) |
| **Либосабра** | абра (рӯй)-и либос |
| **Либосастар** | астар (дарун)-и либос |
| **Ликонидан** | ҷунбонидан |
| **Ликониш** | амали **ликонидан** |
| **Лингбаст** | дар ду паҳлуи чизе баста овезон кардани бор |

| | |
|---|---|
| **Лобиш** | ниг.: **ловиш** |
| **Ловиш** | ловидан, лой молидан, андова кардан |
| **Лойбунёд** | ҳар чи, ки аз лой бунёд мешавад |
| **Лойдевор** | деворе, ки аз лой бардошта шудааст |
| **Лойжӯлиш** | бо лой жӯлидан (омехта ё олуда шудан) |
| **Лойзамин** | замини лой (сероб, сернам) |
| **Лоймол** | молида, лойолуда кардан |
| **Лойоба** | оби лойнок |
| **Лойолоиш** | бо лой олуда кардан |
| **Лойолуда** | бо лой олудашуда |
| **Лойомехта** | бо лой омехташуда |
| **Лойомезиш** | бо лой омехта кардан |
| **Лосабзор** | абзори лоскунии чӯб (тарошидани пӯсти чӯб) |
| **Лосзанӣ** | ниг.: **лостарош** |
| **Лостарош** | тавассути лосабзор тарошидани чӯб |
| **Лохзамин** | замини нокорам |
| **Лоябандӣ** | ба лояҳо (қабатҳо) ҷудо кардан |
| **Лукидав** | лук-лук даванда |
| **Лукирафт** | лук-лук рафтан |
| **Лус** | гушна, носер |
| **Лӯндасанг** | санги лӯнда (гирда) |
| **Лӯлакаш** | коргари соҳаи лӯлакашӣ |
| **Лӯлакашӣ** | дар таги замин хобондани лӯла (қубур), масалан, лӯлаи обрасонӣ, газрасонӣ, нафтрасонӣ ва ғайра |
| **Лӯланова** | новадони лӯлашакл |
| **Лӯласутун** | сутуни лӯлашакл |

| | |
|---|---|
| **Лӯш** | бехабар, беҳуш |
| **М** | |
| **Мағза** | мағзи чизе |
| **Мағзамин** | замини кафишдор |
| **Мағзванд** | оқил, ҳушманд |
| **Мағкӯҳ** | кӯҳи шикоф, ғор |
| **Мағоко** | жарф, умқ |
| **Мағорбандӣ** | мағора бастан, пӯпанак задан |
| **Мағорзамин** | замини мағор (сернам) |
| **Мадоррафт** | аз мадор рафтан, бемадор шудан |
| **Майдаангишт** | ангишти майда (хока) |
| **Майдабофт** | майда-майда бофтан |
| **Майдадона** | донаи хурд (майда) |
| **Майдакард** | майда (реза) кардан |
| **Майдаколо** | колои майда (хурдандоза) |
| **Майдакоҳ** | коҳи майда кардашуда |
| **Майдапутк** | путки майда (хурдандоза) |
| **Майдачиз** | чизи майда (хурдандоза) |
| **Майгусорӣ** | майнӯшӣ |
| **Мазасанҷӣ** | санҷидани мазаи хӯрок, мева ва ғайра |
| **Мазиш** | раванди мазидан, яъне, чашидан, нӯшидан |
| **Марзакашӣ** | кашидани марза (масалан, дар қитъаи замин) |
| **Маҳинвок** | маҳиновоз |
| **Маҳинандом** | андоми маҳиндошта (нозукдошта, зебодошта) |
| **Маҳинборон** | борони маҳин (резаборон) |
| **Маҳиндандон** | дандони маҳин (дандони майда) |
| **Маҳиндуд** | дуди маҳин (борик) |

| | |
|---|---|
| **Меваоб** | оби мева |
| **Мевадон** | зарфи мевагирӣ |
| **Метиндаста** | дастаи метин |
| **Метинканд** | ба воситаи метин кандан (масалан заминро) |
| **Мехкард** | мех зада махкам кардан |
| **Мехпайваст** | бо мех бо ҳам пайваст кардан |
| **Меҳ** | зиёд; дароз; баланд |
| **Меҳовоз** | дорои овози баландтар |
| **Меҳрӯз** | рӯзи дарозтар |
| **Меҳтар** | зиёдтар; дарозтар |
| **Меҳшаб** | шаби дарозтар |
| **Миёнагармо** | гармои миёна (муътадил) |
| **Миёнадарё** | дарёи аз нигоҳи дарозӣ миёна; миёна (мобайн)-и дарё |
| **Миёнажарф** | жарфои миёна; дарё ё кӯле, ки жарфащ миёна аст |
| **Миёнакӯл** | кӯли аз нигоҳи ҳаҷм миёна; миёна (мобайн)-и кӯл |
| **Миёнанарх** | нархи миёна |
| **Миёнарӯз** | миёна (мобайн)-и рӯз |
| **Миёнасармо** | сармои миёна |
| **Миёнашаб** | миёна (мобайн)-и шаб |
| **Миёнгоҳ** | миён (байн)-и чизе |
| **Миёноб** | оби миён (мобайн)-и дарё (кӯл, уқёнус, баҳр ва ғайра) |
| **Миёнтиҳӣ** | миёнхолӣ, дарунхолӣ |
| **Милабанд** | воситаи ба ҳам пайваст кардани милаҳо (арматураҳо) |
| **Милабандӣ** | ба воситаи мила (арматура) бандубаст кардан |
| **Миласим** | симе, ки шакли мила дорад; арматура |
| **Милтзанӣ** | милт-милт задан |

| | |
|---|---|
| **Милтсӯз** | милт-милт сӯзанда |
| **Милтсӯзиш** | милт-милт сӯхтани чароғ |
| **Минокашӣ** | кашидани мино (моддаи шишагин) ба рӯйи зарфҳо; сирдавонӣ |
| **Мискӯза** | кӯзаи мисин |
| **Мистос** | тос (лаганд)-и мисин |
| **Моку** | абзор барои дӯхтани мӯза, чоруқ ва ғайра |
| **Молазамин** | замини ҳамвор ва мулоимкардашуда |
| **Молакард** | мола (ҳамвор) кардан (масалан, замин) |
| **Молачӯб** | чӯби ҳамвор (тахта) барои мола кардани замин |
| **Молина** | воситаи молидан; воситаи молиш додан |
| **Молишхӯрӣ** | ба ҳам молиш хӯрдан |
| **Монанда(к)** | монанд ба чизи дигар |
| **Монандагӣ** | шабеҳият, шабеҳ доштан ба чизе, монанд будан ба чизе |
| **Монандвожагон** | вожаҳои аз нигоҳи наишт бо ҳам монанд, вале дорои маъниҳои дигар, *синонимҳо* |
| **Мониш** | амали **монидан,** яъне, ба ҷо гузоштан, боқӣ гузоштан |
| **Моно** | монанд ба чизе |
| **Моновожагон** | ниг. ба **монандвожагон** |
| **Морпеч(ак)** | чизи монанд ба мори печхӯрда |
| **Мос** | мувофиқ, муносиб |
| **Мосандоза** | андозаи мос (мувофиқ) |
| **Мосгардонӣ** | мос (мувофиқ, мутобиқ) гардонидан |

| | |
|---|---|
| **Мосиш** | аз ҳолати моеъ ба ҳолати нимамоеъ ё хамир овардан |
| **Москард** | мос кардан, яксон кардан, мувофиқ кардан, мутобиқат додан |
| **Мосомад** | мос (мувофиқ, мутобиқ) омадан |
| **Моссозӣ** | мос сохтан, мувофиқа намудан |
| **Моҳтобгирӣ** | ниг.: **моҳтобсӯзӣ** |
| **Моҳтобсӯзӣ** | сӯхтан (гирифтан)-и Моҳ; хусуф |
| **Моҳтобсӯхт** | ниг. **моҳтобсӯзӣ** |
| **Муждавар** | муждарасон, навидрасон |
| **Мурдаоҳак** | оҳаки мурда (ношукуфта) |
| **Мурдахок** | хоки мурда (беҳосил) |
| **Муст** | нотавон, уфтода |
| **Мушкбод** | боди бӯйи мушковаранда |
| **Мушткӯб** | бо мушт кӯбидашуда |
| **Мушткӯфт** | бо мушт кӯфтан (задан) |
| **Мӯйпирой** | мӯйчин, абзор барои буридану задани мӯйи сар |
| **Мӯрӣ** | ҷойи баромади дуд аз оташдони хона ба берун |
| **Мӯруддона/мӯрддона** | донаи дарахти мӯруд |
| **Мӯртколо** | колои мӯрт (чарс, зудшикан) |
| **Н** | |
| **Навандасп** | аспи наванда (тездав) |
| **Навардчӯб** | чӯбе, ки ки дар дастгоҳи бофандагӣ матои бофташуда ба он мепечад |
| **Навафзор** | афзори нави истеҳсолшуда ё сохташуда |

| | |
|---|---|
| **Навгуна** | гунаи нав |
| **Навгунасоз** | касе, ки гунаи нави чизеро месозад (ихтироъ мекунад) |
| **Навгунасозӣ** | сохтан (ихтироъ)-и гунаи нави чизе |
| **Навдиданӣ** | диданӣ (чиз)-и нав |
| **Навдору** | доруи нави истеҳсолшуда |
| **Навдӯхт** | нав дӯхташуда |
| **Навинкайон** | кайон (замон)-и нав |
| **Нависа** | килк, қалам, ручка |
| **Навиштгор** | нависанда, котиб |
| **Навишткор** | ниг.: **навиштгор** |
| **Навмева** | меваи нав (тару тоза) |
| **Навоафзор** | афзори навохтан |
| **Навпадида** | падидаи нав |
| **Навроҳ** | роҳи нав |
| **Навшогирд** | шогирди нав (ҷавон) |
| **Нағзгувора** | нағз (хуб) гуворшаванда, нағзҳазм |
| **Нағзгудоз** | нағз (хуб) гудохташаванда |
| **Нағзгуфтор** | одаме, ки гуфтораш нағз (хуб) аст |
| **Нағздида** | ошиқ, маъшуқ |
| **Нағзкор** | одаме, ки кораш нағз (хуб) аст |
| **Нағзпаз** | нағз (хуб) пазанда |
| **Нағзпухт** | нағз(хуб) пазонидан |
| **Нағзрафтор** | одами хушрафтор |
| **Найдевора** | девораи аз бастаҳои най бардошташуда |
| **Найчапар** | чапари найӣ; хона ва деворе, ки аз наю хошок сохта мешавад |
| **Наздикнамо** | воситаи наздик оварда, |

| | |
|---|---|
| | намудор кардан |
| **Накӯварз** | накӯпеша |
| **Накӯварзӣ** | накӯӣ пеша кардан |
| **Намакзудо** | воситаи бенамакгадонанда |
| **Намакзудоӣ** | бенамакгардонӣ |
| **Намаколоӣ** | бо намак олуда кардан |
| **Намаколуда** | бо намак олудашуда |
| **Намакомехта** | бо намак омехташуда |
| **Намакомезиш** | бо намак омехта кардан |
| **Намакчашӣ** | чашидани намаки хӯрок |
| **Намафзо** | воситаи зиёд кардани нам |
| **Намафзоӣ** | зиёд кардани нам |
| **Намвиро** | ниг: **нампазир** |
| **Намвироӣ** | ниг: **нампазирӣ** |
| **Намгирӣ** | нам гирифтан, намнок шудан |
| **Намгунҷо** | чизе, ки дар худ намро гунҷонида метавонад |
| **Намгунҷоӣ** | чӣ қадар дар худ гунҷонидани нам (рутубат) |
| **Намзамин** | замини намдор (сернам) |
| **Намзудоӣ** | бартараф кардан (зудудан)-и нам (рутубат) |
| **Намкоҳиш** | кам шудан (коҳиш ёфтан)-и нам |
| **Намкоҳо** | воситаи коҳиш додан (кам кардан)-и нам |
| **Намоя** | воситаи нишон додани андоза ва хосияту хусусият; шохис |
| **Нампазир** | ба нам тобоваранда |
| **Нампазирӣ** | ба нам тобовар будан |
| **Нампартоӣ** | нам партофтан, намнок шудан |
| **Намсанҷ** | абзори санҷидани нам (рутубат) |

| | |
|---|---|
| **Намунагирӣ** | гирифтани намунаи чизе барои санҷиш |
| **Намхок** | хоки намдор |
| **Намҷабо** | чизи намҷабанда |
| **Намҷабой** | хусусияти ба худ ҷабидани намиро доштан |
| **Нармбистар** | бистари нарм |
| **Нармболишт** | болишти нарм |
| **Нармвок** | нармовоз |
| **Нармдору** | доруи нармкунандаи дарди бадан |
| **Нармоб** | оби нарм |
| **Нармовоз** | он ки овози нарм дорад |
| **Нармоҳан** | оҳани нарм |
| **Нармпазониш** | оҳиста-оҳиста (нарм) пазонидан |
| **Нармпӯлод** | пӯлоде, ки сатҳи нарм дорад |
| **Нармрег** | реги нарм (ковок) |
| **Нарт** | навдаи гиёҳу дарахт |
| **Нарткашӣ** | навдакашии гиёҳ ё дарахт (ниҳол) |
| **Нафтлӯла** | лӯла (қубур)-и нафтрасонӣ |
| **Нафтмӯрӣ** | ниг.: **нафтлӯ**ла |
| **Нафтполо** | воситаи ҷудо (покиза) кардани нафт аз ҳар гуна олудагӣ |
| **Нафтполой** | амали покиза кардани нафт |
| **Нафтшориш** | шоридани нафт |
| **Нахӯдбо** | бои (шӯрбои) нахӯдӣ |
| **Нахустаждод** | аждоди нахустини халқияте (миллате) |
| **Нахусташхиг** | нахустунсурони олам (об, оташ, хок, ҳаво) |
| **Нахуствожагон** | вожагони нахустини забоне |

| | |
|---|---|
| **Нахустгетӣ** | гетӣ (олам, ҷаҳон)-и нахустин |
| **Нахустгом** | гоми нахустин, масалан, нахустгоми кӯдак |
| **Нахусткишт** | кишти нахустини замин |
| **Нахустозмоиш** | озмоиши аввалия |
| **Нахустпадида** | падидаи нахустин |
| **Нахустпайкор** | ташаббускори аввалин |
| **Нахустсанҷиш** | санҷиши нахустин |
| **Нахусттаркиш** | таркиши нахустини Коинот |
| **Нахустшумора** | шумораи нахустин; воҳид |
| **Наҳоргаҳ** | вақти наҳор (субҳи барвақт); вақти наҳорӣ (ғизохӯрӣ) |
| **Некдуда** | некавлод |
| **Некуманиш** | накукор, накукирдор |
| **Неруандӯза(к)** | олати андӯхтани нерӯ (энергия) |
| **Неруандӯзӣ** | андӯхтан (ғун) кардани неру (энергия), захира намудани нерӯ |
| **Неругирӣ** | гирифтани неру (энергия) тавассути абзору таҷҳизоти таъмини энергия (масалан, шабака, аккумулятор, батарея) |
| **Неругоҳ** | таҷҳизот барои истеҳсоли ягон навъи неру (энергия) |
| **Нерудеҳ(ак)** | олати нерудиҳанда (энергиядиҳанда) |
| **Нерудиҳӣ** | неру (энергия) додан |
| **Нерузудо** | олати нерузудоянда, олати бенеру (беэнергия) гардонанда |
| **Нерумоя** | манбаъ ё захираи неру (энергия), масалан, об, бод, ангишт, нафт ва ғайра (дар |

| | |
|---|---|
| | шакли ҷамъ – **нерумояҳо**) |
| **Неруфизо** | воситаи афзояндаи неру (қувва) |
| **Неруфизоӣ** | амали афзоиш додани неру (қувва) |
| **Ниж/ниҷ** | бута |
| **Нижвор/ниҷвор** | бутазор |
| **Нимамоҳ** | моҳи нима (нопурра) |
| **Нимарӯз** | ними рӯз, нисфи рӯз |
| **Нимасол** | ними сол, нисфи сол |
| **Нимашаб** | ними шаб, нисфи шаб |
| **Нимгудохта** | ба таври комил гудохтанашуда |
| **Нимрехта** | ба таври комил рехтанашуда |
| **Нимсӯзиш** | каме сӯхтан (масалан, сим) |
| **Нимсӯхта** | чӯб ё ангиште, ки пурра (комилан) насӯхтааст |
| **Нимхоб** | хоби нотамом, пинак |
| **Нифа** | он ҷойи шалвор, ки аз он банд гузаронанд, бандкаши шалвор |
| **Ниҳолпирой** | ниҳолпарвар |
| **Ниҳолпироӣ** | пироста (орою зебо) кардани ниҳоли дарахт |
| **Ниҳондорӣ** | ниҳон (пинҳон) доштан |
| **Нишастбонг** | бонг (сигнал)-и фурудоии ҳавопаймо |
| **Нишастгоҳ** | ҷойи нишаст; майдончаи нишасти ҳавопаймо |
| **Нишасткард** | нишаст кардани масалан ҳавопаймо |
| **Нишастроҳ** | пайроҳаи нишасти ҳавопаймо |
| **Нишастухест** | нишастану хестан (масалан, |

| | |
|---|---|
| | ҳавопаймо) |
| **Нишебзамин** | замини нишеб |
| **Нишебмарза** | марзаи нишеб |
| **Нишебрав** | ба нишебӣ раванда (ҷоришаванда) |
| **Нишебрафт** | ба нишеб рафтан |
| **Нишеброҳ** | роҳи нишеб (шебдор) |
| **Нишониш** | нишонидан (шинонидан)-и чизе дар ҷойе, насб кардан |
| **Нобанбар** | анбари ноб (тоза, соф) |
| **Ноандархур** | номуносиб,номуофиқ |
| **Новакӯҳ** | кӯҳи монанд ба нова |
| **Новасанг** | санги монанд ба нова |
| **Новиш** | новидан, ин сӯ-он сӯ ҷунбидан |
| **Новдон** | абзори равонкарди оби борон аз боми хона |
| **Ногаҳбод** | боди ногаҳон |
| **Ногаҳборон** | борони ногаҳон |
| **Ногаҳпайдо** | ногаҳон пайдошаванда |
| **Ногӯё** | шахси гунг |
| **Номвожа** | вожаи ифодакунандаи ном, *исм* |
| **Номвожагон** | вожаҳои ифодакунандаи ном |
| **Нонбандӣ** | нон бастан (дар танӯр) |
| **Нондон** | зарфи нонгирӣ |
| **Нонсозӣ** | сохтани нон аз хамир |
| **Нонтарит/нонтарид** | тарити нон, дар об тар карда хӯрдани нон |
| **Нопазиро** | нопазиранда, қабулнакунанда |
| **Нопазирой** | қобили пазирой набудан (надоштан) |
| **Носардӣ** | хусусияти сардӣ надоштан |

| | |
|---|---|
| **Носозворӣ** | ноҷӯрӣ |
| **Носур** | ҷароҳат; реш |
| **Нотобишӣ** | қобилияти дурахшидан (ҷило, партав додан) надоштани ҷисм |
| **Нохостларза** | ларзаи нохост (якбора, баногоҳ) |
| **Ноҷунбон** | наҷунбанда |
| **Ноҷунбоӣ** | хусусияти ҷунбиш кардан надоштан |
| **Нохостбод** | боди ногаҳон вазанда |
| **Нохостборон** | борони ногаҳон боранда |
| **Нохостпайдо** | ногаҳон пайдошаванда |
| **Нохосттаркиш** | таркиши ногаҳонӣ |
| **Нохунпирой** | нохунчин, абзор барои буридану задани нохун |
| **Ноҷунбон** | ниг.: **ноҷунбо** |
| **Нурандоз(ак)** | воситаи паҳн кардани нур (рӯшноӣ) |
| **Нурафзо(як)** | воситаи афзоиш додани нур (рӯшноӣ) |
| **Нурафкан** | афканандаи нур |
| **Нурафшон** | афшондани нур |
| **Нурафшонӣ** | амали пошидани нур (рӯшноӣ) |
| **Нурбардорӣ** | қобилияти ба нур (рӯшноӣ) тобовар будан |
| **Нурбардошт** | ниг.: **нурбардорӣ** |
| **Нурбонг** | бонг (сигнал)-и нур |
| **Нурборандагӣ** | хусусияти нурбор кардан доштан |
| **Нурбориш** | амали нурбор кардан |
| **Нургардон** | воситаи безараргардонии таъсири нур |

| | |
|---|---|
| **Нургирак** | воситаи қабулкарди нур |
| **Нургирӣ** | нур (шуоъ) хӯрдан (гирифтан) |
| **Нурдармонӣ** | муолиҷа (табобат) ба воситаи нур |
| **Нурнамо** | василаи намудор кардани рӯшноӣ (нур) |
| **Нурофар(ак)** | воситаи падид овардани нур |
| **Нурпалмоса(к)** | асбоби ба воситаи нур ламс кардани чиз |
| **Нурпарто** | воситаи партофт (андохт)-и нур |
| **Нурполо** | воситаи ҷудо кардани нур (рӯшноӣ) |
| **Нурпошак** | ниг.: **нурпошо** |
| **Нурпошӣ** | пошидани нур (рӯшноӣ) |
| **Нурпошо** | воситаи пошидани нур (рӯшноӣ); нурпошанда |
| **Нурпошонӣ** | амали пареш додани нур (шуоъ) |
| **Нуртора** | тораи нур, шуоъ |
| **Нурфизо(як)** | ниг.: **нурафзо(як)** |
| **Нурфишонӣ** | ниг.: **нурафшонӣ** |
| **Нуршикаст** | шикасти нур |
| **Нуршоха** | шоха (даста)-и нур; шуоъ |
| **Нӯв** | нола, фиғон |
| **Нӯвиш** | нола кардан, фиғон бардоштан |
| **Нӯфиш** | нӯфа (ғалоғула) кардан; баромадани акси садо аз кӯҳ |
| **Нӯшафзор** | афзори нӯшиш (нӯшидан) |
| **Нӯшбоб** | боби нӯшидан |
| **Нӯшбоё** | ниг.: **нӯшбоб** |

| | |
|---|---|
| **Нӯшгувор** | зулол |
| **Нӯшиш** | раванди нӯшидан |
| **Нӯшоб** | оби гуворо |
| **Нӯшониш** | нӯшонидан |
| **Нӯшханда** | хандаи гуворо |
| **О** | |
| **Оббаро(й)** | ҷойи аз зеризамин берун омадани об; чашма |
| **Оббон** | назорат (танзим)-гари об |
| **Оббонӣ** | назорат (танзим) кардани об |
| **Оббурда** | чизе, ки тавассути об бурда, такшин шудааст |
| **Обгирак** | зарфе барои обгирӣ |
| **Обгузар** | ҷое, ки аз он об мегузарад (ҷорӣ мешавад) |
| **Обгузаро** | қобилияти обгузаронӣ |
| **Обгузаронӣ** | аз худ гузаронидани об |
| **Обгузаронандагӣ** | қобилияти аз худ гузаронидани об |
| **Обгуна** | чизи мисли об; моеъ |
| **Обгунҷой** | чӣ кадар гунҷонидани об |
| **Обгунҷониш** | қобилияти дар худ гунҷонидани об |
| **Обғанҷ** | ғанҷ (монанда, ранг)-и об |
| **Обдав** | давиши об; ҷойи тез ҷорӣ шудани об, масалан, дар замин; ҷӯяк |
| **Обдамиш** | дамидан (баланд шудан)-и об |
| **Обдору** | доруи обакӣ |
| **Обдурда** | дурдае, ки онро об бурда, такшин намудааст |
| **Обжӯлиш** | бо об жӯлидан (омехта ё олуда шудан) |

| | |
|---|---|
| **Обзан** | зарфи бузурге, ки дар он нишаста, бадани худро бо об шӯянд; ванна |
| **Обзаҳиш** | заҳида гузаштани об |
| **Обканд(а)** | мавзее, ки онро об (сел) кандааст; селроҳа |
| **Обкаш** | чизе, ки обро ба худ мекашад (меҷабад): замини обкаш |
| **Обкост** | кам шудани об |
| **Обкоҳиш** | кам шудани об |
| **Облӯла** | лӯлаи обрасонӣ |
| **Обмино** | мино (зарф)-и обгирӣ |
| **Обмоно** | монанд ба об; моеъ |
| **Обмоя** | моя (манбаъ)-и об |
| **Обмӯрӣ** | мӯрии обгузар, яъне, воситаи гузаронидани об аз як ҷой ба ҷойи дигар |
| **Обнеру** | неру (энергия)-и об |
| **Обнова** | новаи ҷорӣ кардани об аз ҷое ба ҷое |
| **Обнорасид** | хок (замин)-и ҳоло обёрӣ нашуда |
| **Обнорасида** | хоке (замине), ки ҳоло обёрӣ нашудааст |
| **Обогина** | обпуркунанда, обғундкунанда |
| **Оболоиш** | бо об олуда кардан |
| **Оболуда** | бо об олудашуда |
| **Обомехта** | бо об омехташуда |
| **Обомезиш** | бо об омехта кардан |
| **Обполак** | ниг.: **обполо** |
| **Обполандагӣ** | қобилияти полидани об |
| **Обполо** | воситаи тоза (покиза) кардани об |
| **Обпаз** | бо об пазонидан |

| | |
|---|---|
| **Обполоӣ** | амали покиза кардан (полидан)-и об |
| **Обпухт** | бо об пухтан |
| **Обпухта** | бо об пухташуда |
| **Обрав** | рави об, самти ҷоришавии об, ҳудуди ҷоришавии оби дарё |
| **Обраҳа** | ҷойи ҷоришавии об |
| **Обрӯда** | рӯдаи обрасонӣ |
| **Обсанг** | санги даруни об, санге, ки аз даруни оби дарё гирифта шудааст |
| **Обсанҷ** | воситаи санҷидан (чен кардан)-и об; мутахассиси соҳаи обшиносӣ (обсанҷӣ) |
| **Обсириштагӣ** | бо об сиришташуда (омехташуда, оғишташуда) |
| **Обсон** | ниг.: **обгуна** |
| **Обтобовар** | ба об тобоваранда, оббардошт |
| **Обфурӯбарандагӣ** | қобилияти фурӯ бурдан (ба худ кашидан)-и об |
| **Обфурӯбарӣ** | фурӯ бурдан (ба худ кашидан)-и об |
| **Обхаст** | ниг.: **обхушкӣ** |
| **Обхӯрда** | серобшуда, аз об сершуда (масалан, хок) |
| **Обхушкӣ** | хушкие, ки дар миёни об воқеъ аст; ҷазира |
| **Обҳавра** | ҳавр (ҳавл, бухор)-и об |
| **Обчаконак** | воситаи чаконидани об |
| **Обчаконӣ** | чакониши об |
| **Обчарха** | чарха (парра, парвона)-и обӣ *(дар киштӣ)* |
| **Обҷабак** | воситаи ҷаббидани об |

| | |
|---|---|
| **Обҷабандагӣ** | ниг.: **обҷабой** |
| **Обҷабо** | ҷабандаи об |
| **Обҷабой** | хусусияти ба худ ҷабидани обро доштан |
| **Обҷаст** | баланд шудани сатҳи об |
| **Обҷаҳ** | ҷойи ҷаҳида ҷорӣ шудани об, шаршара |
| **Обҷӯшонак** | зарф барои ҷӯшонидани об |
| **Обшӯст** | ба воситаи об шӯстан |
| **Обшӯста** | бо об шӯсташуда |
| **Овангбаст** | овезон карда бастан |
| **Üванд** | сатил, сатл |
| **Оводиҳӣ** | овоз додан, фарёд кардан |
| **Овозандозӣ** | овоз андохтан, навҳа кашидан |
| **Овоафкан(ак)** | воситаи овозафкан (садоафкан) |
| **Овобанд** | воситаи банд кардан (нагузарондан)-и овоз (садо) |
| **Овобандӣ** | банд кардани овоз (садо) |
| **Овобонг** | бонг (сигнал) тавассути овоз (садо) |
| **Овогир(ак)** | воситаи қабули овоз (садо) |
| **Овоқаппак** | воситаи қаппидан (доштан)-и овоз (садо) |
| **Овонишон** | воситаи хомӯш (пасттар) кардани овоз (садо) |
| **Овоногир** | чизи овознагузароннанда (садоро нагиранда) |
| **Овоногирӣ** | хусусияти овозро нагирифтан доштан |
| **Овопареш** | пароканда шудан (пареш хӯрдан)-и овоз (садо) |
| **Овополо** | воситаи покиза гардонидани овоз (садо) |

| | |
|---|---|
| **Овосанҷӣ** | санҷидан (чен кардан)-и овоз (садо) |
| **Овофизо** | воситаи баланд кардани дараҷаи овоз (садо) |
| **Овофикан** | воситаи овозафкананда |
| **Овошикан** | воситаи монеъ шудан ба паҳншавии овоз (садо) |
| **Овошиканӣ** | шикасти овоз (садо) зимни паҳншавӣ |
| **Огардкашӣ** | огард (ҷӯяк) кашидан |
| **Оғишта** | омехта; олуда |
| **Оғиштагил** | гили оғишта (олудашуда) |
| **Оғиштаоб** | оби оғишта (олудашуда) |
| **Оғоза** | оғозин, нахустин, аввалин |
| **Оғозбахшӣ** | оғоз бахшидан ба коре |
| **Оғоздиҳӣ** | оғоз додан ба коре |
| **Оғозиш** | оғозидан, оғоз кардан, шурӯъ кардан |
| **Оғола** | ангеза |
| **Оғолиш** | оғолидан, ангехтан, барошуфтан |
| **Оғор** | нам, заҳ |
| **Оғориш** | намгирӣ, заҳкашӣ |
| **Ожанд** | маҳлул |
| **Ожандгардонӣ** | маҳлулгардонӣ |
| **Ожиш** | ожидан, халондан, сӯрох кардан |
| **Озабзор** | абзори озиш, сӯрохкунанда |
| **Озиш** | амали озидан, яъне, сӯрох кардан, рандидан |
| **Оинамоно** | монанд ба оина |
| **Ок** | осеб, айб, нуқсон |
| **Окандачӯб** | чӯби оканда (кандакоришуда) |

| | |
|---|---|
| **Окдор** | айбдор, нуқсдор |
| **Окпазир** | осебпазир |
| **Олоиш** | олуда гардонидан |
| **Олудазудой** | бартараф кардани олудагиҳо |
| **Олудаоб** | оби олуда |
| **Омадарасид** | омада ба ҷойе расидан |
| **Омадкард** | барор кардан, омад кардан |
| **Омезазудой** | аз ҳар гуна омезаву олудагӣ озод кардани таркиби моддае |
| **Омезишдеҳ(ак)** | воситаи ба ҳам омезиш додан |
| **Омезишдиҳӣ** | ба ҳам омезиш додан |
| **Омехтагӣ** | хусусияти бо ҳам омехтан доштан |
| **Оморгар** | шуморанда, башуморгиранда |
| **Омориш** | шумор кардан |
| **Омосиш** | раванди варам кардан |
| **Омоснишонӣ** | барнишонидани омос (варам) |
| **Омӯзафзор** | воситаҳои омӯзиш ё омӯзонанда |
| **Омӯхтафзор** | ниг.: **омӯзафзор** |
| **Он** | як лаҳза, як дам |
| **Онан** | дар як он, дар як лаҳзаи кӯтоҳ |
| **Онгард** | зуд (тез) гарданда (раванда) |
| **Онгардиш** | зуд (тез, дар як лаҳза) гардиш кардан |
| **Онгузар** | зудгузар, дар як лаҳзаи кӯтоҳ гузаранда |
| **Онгузашт** | зуд гузаштан, дар як лаҳзаи кӯтоҳ гузаштан |
| **Ондид** | зуд (тез) дидан, дар як лаҳзаи кӯтоҳ дидан |
| **Онандид** | якбора (дар як лаҳза) дидан |
| **Ономад** | зуд омадан, дар як лаҳзаи кӯтоҳ омадан |

| | |
|---|---|
| **Онпосух** | посух (ҷавоб)-и зуд |
| **Онрав** | зуд (тез) раванда |
| **Онрафт** | зуд (тез) рафтан |
| **Ончарханда** | зуд (тез, дар як лаҳза) чарханда |
| **Орддон** | зарф ё ҷиҳози ордгирӣ |
| **Ордина** | орддор, орднок, ғизои аз орд тайёршуда |
| **Ордмол** | бо орд молида, ордолуда кардан |
| **Ордоба** | хӯроки миллӣ аз обу орд |
| **Ордолоиш** | бо орд олуда кардан |
| **Ордолуда** | бо орд олудашуда |
| **Ордомехта** | бо орд омехташуда |
| **Ордомезиш** | бо орд омехта кардан |
| **Ориш** | маънӣ, мафҳум, чам |
| **Оришҷӯйӣ** | маъниҷӯйӣ |
| **Ороафзор** | афзори ородиҳӣ |
| **Орогул** | гули ороишӣ |
| **Оромгуфтор** | шахсе, ки гуфтори хуб, нарм, мулоим дорад |
| **Оромёбӣ** | оромӣ ёфтан; қарор гирифтан |
| **Оромпарвоз** | парвози оромона; ором парвозкунанда |
| **Оромрафт** | оромона рафтан |
| **Оромрафтор** | шахсе, ки рафтори хуб, нарм, мулоим дорад |
| **Оромсухан** | шахсе, ки оромона сухан мекунад |
| **Оромҷаст** | оромона ҷаҳанда |
| **Оромшоро** | ором шоранда |
| **Ороранг** | ранги ороишӣ (зинатдиҳӣ) |
| **Оросанг** | санги ороишӣ (зинатӣ) |
| **Орунхӯй** | одаме, ки хӯй (хислат)-и ҳамида (хуш) дорад |

| | |
|---|---|
| **Оскард** | ос (майда, реза) кардан |
| **Осонгудоз** | ба таври осон гудохташаванда |
| **Осонгузар** | ба таври осон гузаранда (убуркунанда) |
| **Осонрафт** | ба осонӣ рафтан |
| **Оссанг** | санги оскунандаи осиёб; санги тӯбшакле, ки зери он гандум ос (нарм) кунанд |
| **Оташангез** | имкони оташро бавуҷудоваранда |
| **Оташангезӣ** | хусусияти ба вуҷуд овардани оташро доштан |
| **Оташдеҳ(ак)** | воситаи оташдиҳӣ |
| **Оташзан** | ниг.: **оташдеҳ(ак)** |
| **Оташзо(й)** | эҳтимоли оташро ба вуҷуд оваранда |
| **Оташкӯҳ** | кӯҳи оташфишон |
| **Оташмоно** | монанд ба оташ |
| **Оташмоя** | моя (манбаъ)-и оташгирӣ |
| **Оташмоно** | монанд ба оташ |
| **Оташпаз** | ба воситаи оташ пазондашуда |
| **Оташпеча** | печаи (шуълаи) оташ |
| **Оташпора** | пора (зарра)-и оташ |
| **Оташпухт** | ба воситаи оташ пухтан |
| **Оташтобовар** | ба оташ тобоваранда, оташбардор |
| **Оташчашм** | одаме, ки чашмонаш мисли оташ дурахшон аст |
| **Офтобагар** | офтобасоз |
| **Офтобборон** | бороне, ки аз пораи абре ҳангоми будани офтоб низ меборад |
| **Офтобгирӣ** | ниг.: **офтобсӯзӣ** |

| | |
|---|---|
| **Офтобдамиш** | дамиши Офтоб, баромадани Офтоб, тулуи Офтоб |
| **Офтобдиҳӣ** | офтоб додан, дар зери шуоъи офтоб гузоштан |
| **Офтобнишаст** | нишасти Офтоб, ғуруби Офтоб |
| **Офтобпаз** | ба воситаи нури Офтоб пазондашуда |
| **Офтобпухт** | тавассути зиёи Офтоб пухтан |
| **Офтобрӯ(я)** | тарафи офтобрас |
| **Офтобсӯзӣ** | ниг.: **офтобсӯхт** |
| **Офтобсӯхт** | сӯхтан (гирифтан)-и Офтоб; кусуф |
| **Офтобсӯхта** | чизе, ки бо таъсири нури Офтоб сӯхта сиёҳтоб гардидааст |
| **Офтобхушконӣ** | зери нури офтоб хушк кардани мевагиҳо |
| **Офтобшинам** | вақти ба нишастан (ғуруб) майл кардани Офтоб |
| **Оҳакгил** | гили оҳакдор |
| **Оҳанболор** | болори оҳанӣ |
| **Оҳангаз** | газ (ченабзор)-и оҳанин |
| **Оҳандоғ** | доғ кардан (тафсонида пок сохтан) тавассути оҳани тафсон |
| **Оҳанмех** | мехи оҳанин |
| **Оҳанмила** | милаи дарози оҳанӣ, арматура |
| **Оҳанмӯрӣ** | мӯрӣ (лӯла)-и оҳанин |
| **Оҳанпурд** | пурд (пул, купрук)-и оҳанин |
| **Оҳантавора** | тавора (девора)-и оҳанин |
| **Оҳантан** | дорои тану дасту пои қавӣ |
| **Оҳанхор** | моддаи оҳанхӯранда |

| | |
|---|---|
| **Оҳудав** | мисли оҳу давидан |
| **Очороб** | оби очор (шӯр), намакоб |
| **Ошома** | ҳар чизи ошомиданӣ (об, нӯшоба, доруоб ва ғайра) |
| **Ояндкайон** | кайон (замон)-и оянда |
| **П** | |
| **Падидоварӣ** | падид овардан, пайдо кунонидан; ба вуҷуд овардан |
| **Падидой** | пайдо шудан, намудор шудан, падид омадан |
| **Падидомад** | падид омадан, пайдо шудан, ба вуҷуд омадан |
| **Падофанд** | нигаҳдошт, дифоъ |
| **Паж** | ноҳамвор |
| **Пажзамин** | замини ноҳамвор |
| **Пажмурдагиёҳ** | гиёҳи пажмурда (бетароват) |
| **Пажмурдагул** | гули пажмурда (бетароват) |
| **Пажо** | заҳр; чирк |
| **Пажогин** | заҳрнок; чиркин, нотоза |
| **Пажроҳ** | роҳи ноҳамвор |
| **Пажӯлониш** | парешонкунӣ |
| **Пазафзор** | афзори пазидан (пӯхтан) |
| **Пазирандагӣ** | қобилияти пазируфтан (қабул кардан) доштан |
| **Пазиш** | раванди пухтан |
| **Пазишбоб** | боби пухтан |
| **Пазодору** | доруи пазонанда |
| **Пазониш** | ба пухтан расонидан |
| **Пазопазир** | пухташаванда, боби пазониш |
| **Пай** | из, ҷой; эҳсос, фаҳм |
| **Пайбурд** | пай бурдан, эҳсос кардан; фаҳм кардан |

| | |
|---|---|
| **Пайвастак** | ҷузъи пайвасткунанда (муҳкамкунанда, устуворкунанда)-и чизе ба чизе |
| **Пайвастгоҳ** | ҷойи пайвасти чизе |
| **Пайгард** | таъқибгар |
| **Пайгардӣ** | таъқиб кардан |
| **Пайконафкан** | воситаи афкандан (партофтан)-и пайкон, камон |
| **Пагӯй** | одами доно, фарзона |
| **Пайдопазир** | пайдошаванда, имкони пайдошавӣ доштан |
| **Пайвандпазир** | қобили пайваст, алоқа |
| **Пайвастагардонӣ** | баргашта бо ҳам пайваст кардан |
| **Пайгузорӣ** | пай (нишона, из) гузоштан |
| **Пайдоӣ** | зоҳир шудан, намоён шудан |
| **Пайканд** | кандани пай (из), пай гузоштан |
| **Пайканӣ** | пай (нақш, нишона) кандан дар чизе |
| **Пайкарбаст** | сохтмон (сохтор)-и зоҳирӣ |
| **Пайпартоӣ** | пай (из) партофтан, масалан дар чӯб |
| **Пайрасонӣ** | ба пай (ҷой) бурда расонидан |
| **Пайт** | лаҳза, вақти муносиб |
| **Пайтёбӣ** | ёфтани пайт (лаҳзаи муносиб) |
| **Пайткобӣ** | кофтани пайт (лаҳзаи муносиб) |
| **Пайтҷӯйӣ** | ҷӯстани пайт (лаҳзаи муносиб) |
| **Пaканатан** | тан (ҷусса)-и хурддошта |
| **Палангҷаст** | ҷасти палангвор |

| | |
|---|---|
| **Палдара** | қолаби дар |
| **Палмоса** | воситаи палмосидан (ламс кардан) |
| **Пандгор** | панддиҳанда; носеҳ |
| **Пандгорӣ** | панд додан |
| **Пангсухан** | содасухан |
| **Пангфаҳм** | кундфаҳм |
| **Панаҳдошт** | паноҳ (пинҳон) нигоҳ доштан, пеши чизеро гирифтан |
| **Панаҳраҳ** | роҳи паноҳ (ноаён, душворпаймо); панораҳ |
| **Панҷраш** | панҷ қулоч; ниг.: **раш** |
| **Парафзор** | афзори парвозӣ (паридан) |
| **Парандагӣ** | хусусияти ба боло паридан (фавворазанӣ) доштан |
| **Парваришпазир** | қобили парвариш (тарбият) |
| **Парвозбоб** | парвозӣ, парвозкунанда, ба парвоз мувофиқ |
| **Парвозгоҳ** | маҳалл (макон)-и парвоз |
| **Парвоздиҳӣ** | ба парвоз даровардан |
| **Парвозӣ** | парвозбоб |
| **Пардакашӣ** | парда кашидан |
| **Пардаовезӣ** | овехтани парда |
| **Парешдиҳӣ** | ба ҳар ҷо пареш додан (партофтан, тақсим кардан) |
| **Паридаомад** | парида омадан |
| **Паридарафт** | парида рафтан |
| **Парина** | воситаи паридан; воситаи парвоз кардан; ҳавопаймо |
| **Пармакард** | амали парма кардани чизе |
| **Пармакофт** | тавассути парма дарункофт кардани чизе |
| **Пармашикоф** | бо парма шикофкардашуда |

| | |
|---|---|
| **Пармоса** | воситаи палмосидан (ламс кардан) |
| **Пармосиш** | пармосидан, ламс кардан |
| **Пармуда** | чиз |
| **Пароша** | парешёфта, парешида |
| **Паррам** | чарс, зудшикан, мурт |
| **Паррамӣ** | чарсӣ, зудшиканӣ, муртӣ |
| **Парчинбаст** | бо парчин пайваст кардан |
| **Пасандохт** | ба пас (ақиб, қафо) андохтан (партофтан) |
| **Пасафтод** | ба пас афтидан |
| **Пасбонг** | бонг (сигнал)-и ҷавобӣ бар амале (рафторе) |
| **Пасвок** | овоз (вок)-и пасгашта |
| **Пасгар** | гар (ғар, кӯҳ)-и пас (қафо) |
| **Пасгаравиш** | ба пас гаравидан (майл кардан) |
| **Пасгард** | афсари аз сафи қафо гарданда (қадамзананда, ҳаракаткунанда) |
| **Пасгардон** | воситаи ба пас (қафо) гардонидан |
| **Пасгардонӣ** | ба пас (қафо) гардонидан |
| **Пасгашт** | ба пас (қафо) тоб хӯрда ҳаракат кардан |
| **Пасғалт** | ба пас ғалтидан |
| **Пасғар** | ниг.: **паскӯҳ** |
| **Пасгардона** | воситаи ба сӯйи пас гардонанда |
| **Пасдав** | ба пас (қафо) даванда |
| **Пасдавиш** | ба пас (қафо) давидан |
| **Пасдиҳӣ** | ба пас (қафо) додани чизе |
| **Пасдод** | ниг.: **пасдиҳӣ** |
| **Паскашак** | воситаи ба пас кашанда |

| | |
|---|---|
| **Паскашид** | ба пас кашидани чизе |
| **Паскӯҳ** | кӯҳи пас (қафо) |
| **Паснамо** | афзори нишондиҳандаи намуд аз қафо |
| **Паснамуд** | намуд аз пас (қафо) |
| **Пасовоз** | овози баргашта |
| **Пасоба** | обе, ки баъди истифода баръакс, ба пас (қафо) ҷорӣ мешавад (*дар соҳаи обу корез*) |
| **Пасовиш** | пасовидан, пармосидан, ламс кардан |
| **Пасомад** | ба (аз) пас (қафо) омадан |
| **Паспареш** | пареш (пароканиш)-и баръакс |
| **Паспарто** | воситаи ба пас партоянда (партофткунанда) |
| **Паспартофт** | ба қафо (пас) партофтан |
| **Паспечониш** | печониши баръакс |
| **Пасрафт** | ба (аз) пас (қафо) рафтан |
| **Пасронд** | ба пас (ақиб, қафо) рондан |
| **Пасронӣ** | ниг.: **пасронд** |
| **Пасроҳагӣ** | роҳ ба сӯйи пас (қафо) |
| **Паствок** | пастовоз |
| **Пастзамин** | замини паст, замини дар пастӣ ҷойгиршуда |
| **Пасткат** | мавзеи дар пастӣ ҷойгирбуда. ниг.: **кат** |
| **Пастрафт** | паст шудан, кам шудан (масалан, нарх) |
| **Паскашак** | воситаи ба сӯйи пас кашанда |
| **Паскашо** | ниг.: **паскашак** |
| **Пасоба** | обе, ки баъд аз бастани оби ҷуйбор дар он боқӣ мемонадт |

| | |
|---|---|
| **Пастеладиҳак** | ҷузъи ба пас теладиҳандаи асбоб (дар техника) |
| **Пасткӯҳ** | кӯҳи паст |
| **Пастозиш** | ба пас тохтан |
| **Пастозониш** | ба пас тозонидан (масалан аспро) |
| **Пастохт** | ба пас тохтан |
| **Пастпарвоз** | хеле паст парвозкунанда (оид ба ҳавопаймо, чархбол ва монанди ин) |
| **Пасупешрафт** | пасу пеш рафтан (ҳаракат кардан) |
| **Пасчарх** | чархи қафо (пас) *(дар автомобил)* |
| **Пасчарха** | чархаи пас *(дар неругоҳ)* |
| **Патёра** | газанд, ангеза |
| **Патх** | ҳайрон, ҳайрат |
| **Патхшавӣ** | ҳайроншавӣ |
| **Пахол** | пояҳои хушки гандум ё дигар навъи зироат; коҳ |
| **Пахолболишт** | болишти пахолӣ |
| **Пахолгилем** | гилеми пахолӣ (аз пахол бофташуда) |
| **Пахолдевора** | деворае, ки аз бастаи пахолҳо кашида шудааст |
| **Пахтапоға** | поғаи пахта |
| **Пахч** | кӯфт, пахш |
| **Пахчиш** | амали кӯфтан, пахшидан |
| **Пахшафзор** | афзори пахшиш (фишориш) |
| **Пахшиш** | амали пахшидан |
| **Паҳна** | паҳной (паҳнаи муҳраи гардани инсон) |
| **Паҳнгустара** | ба паҳно густаришёфта |
| **Паҳнгустариш** | ба паҳно густариш ёфтан |

| | |
|---|---|
| | (паҳн шудан) |
| **Паҳндевор** | девори паҳн |
| **Паҳнрӯй** | дорои рӯйи паҳн |
| **Паҳнрӯя** | ҳар чизи дорои рӯя (тараф)-и паҳн |
| **Пачвок** | баргардонидан, таҷума кардан |
| **Паюг** | арӯс |
| **Певоз** | шабпарак |
| **Пероафзор** | афзори пероядиҳӣ (ороишдиҳӣ) |
| **Печафзор** | афзори печонанда |
| **Печбаст** | печонида бастан |
| **Печа** | чизи печдор |
| **Печамех** | мехи печадор |
| **Печамила** | мила ё мехи печадоре, ки зимни устувор кардани пояи бинову иншоот истифода мешавад; анкер |
| **Печдиҳӣ** | печ додан |
| **Печидагӣ** | хусусияти печида доштан, печида будан |
| **Печидагул** | гули печида |
| **Печидароҳ** | роҳи печутобдор |
| **Печина** | воситаи печонидан; воситаи печонанда |
| **Печона** | ниг.: **печина** |
| **Печониш** | печонидан |
| **Печутобхӯрандагӣ** | қобилияти ба ҳар тараф печутоб хӯрдан |
| **Печхӯрд** | печидан, тоб хӯрдан |
| **Печхӯрда** | печида, тобхӯрда |
| **Печхӯрдагӣ** | чизи печхӯрда |
| **Пешафтод** | ба пеш афтидан |

| | |
|---|---|
| **Пешбаровард** | ба пеш баровардан |
| **Пешгаравиш** | ба пеш гаравидан (майл кардан) |
| **Пешгард** | афсари аз сафи пеш гарданда (қадамзананда, ҳаракаткунанда) |
| **Пешгардона** | воситаи ба сӯйи пеш гардонанда |
| **Пешгоҳ** | замон (гоҳ)-и пешин (қадим) |
| **Пешгузашт** | пеш гузаштан |
| **Пешгузошт** | пештар гузоштан |
| **Пешгуфт** | дар оғоз гуфтан, пешгӯйӣ кардан |
| **Пешгуфта** | пешгӯйӣ кардашуда |
| **Пешғалт** | ба пеш ғалтидан |
| **Пешғар** | ниг.: **пешкӯҳ** |
| **Пешғела** | ба пеш ғеланда |
| **Пешғелонак** | воситаи ба пеш ғелонанда (дар асбобҳои техникӣ) |
| **Пешғеҷо** | ба пеш ғеҷанда |
| **Пешғеҷонак** | воситаи ба пеш ғеҷонанда (дар асбобҳои техникӣ) |
| **Пешдавиш** | ба пеш давидан |
| **Пешдавонак** | ҷузъи ба пеш давонанда (дар асбобҳои техникӣ) |
| **Пешкашак** | воситаи ба пеш кашанда (дар асбобҳои техникӣ) |
| **Пешкашид** | пеш кашидан; пештар кашидан (ба сӯйи худ) |
| **Пешкашида** | ба пеш кашидашуда |
| **Пешкишт** | кишти пешакӣ |
| **Пешкӯҳ** | кӯҳи пеши рӯ |
| **Пешнамо** | лоиҳа |
| **Пешнамоя** | афзори нишондиҳандаи |

| | |
|---|---|
| | намуд аз пеш |
| **Пешнамуд** | намуд аз пеш (рӯй) |
| **Пешоба** | ғашобае, ки пеш-пеши оби ҷуйбор пас аз ба ҷуйбор сар додани об равона аст |
| **Пешовард** | ба пеш овардан |
| **Пешпазониш** | пазониши пешакӣ |
| **Пешпарто** | воситаи ба пеш партоянда (партофткунанда) |
| **Пешронд** | ба пеш рондан |
| **Пешронӣ** | ниг.: **пешронд** |
| **Пештеладиҳак** | воситаи ба пеш теладиҳанда (дар асбобҳои техникӣ) |
| **Пештозониш** | ба пеш тозонидан (масалан аспро) |
| **Пештохт** | ба пеш тохтан, аз пеш тохтан |
| **Печафзор** | афзори печониш |
| **Печроҳ** | роҳи печопеч |
| **Пешроҳагӣ** | роҳ ба сӯйи пеш |
| **Пешрӯ** | рӯ (сӯ) ба пеш |
| **Пешрӯя** | тарафи рӯяи чиз |
| **Пешсӯ(й)** | сӯй (тараф)-и пеш |
| **Пешпартофт** | ба сӯйи пеш партофтани чизе |
| **Пешхӯрок** | хӯроки пеш (аввал, якум) |
| **Пешхӯрокӣ** | хӯрокӣ (хӯрданӣ)-ҳои пешакӣ захирашуда |
| **Пешчарх** | чархи пеш *(дар автомобил)* |
| **Пешчарха** | чархаи пеш *(дар неругоҳ)* |
| **Пешҷаст** | ба пеш ҷастан |
| **Пешҷаҳиш** | ниг.: **пешҷаст** |
| **Пешҷунбиш** | ба пеш ҷунбидан (ҳаракат гардан) |
| **Пилзӯрӣ** | зӯрӣ ба мисли зӯрии пил (фил) |

| | |
|---|---|
| **Пилта** | ресмон ё тасмаи бофта |
| **Пилтабанд** | банди пилташакл |
| **Пилтабаст** | бо пилта бастан |
| **Пилтакаш** | бо пилта кашидаву муҳкам басташуда |
| **Пилтачароғ** | чароғи пилта (чароғе, ки аз ҳисоби сӯхтани пилтаи дар равған таршуда равшанӣ медиҳад) |
| **Пинакрафт** | пинак рафтан, каме хоб рафтан |
| **Пинакхоб** | хоби пинак, нимхоб |
| **Пингон** | коса, пиёла |
| **Пинҳондошт** | пинҳон доштан, махфӣ нигоҳ доштан |
| **Пинҳонкор** | касе, ки ба коре пинҳонӣ машғул аст |
| **Пирдарахт** | дарахти пир (куҳан) |
| **Пирчанор** | чанори пир (куҳан) |
| **Пиҳгудозӣ** | гудохтан (об кардан)-и пиҳ (чарбу) |
| **Пичиргуфт** | пичир-пичир гуфтан (гап задан) |
| **Пичиргуфтор** | касе, ки пичир-пичир гап мезанад |
| **Поғамоно** | монанди поға, поғашакл |
| **Поғӯш** | ғута хӯрдан |
| **Повазиш/подвазиш** | ба сӯйи баръакс вазидани бод (шамол) |
| **Погардиш/ Подгардиш** | ба сӯйи баръакс гардиш кардан |
| **Погуфтор/ Подгуфтор** | касе, ки ҳамеша муқобили сухани каси дигар сухан мекунад |
| **Подофара** | подош, мукофот |

| | |
|---|---|
| **Поинвар** | поинсӯ, поинсамт. Ниг.: **вар** |
| **Поингузашт** | ба сӯйи поин гузаштан |
| **Поиндиҳӣ** | ба сӯйи поин равона кардан |
| **Поиндод** | ниг.: **поиндиҳӣ** |
| **Поинканора** | канораи поини Замин; ҷануб |
| **Поинкард** | поин кардан, фаровардан |
| **Поинкаш(ак)** | воситаи ба сӯйи поин кашидани чизе |
| **Поинкашӣ** | ба сӯйи поин кашидан |
| **Поинҷаст** | ба поин ҷастан |
| **Поиновард** | ба поин овардан |
| **Поиномад** | ба поин омадан |
| **Поинрафт** | ба поин рафтан; поинравӣ, пастшавӣ (масалан, нарх) |
| **Поинрӯ** | рӯ (самт, сӯ) ба поин, поинраванда |
| **Поинсӯ(й)** | сӯ (самт) ба поин доштагӣ |
| **Поинсӯйӣ** | ба поин сӯ (самт) доштан |
| **Покард/подкард** | ниг.: **покуниш/подкуниш** |
| **Покирдор/ Подкирдор** | касе, ки ҳамеша муқобили кирдори каси дигар амал мекунад |
| **Покоб** | оби пок (тоза) |
| **Покреж** | одаме, ки реж (мақсад)-аш пок аст, покмақсад |
| **Поксозӣ** | пок сохтан, тоза намудан (масалан, аз олудагӣ) |
| **Покӯб** | бо пой кӯфтан |
| **Покӯбиш** | амали бо пой кӯфтани чизе |
| **Покуниш/ подкуниш** | амали баръакс, аксуламал, вокуниш |
| **Покӯфт** | по кӯфтан; бо пой кӯфтан; бо пой кӯфташуда (кӯбидашуда) |
| **Покӯфта** | чизи бо пой кӯфташуда |

| | |
|---|---|
| **Поовоз/подовоз** | овози баръакс, эхо |
| **Поомад/подомад** | ба сӯйи баръакс омадан |
| **Поракард** | пора-пора кардан |
| **Поранон** | нони пора |
| **Порасанг** | санги пора, як пора санг |
| **Порафт/подрафт** | ба сӯйи баръакс рафтан |
| **Порафтор/ Подрафтор** | касе, ки ҳамеша муқобили рафтори каси дигар рафтор мекунад |
| **Порашавандагӣ** | хусусияти порашавӣ доштан |
| **Посгуна** | ҳолати чаппа |
| **Посира** | андӯхта, захирашуда; захира |
| **Потеша** | тешаи нӯгпаҳни калон барои тарошидани чӯб |
| **Пофишанг** | фишанге, ки ҳаракатро ба воситаи пой ба вуҷуд меоварад |
| **Похсадевор** | ниг.: **поғадевор** |
| **Почархиш/ Подчархиш** | ба сӯйи баъакс чархидан |
| **Поҷаст/подҷаст** | ба сӯйи баръакс ҷаҳидан |
| **Поша** | пошдиҳанда; воситаи пошдиҳӣ |
| **Пошафзор** | афзори пошдиҳанда |
| **Пошгуна** | ниг.: **посгуна** |
| **Пошдеҳ(ак)** | воситаи пош додан |
| **Пошдиҳӣ** | амали пош додан |
| **Пошдод** | ба ҳар сӯ пош додан |
| **Пошина** | пошбоб, қобили пошидан будан |
| **Пошиш** | пошидан; чизеро пошида-пошида рафтан |
| **Пошо** | чизи пошхӯранда |
| **Пошона** | пошдиҳанда |

| | |
|---|---|
| **Пошонӣ** | ба ҳар тараф парешон будан |
| **Пошоя** | воситаи пошдиҳанда |
| **Пошхӯрд** | ба ҳар тараф пош хӯрдан |
| **Пулбандӣ** | бастан (сохтан)-и пул (кӯпрук) |
| **Пулроҳа** | роҳе, ки тавассути пул мегузарад |
| **Пунбапора** | порае аз пунба (пахта) |
| **Пургардонак** | воситаи пур кардани чизе бо чизе (дар асбобҳои техникӣ) |
| **Пургардонӣ** | пур-пур кардан |
| **Пурд** | пул, купрук |
| **Пурк** | ҷаст, парид |
| **Пуркард** | бо чизе пур кардани чизе |
| **Пуркиш** | ҷастан, паридан (масалан, паридани чашм) |
| **Пуррагардонӣ** | пурра (комил) гардонидан |
| **Пурракард** | пурра (комил) кардан |
| **Пуррасӯхт** | пурра сӯхта тамом шудан (масалан, сӯзишворӣ) |
| **Путккӯб** | ба воситаи путк кӯбидашуда |
| **Путккӯбиш** | ба воситаи путк кӯбидан |
| **Путккӯфт** | ба воситаи путк кӯфтан |
| **Путкшикаст** | ба воситаи путк шикастан (масалан сангро) |
| **Пус** | писар |
| **Пухтафзор** | афзори хӯрокпазӣ |
| **Пухтарасид** | ба пухтан расидан |
| **Пухтарасиш** | пухта расо шудан (масалан, мева) |
| **Пучмоя** | бемоя, бемаънӣ |
| **Пуштак** | паси чизе |
| **Пуштакӯҳ** | кӯҳи теппамонанд |
| **Пуштгирак** | борхалта |

| | |
|---|---|
| **Пӯзишхост** | маъзарат хостан, узр пурсидан |
| **Пӯкдарахт** | дарахти пӯк (даруни танааш холӣ) |
| **Пӯкчӯба** | чӯбаи пӯк (дарунхолӣ) |
| **Пӯсидагил** | гили пӯсида (бӯйдор) |
| **Пӯсидахок** | хоки пӯсида (бӯйдор) |
| **Пӯсо** | пӯсанда |
| **Пӯсониш** | ба ҳоли пӯсида овардан |
| **Пӯспазир** | ниг.: **пӯсо** |
| **Пӯстканд** | аз пӯст ҷудо кардан |
| **Пӯстканда** | аз пӯст ҷудо кардашуда |
| **Пӯсткард** | пӯст кардан |
| **Пӯстпартоӣ** | пӯст партофтан, аз пӯст берун шудан, масалан, мор |
| **Пӯстпиро** | касе, ки пешааш пок кардану пардохт додани пӯст бошад |
| **Пӯстпора** | пораи пӯст |
| **Пӯша** | воситаи пӯшонидан; қабати пӯшонанда; рӯйкаш |
| **Пӯшафзор** | афзори пӯшониши рӯйи чизҳо |
| **Пӯшониш** | амали бо чизе пӯшонидан; амали рӯйкаш кардан |
| **Р** | |
| **Равғандон** | зарфи равғангирӣ |
| **Равғанкаш(ак)** | воситаи кашидани равған |
| **Равғанлӯла** | лӯлаи равғанрасонӣ |
| **Равғанмоно** | ҳар моеъоти монанд ба равған |
| **Равғаннамо** | абзоре, ки ҳаҷми равғанро нишон медиҳад |
| **Равғанполо** | абзоре, ки равғанро тоза |

| | |
|---|---|
| | мекунад |
| **Равғанрӯда** | рӯда (шланг)-и равғанрасонӣ *(дар автомобил)* |
| **Раводошт** | лоиқ ва ҷоиз донистан, роҳ додан, розӣ шудан ба вуқӯи коре |
| **Равониш** | равондан, нест (нобуд) кардан; дур кардан |
| **Равонкард** | равона кардан; ирсол намудан |
| **Радагузошт** | рада-рада гузоштан |
| **Раданиҳод** | рада-рада ниҳодан |
| **Рамдиҳӣ** | рам додан, тарсонидан |
| **Рамо** | раманда |
| **Рамониш** | рам онидан, тарсонидан, герезонидан |
| **Рамхӯрӣ** | рам хӯрдан, гурехтан, ҳаросида гурехтан (аз чизе*)*, хӯсидан |
| **Рангахӯла** | хӯлаи ранга |
| **Рангашиша** | шишаи ранга |
| **Ранггардонӣ** | гардонидан (дигар кардан)-и ранги чизе |
| **Рангзудо** | воситаи зудудани ранг |
| **Рангзудоӣ** | амали зудудани ранг |
| **Ранггоба** | оби рангин |
| **Рандатарош** | ба воситаи ранда тарошидани чӯб |
| **Рандидан** | ранда кардан |
| **Рандиш** | амали ранда кардан |
| **Ранҷониш** | ранҷ додан, озурдан, хафа кардан |
| **Расишгоҳ** | ҷойи ба ҳам расиш кардан |
| **Расогардонӣ** | такмил додан; пурра кардан |
| **Расониш** | касеро ба ҷое ё назди касе |

| | |
|---|---|
| | бурдан, чизеро то ҷое овардан; чизеро ба чизе пайвастан, чизеро ба чизе наздик кардан, тамос додан |
| **Расошуд** | пурра шудан |
| **Растабозор** | бозори растадор |
| **Рахкашӣ** | рах (хат) кашидан |
| **Рахнабанд** | воситаи бастан (муҳкам кардан)-и рахна (тарқиш) (дар асбобҳои техникӣ) |
| **Рахнабандӣ** | бастан (муҳкам кардан)-и рахна (тарқиш) |
| **Рахнабаст** | ниг.: **рахнабандӣ** |
| **Рахнадевор** | девори рахнадор |
| **Рахнадорӣ** | хусусияти рахна пайдо кардан доштан |
| **Рахназад** | рахна задан (масалан, ҷабҳаи ҷангиро) |
| **Рахнакард** | рахна кардан |
| **Рахнанопазирӣ** | ба рахна шудан устувор будан |
| **Рахтбандӣ** | бастани рахти сафар, равона шудан, сафар кардан, ба сафар омодагӣ дидан |
| **Рахтворӣ** | васоили даркорӣ барои хоб (кӯрпа, болишт, кампал ва ғ.); асбобу анҷом барои рахтбандӣ ( сафар) |
| **Рахтзанӣ** | болои ҳам чидани чизҳо, масалан, китобҳо, кӯрпаву болиштҳо ва монанди ин |
| **Рахтрав** | касе, ки ба сафар равона мешавад, сафаракӣ |
| **Рахшонсанг** | санги дурахшон (тобишдор, |

| | |
|---|---|
| | ҷилодор) |
| **Рахтарошак** | асбоби тарошида баровардани рах |
| **Рахтарошӣ** | тарошида баровардани рах дар рӯйи чизе |
| **Рахтафзор** | афзори рахт (хобравӣ) |
| **Рахшонситора** | ситораи дурахшон |
| **Раҳодиҳӣ** | раҳоӣ додан, сар додан, халосӣ додан |
| **Раҳоёфт** | раҳоӣ ёфтан, халос шудан, озод шудан |
| **Раҳокард** | ниг.: **раҳониш** |
| **Раҳониш** | аз чизе раҳо кардани чизи дигар |
| **Раҳоя** | раҳонанда; воситаи раҳонанда |
| **Раҷа** | абзор барои рост кардани девор, ража, шоқул; чентаноб |
| **Раҷагирӣ** | ба воситаи раҷа рост кардани девор. Ниг.: **раҷа** |
| **Раҷапартоӣ** | баробар кардани чор гӯшаи иморат пеш аз деворбардорӣ ба воситаи раҷа (чентаноб). ниг.: **раҷа** |
| **Раш** | воҳиди дарозӣ, ки ба фосилаи ҳарду даст ҳангоми аз ҳам боз кардани онҳо баробар аст; қулоч |
| **Рев** | фиреб |
| **Ревдиҳӣ** | фиребдиҳӣ |
| **Регзамин** | замини регнок |
| **Регнова** | новаи резонидани рег |
| **Регсанг** | санги регӣ |
| **Регтӯда** | тӯдаи рег |

| | |
|---|---|
| **Регтӯфон** | тӯфони рег |
| **Регхок** | хоки регдор |
| **Реж** | мақсад, ҳадаф |
| **Рездард** | дарди рез (сахт, башиддат), якбора шиддат гирифтани дард |
| **Резкард** | рез (тез) роҳ рафтан, якбора ба коре шурӯъ кардан |
| **Резабоб** | резашаванда |
| **Резаафзор** | афзори реза кардан |
| **Резак** | ниг.: **резаабзор** |
| **Резона** | резонанда; воситаи резиш |
| **Ресафзор** | афзори ресандагӣ |
| **Ресмонбаст** | бо ресмон бастан |
| **Ресиш** | амали ресидан |
| **Ресишчарха** | чархи ресиш |
| **Рехт** | резиш |
| **Рехта** | рехташуда (масалан, тавассути қолаб) |
| **Рехтавожа** | вожаи рехта (аз ду вожаи мустақил сохташуда) |
| **Рехтапӯлод** | пӯлоди дар қолаб рехташуда |
| **Рехтафзор** | афзори рехтани чизе ба чизе |
| **Рехтахӯла** | хӯлаи дар қолаб рехташуда |
| **Решавожа** | вожаи асосӣ, ки аз он бо истифода аз қоидаҳои вожасозӣ чанд вожаи дигар сохтан мумкин аст |
| **Решадавонӣ** | реша давонидани дарахт |
| **Решаёзонӣ** | ниг.: **решадавонӣ** |
| **Решбандӣ** | бастани реш (захм) |
| **Римзудо** | восита (дору)-и зудоиши рим аз бадан |
| **Римзудой** | зудудан (равондан)-и рим (чирк) аз бадан |

| | |
|---|---|
| **Римоба** | обе, ки аз даруни рим (захм) мебарояд |
| **Римравонӣ** | равондани рим (чирк) аз бадан |
| **Риштабулӯр** | булӯри риштамонанд (ришта-ришта) |
| **Роғбандӣ** | бастан (муҳкам кардан)-и роғ; пур кардани роғҳо |
| **Розкушо** | кушояндаи розҳо |
| **Розкушой** | кушодани розҳо |
| **Розкӯл** | кӯли роздор (сирнок) |
| **Розҷӯй** | ҷӯяндаи роз |
| **Рондафзор** | афзори ронандагӣ |
| **Роноиш** | ронондан, ба рондан водор кардан |
| **Ростгаравиш** | ба рост гароидан (майл кардан) |
| **Ростгардиш** | гардиш ба сӯйи рост |
| **Ростгарой** | ниг.: **ростгаравиш** |
| **Ростравфт** | рост (ба сӯе майл накарда) рафтан; ба тарафи рост рафтан |
| **Рострондд** | ниг.: **рострон** |
| **Рострон** | рост рондани воситаи нақлиёт |
| **Ростчархиш** | чархиш ба сӯйи рост |
| **Роҳбарг** | барг (захира, тӯша)-и роҳ (сафар) |
| **Роҳбастагӣ** | монеъ, мамоният, сад(д) |
| **Роҳпӯ(й)** | ропаймо |
| **Роҳҷӯ(й)** | ҷӯяндаи роҳ |
| **Рошкашӣ** | рош (марза, вот) кашидан (масалан, дар қитъаи замин) |
| **Рустакӣ** | ба таври рустӣ (пинҳонӣ) |

| | |
|---|---|
| **Рустангоҳ** | ҷойи рустан (сабзиш)-и гиёҳ, дарахт ва монанди ин |
| **Рустшавӣ** | руст шудан, пинҳон шудан |
| **Рухнамо** | оина |
| **Рухнамоӣ** | рух намудан (масалан офтоб ҳангоми баромадан аз теғаи кӯҳ) |
| **Рӯба** | хасу хоке, ки дар натиҷаи рӯфтан ҷамъ мешавад |
| **Рӯгардонӣ** | чаппагардон кардани рӯйи чизе |
| **Рӯғандон** | зарфи рӯғангирӣ (равғангирӣ) |
| **Рӯғеҷиш** | рӯ-рӯйи чизе ғеҷидани чизи дигар |
| **Рӯдбанд** | воситаи бандандаи оби рӯд, дарғот |
| **Рӯёдору** | доруи рӯёнанда (сабзонада) |
| **Рӯйгар** | косибе, ки ашёҳои шикаста (коса, пиёла, чойнак ва монанди инҳоло) пайванд месозад |
| **Рӯзад** | рӯ задан, ошкор шудан |
| **Рӯзанӣ** | ниг.: **рӯзад** |
| **Рӯзбода** | боде, ки рӯзона мевазад |
| **Рӯзгард** | чизе (хазанда, даранда)-е, ки рӯзона мегардад |
| **Рӯзгаҳ/рӯзгоҳ** | рӯзона, вақти рӯз |
| **Рӯзкор** | рӯзона коркунанда |
| **Рӯзпарвоз** | парвози рӯзона |
| **Рӯзҳангом** | рӯзона, вақти рӯзона |
| **Рӯомад** | ба рӯ (берун) омадан |
| **Рӯпартофт** | аз сатҳи чизе ғеҷида партофт шудани чизе |
| **Рӯрафт** | рӯ-рӯйи чизе рафтан |

| | |
|---|---|
| **Рӯфтабурд** | рӯфта бурдан |
| **Рӯфтафзор** | афзори рӯфтурӯб |
| **Рӯфтушӯст** | рӯфтан ва шустан (дар як вақт, масалан, хонаи истиқоматӣ) |
| **Рӯшанидиҳӣ** | каме равшанӣ додан, каме равшан кардан |
| **Рӯшноандоз(ак)** | воситаи паҳн кардани нур (рӯшноӣ) |
| **Рӯшноафзо** | воситаи афзоиш додани рӯшноӣ |
| **Рӯшноафзо(як)** | воситаи афзоиш додани нур (рӯшноӣ) |
| **Рӯшноафзоӣ** | афзоиш ёфтани рӯшноӣ |
| **Рӯшноафкан** | афканандаи рӯшно |
| **Рӯшноафканиш** | афканиши рӯшноӣ |
| **Рӯшноафшон** | афшондани рӯшно |
| **Рӯшноафшонӣ** | амали пошидани рӯшно (нур) |
| **Рӯшнобардор** | ба рӯшноӣ (нур) тобовар |
| **Рӯшнобардорӣ** | қобилияти ба нур (рӯшноӣ) тобовар будан |
| **Рӯшнобардошт** | ниг.: **рушнобардорӣ** |
| **Рӯшнобонг** | бонг (сигнал)-и рушноӣ (нурӣ) |
| **Рӯшноборандагӣ** | хусусияти рушнобор кардан доштан |
| **Рӯшнобориш** | амали рушнобор кардан |
| **Рӯшногардонак** | воситаи безараргардонии таъсири рушно |
| **Рӯшногирак** | воситаи қабулкарди рушно |
| **Рӯшногирӣ** | рӯшно (шуоъ) хӯрдан (гирифтан) |
| **Рӯшнонамо** | василаи намудор кардани рӯшноӣ( нур) |

| | |
|---|---|
| **Рӯшноофар(ак)** | воситаи падид овардани рушно |
| **Рӯшнопадида** | падидае, ки таъсири рӯшноӣ рух медиҳад |
| **Рӯшнопалмоса(к)** | асбоби ба воситаи рӯшно ламс кардани чиз |
| **Рӯшнопарто** | воситаи партофт (андохт)-и рӯшно |
| **Рӯшнополо** | воситаи ҷудо кардани рушно (рӯшноӣ) |
| **Рӯшнопошак** | воситаи пошиши рӯшноӣ (зиё) |
| **Рӯшнопошак** | ниг.: **рӯшнопошо** |
| **Рӯшнопошӣ** | пошидани рӯшно (нур) |
| **Рӯшнопошо** | воситаи пошидани рушно (нур); рӯшнопошанда |
| **Рӯшнопошонӣ** | амали пареш додани рушно (шуоъ) |
| **Рӯшносанҷ** | воситаи санҷиши рӯшноӣ |
| **Рӯшносанҷӣ** | амали санҷиши рӯшноӣ |
| **Рӯшнофизо** | воситаи афзункунандаи рӯшноӣ |
| **Рӯшнофизо(як)** | ниг.: **рушноафзо(як)** |
| **Рӯшнофизоӣ** | афзуншавии рӯшноӣ |
| **Рӯшнофишонӣ** | ниг.: **рушноафшонӣ** |
| **Рӯшношиканӣ** | шикасти рушно |
| **Рӯшношоха** | шоха (даста)-и рӯшно (нур) |
| **Рӯягардонӣ** | аз як рӯя (тараф) ба рӯя (тараф)-и дигар гардонидан |
| **С** | |
| **Сабзишгоҳ** | ҷойи сабзиш (рустан)-и гиёҳ, дарахт ва монанди ин |
| **Сабукпарвоз** | парвози сабук (муътадил); |

| | |
|---|---|
| | сабук парвозкунанда, озод парвозкунанда, бо маром парвозкунанда |
| **Сабукрафт** | сабук (оҳиста) рафтан |
| **Сабукхӯла** | хӯлаи сабук |
| **Сагҷанг** | ба ҳам ҷанг андохтани сагҳо (як намуди бозии миллӣ) |
| **Саланггашт** | саланг-саланг (бекор, безарурат) гаштан |
| **Сангдевор** | девори сангӣ |
| **Сангсоё** | соёи сангӣ |
| **Сангсойиш** | бо санг сойида ҳамвор кардани рӯйи чизе |
| **Сангзамин** | замини серсанг |
| **Сангкафонӣ** | кафонидани санг |
| **Сангкашӣ** | бо санги соё (фасон) тез кардани абзори рӯзгор (корд, дукорда ва ғайра) |
| **Сангкӯб** | бо санг кӯбидашуда |
| **Сангкӯбиш** | ба воситаи санг кӯбидан; ба воситаи санг кӯфтан |
| **Сангкӯфт** | ба воситаи санг кӯфтан; бо санг задан |
| **Сангпиро** | касе, ки пешааш тарошидану пардохт додани санг бошад |
| **Сангпора** | пораи санг |
| **Сангтанба** | танбаи сангӣ |
| **Сангтӯда** | тӯдаи санг |
| **Сангхок** | хоки сангдор |
| **Сангхока** | хокаи сангӣ, семент |
| **Сангҷанг** | ҷанг (ё мунокиша) бо роҳи сангандозӣ ба сӯйи ҳамдигар |
| **Санҷафзор** | афзори санҷиш |
| **Санҷпарвоз** | парвози санҷишӣ |

| | |
|---|---|
| **Сардбод** | боди сард |
| **Сардгардон(ак)** | воситаи сард гардонидан |
| **Сарддору** | доруи сардккунандаи бадан |
| **Сардипазир** | сардибардор, ба сардӣ пуртоқат |
| **Сардипазирӣ** | сардибардор будан, ба сардӣ пуртоқат будан |
| **Сардларза** | ларзиши бадан, ки аз сардӣ ба вуҷуд меояд |
| **Сардларзиш** | аз сардӣ ларзидани бадан |
| **Сардоб** | оби сард |
| **Сардситора** | ситораи сардтабиат |
| **Сафедкӯҳ** | кӯҳе, ки хокаш сафедранг аст; кӯҳе, ки дар он чизе намерӯяд |
| **Сафедхӯла** | хӯлаи сафедранг |
| **Сафедчӯян** | чӯяни сафедранг |
| **Сафедҷурда** | сафедранг |
| **Сафолакбандӣ** | сафолак бастан (масалан, замин); бо сафолак (плита) фарш кардан |
| **Сафолпора** | пораи сафол |
| **Сахта** | овезон, овехташуда |
| **Сахтбандӣ** | сахт (муҳкам) бастан |
| **Сахтбаста** | сахт (муҳкам) басташуда |
| **Сахтборон** | борони сахт (шадид) |
| **Сахтбориш** | бориши сахт (бошиддат) |
| **Сахтмолиш** | сахт (бо шиддат) молидан; молиши сахт (бо шиддат) |
| **Сахтпӯлод** | пӯлоди сахт (устувор) |
| **Сахтсойиш** | сахт (бо шиддат) сойидан; сойиши сахт (бошиддат) |
| **Сахттан** | дарахти танааш сахт |
| **Сахтшориш** | сахт (бо шиддат) шоридан; шориши сахт (бошиддат) |
| **Сеандоза** | ҳаҷм (ҳосили зарби бар, |

| | |
|---|---|
| | дарозӣ ва баландии ягон чиз) |
| **Себшира** | шираи себӣ |
| **Селаомад** | села-села (гурӯҳ-гурӯҳ) омадан |
| **Селапарвоз** | парвози села (масалан, парандагон, ҳавопаймоҳои реактивӣ ва ғайра) |
| **Селарафт** | села-села (гурӯҳ-гурӯҳ) рафтан |
| **Селборон** | борони ниҳоят сахти селовар |
| **Селгоҳ** | ҷое, ки дар он омадани сел имкон дорад |
| **Селзамин** | замине, ки дар он об тез (селсон) ҷорӣ мегардад |
| **Селканд(а)** | ҷое, ки онро сел кандааст |
| **Селомад** | омадани сел |
| **Селраҳа** | ниг.: **селроҳа** |
| **Селроҳа** | роҳи омадани сел |
| **Сергап** | касе, ки гапи зиёди беҳуда мегӯяд, серчоғ |
| **Сергапӣ** | гапи зиёди беҳуда гуфтан |
| **Сергурм** | чӯбе, ки гурм (чашмак)-и зиёд дорад |
| **Сернеру** | аз неру (энергия) ғанӣ будан, неруи зиёд доштан |
| **Сероғор** | сернам, серзаҳ |
| **Сероҳан** | аз оҳан ғанӣ будан, оҳани зиёд доштан |
| **Серунбод** | боди серун (муътадил, форам) |
| **Серунгоҳ** | ҷой (мавзеъ)-и иқлимаш форам (муътадил) |
| **Сершоха** | дорои шохаҳои зиёд (масалан, дарахт, сим) |

| | |
|---|---|
| **Сесӯйӣ** | сепаҳлуӣ, сепаҳлудорӣ, сегӯшаӣ, сегӯшадорӣ |
| **Сечандафзоӣ** | се баробар (бор, карат) зиёд кардан |
| **Сечидан** | омодагӣ гирифтан |
| **Сечиш** | омодагирӣ |
| **Сеяксол** | аз се як қисми сол |
| **Сеякхӯла** | хӯлае, ки аз ду навъи як филиз ва як навъи филизи дигар иборат аст |
| **Сиёҳтоб** | чизи сиёҳ тобанда |
| **Сиёҳшиша** | дорои шишаи сиёҳ |
| **Силадиҳӣ** | молиш, молишдиҳӣ |
| **Силакард** | сила кардан, бо даст навозиш кардан |
| **Симбанд** | ба воситаи сим басташуда; банд (ресмон)-и симин |
| **Симбандӣ** | ба воситаи сим бастан (муҳкам кардан) |
| **Симбаст** | ниг.: **симбандӣ** |
| **Симғалтак** | ғалтаки симпеч |
| **Симпайваст** | ба воситаи сим пайваст кардани чизҳо |
| **Симтаноб** | таноб (ресмон)-и симин |
| **Симтор** | тор (praванг)-и симин |
| **Симхобонӣ** | ба зери замин хобонда, кашида бурдани сим |
| **Сипеҳросо** | монанди сипеҳр (фалак) |
| **Сипӯзиш** | сипӯзидан, халонидан, фурӯ кардан |
| **Сипӯза** | абзори сипӯзанда, халонанда, халоабзор |
| **Сиришт** | омехта кардан, оғишта кардан |
| **Ситеза** | ситезанда |

| | |
|---|---|
| **Ситездарафт** | бо ситез дарафтодан (ҳуҷум кардан) ба чизе |
| **Ситезгуфтор** | каси бо ситез гапзананда |
| **Ситезомад** | бо ситез (бо шитоб) омадан |
| **Ситезрафт** | бо ситез (бо шитоб) рафтан |
| **Ситеҳ** | муқовимат |
| **Ситеҳа** | муқовиматкунанда |
| **Ситеҳиш** | ситеҳ (муқовимат) кардан ба чизе ё коре |
| **Ситорарез** | ниг.: **ситораборон** |
| **Ситорачарх** | чархе, ки шакли ситора дорад |
| **Сихзанӣ** | задани сих ба тани чизе; сих (хала) задани бадан |
| **Сиххалонӣ** | халонидани сих ба тани чизе |
| **Сихчӯбак** | чӯбаки сихмонанд |
| **Созгора** | воситаи созгоркунанда, мувофиққкунанда, адаптер |
| **Соёафзор** | афзори соядагӣ |
| **Соёоҳан** | оҳани соянда (сайқалдиҳӣ) |
| **Соёхока** | хокаи соянда (сайқалдиҳӣ) |
| **Созафзор** | афзори созандагӣ (бунёдкорӣ); афзори созу наво |
| **Сон** | монанд, мисл |
| **Сосиш** | раванди сосидан, яъне молидан |
| **Сохтаважа** | вожаи сохта |
| **Сохтаном** | номи сохта; номи сохтадошта |
| **Сояандозӣ** | соя андохтан, соя афкандан |
| **Соякӯҳ** | кӯҳи соя (офтобнорас) |
| **Соярӯ** | тарафи соя (офтобнорас) |
| **Суғднажод** | нажоди суғдиён, авлоди суғдиён, насли суғдиён |

| | |
|---|---|
| **Судамех** | мехи судашуда (хӯрдашуда, зангзада) |
| **Суданамак** | намаки суда (соида майда кардашуда) |
| **Судаоҳан** | оҳани судашуда (хӯрдашуда, зангзада); оҳани соянда |
| **Судҷӯйӣ** | бардошт; манфиатчӯйӣ |
| **Сумчроҳ** | роҳи зеризаминӣ |
| **Сумчхона** | хонаи зеризаминӣ |
| **Сунба** | абзори сӯрохкунӣ (кофтан, шикофтан) |
| **Сунбафзор** | ниг.: **сунба** |
| **Сунбиш** | амали сунбидан, яъне, сӯрох кардан; кофтан, шикофтан |
| **Сурдошт** | сур (дунболагирӣ, таъқиб) карда доштан |
| **Суркард** | рондан, таъқиб кардан |
| **Сурқап** | сур (дунболагирӣ, таъқиб) карда қапидан |
| **Сурмакон** | кони сурма |
| **Суробкашӣ** | кашидани суроби чизе |
| **Суробсозӣ** | сохтани суроб (ангора, тарҳ, амсила)-и чизе |
| **Суроғкард** | пурсуҷӯ кардан, пурсон шудан; кофтан |
| **Сурониш** | сур кардан, таъқиб кардан, дунболпгирӣ кардан |
| **Сурфиш** | сурфа (сулфа) кардани бардавом |
| **Сурхғанҷ** | ғанҷ (ранг)-и сурх |
| **Сустбандӣ** | суст (ноустувор) бастан |
| **Сустбаст** | ниг.: **сустбандӣ** |
| **Сустбод** | боди суст (заиф) |
| **Сустбонг** | бонги суст (заиф) |

| | |
|---|---|
| **Сустгард** | чизе, суст меравад (ҳаракат мекунад) |
| **Сустдав** | дави суст; сустдаванда |
| **Сустдавиш** | давиши суст |
| **Сусткард** | суст кардан, суст гардонидан |
| **Сустомад** | суст омадан, муқобилат накардан, шиддат ва қатъият нишон надодан |
| **Сустрафт** | суст рафтан, суст ҳаракат кардан |
| **Сустшориш** | шоридани суст |
| **Сустшоро** | хусусияти шориши суст доштан |
| **Сут** | ҳиштак |
| **Суткашӣ** | сут (ҳиштак) кашидан |
| **Сутург** | бузург; калон |
| **Сутургмард** | марди сутург (бузург, шинохта) |
| **Сутургсанг** | санги сутург (бузург, калон) |
| **Сутургчиз** | чизи сутург (бузург, калон) |
| **Суфагоҳ** | нишастгоҳи баланд |
| **Суфазамин** | замини суфа (тахт) |
| **Суфасанг** | санги суфа (тахт) |
| **Суфтакард** | суфта (ҳамвор) кардан (масалан, коғаз, матоъ ва ғайра) |
| **Суфтасанг** | санги суфта |
| **Сӯандохт** | аз як сӯ ба сӯйи дигар андохтан; ба сӯйи ҳамдигар андохтан |
| **Сӯгард** | ин сӯ он сӯ гарданда |
| **Сӯгардонӣ(ш)** | ин сӯ он сӯ гардонидан |
| **Сӯгашт** | ба ягон сӯ гаштан (тоб хӯрдан) |

| | |
|---|---|
| **Сӯдод** | ба сӯйе (тарафе) додани (равона кардани) чизе |
| **Сӯзандагӣ** | хусусияти сӯхтан доштан |
| **Сӯздиҳӣ** | ба сӯзиш овардан; оташ гирондан |
| **Сӯзониш** | сӯзонидан, ба ҳоли сӯзиш овардан |
| **Сӯкашӣ** | аз сӯйе ба сӯйе кашидан |
| **Сӯнамо** | воситаи нишон додани сӯй (самт) |
| **Сӯомад** | ба сӯйе (тарафе) омадан |
| **Сӯрафт** | ба сӯйе (самте) рафтан |
| **Сӯпартофт** | ин сӯ он сӯ партофтан; аз як сӯ ба сӯйи дигар партофтан; ба сӯйи ҳамдигар партофтан |
| **Сӯрасп** | аспи сӯр (чӯр, ромнашуда) |
| **Сӯрохбарор(ак)** | воситаи сӯрох кардан, кома кардан (асбоби техникӣ) |
| **Сӯхтанбоб** | қобили сӯхтан будан |
| **Сӯхтабӯй** | бӯе, ки аз чизи сӯхтаистода ба димоғ мерасад |
| **Сӯҷунбиш** | ин сӯ он сӯ ҷунбидан |
| **Сӯҷунбонӣ** | ин сӯ он сӯ ҷунбонидан |
| **Т** | |
| **Табарбур** | ба воситаи табар буридашуда |
| **Табардаста** | дастаи табар |
| **Табаркафон** | ба воситаи табар кафонидашуда |
| **Табаркафониш** | ба воситаи табар кафонидан |
| **Табарсоз** | устое, ки табар месозад |
| **Табартеша** | тешаи нӯгпаҳн (монанд ба табар) |
| **Табафзо** | афзункунанда |

| | |
|---|---|
| | (баландкунанда)-и таб |
| **Табафзоӣ** | афзудани таб, баланд шудани таб |
| **Таббарорӣ** | таб баровардани бадан |
| **Табгир** | воситаи бартарафкунандаи таб |
| **Табгирӣ** | таб гирифтани бадан |
| **Табдард** | дарди табнок |
| **Табдор** | дорои таб (тоб, гармӣ) |
| **Табдорӣ** | таб (тоб, гармӣ) доштан |
| **Табидан** | ларзидан |
| **Табиш** | ларзиш |
| **Табкоҳо** | коҳишдиҳанда (пасткунанда)-и таб, восита (дору)-и паст кардани таб |
| **Табсӯз** | сӯзиши табноки бадан |
| **Табшикан** | шиканандаи таб (масалан, дору) |
| **Тавонёбӣ** | тавон ёфтан, зӯру қувват пайдо кардан |
| **Тавонсанҷ** | воситаи чен кардани тавон (иқтидор) |
| **Таворабандӣ** | тавассути тавора бастани атрофи чизе (масалан, боғ) |
| **Таворакашӣ** | кашидан (гирифтан)-и тавора |
| **Тагбандӣ** | аз таг бастан |
| **Таггузора** | ба таги чизе гузошташаванда |
| **Тагкафида** | чизи тагаш кафидагӣ (масалан, коса) |
| **Тагмон(ак)** | чизе, ки аз таги чизе гузошта мешавад |
| **Тагпарто** | чизи аз таги чизи дигар партофташаванда |
| **Тагпартофт** | аз таги сатҳи чизе ғеҷида партофт шудани чизе |

| | |
|---|---|
| **Тагшикаста** | аз таг шикасташуда |
| **Тагшоро** | аз таг (зер) шоранда |
| **Тайкард** | тай кардан |
| **Тазарк** | жоладона |
| **Такиш** | такидан, ҷунбидан, ларзидан; бархурдан |
| **Такодав** | такопӯй (ҳарсӯ) давидан |
| **Такона** | воситаи такондиҳӣ (ба ҷунбишоварӣ), такондиҳанда |
| **Такониш** | таконидан, ҷунбонидан, ларзонидан; бархурд додан |
| **Такондеҳ(ак)** | воситаи такондиҳанда |
| **Такондиҳӣ** | такон додан, ба ҷунбиш (ларза) овардан |
| **Таконрафт** | такон-такон (бархурда-бархурда) рафтан |
| **Таконхӯрд** | такон хӯрдан, бархурдан |
| **Таладиҳӣ** | ба талаю тороҷ додан |
| **Таладод** | ниг.: таладиҳӣ |
| **Талакард** | талаю тороҷ кардан |
| **Талхдору** | доруи талх |
| **Талхмағз** | донаки мевае, ки мағзаш талх аст |
| **Талхмева** | меваи талх |
| **Танбагузорӣ** | танба гузоштан |
| **Тангдара** | дараи танг |
| **Тангроҳа** | роҳи танг, пайроҳаи танг |
| **Тангрӯда** | рӯдаи танг |
| **Танзӯр** | касе, ки тани боқуват дорад |
| **Танзӯрӣ** | нишон додани зӯрии тан |
| **Таниш** | танидан, тор бофтани тортанак ва кирми абрешим |
| **Танларза** | ларзаи тан |
| **Танларзиш** | ларзиши тан |

| | |
|---|---|
| **Тано** | қобили танидан |
| **Таноббаст** | бо таноб бастан |
| **Танобтоб** | коргари тобандаи таноб (ё симтаноб) |
| **Танобтобак** | абзори тофтани таноб (ё симтаноб) |
| **Танобтобӣ** | тофтани таноб (ё симтаноб) |
| **Танобтӯр** | тӯри танобӣ (аз таноб сохташуда) |
| **Танӯрхок** | хоки танӯрсозӣ |
| **Танхориш** | хориши тан (бадан), як намуди беморӣ |
| **Танҷома** | либос |
| **Тапон** | тапанда, дар ҳолати тапиш |
| **Тапониш** | ба тапиш даровардан |
| **Тарангбандӣ** | таранг кашида бастан |
| **Таранҷиш** | таранҷидан, фишурдан |
| **Таркишбардор** | нисбат ба таркиш устувор будан |
| **Таркишдеҳ(ак)** | воситаи ба таркиш овардан |
| **Таркишзо(й)** | хатари таркидан доштан |
| **Таркишмоя** | моя (манбаъ)-и таркиш |
| **Таркона** | воситаи ба таркиш овардан |
| **Тарқишбанд** | воситаи бастан (муҳкам кардан)-и тарқиш (рахна) |
| **Таровиш/таробиш** | аз чизе таровида (заҳида) гузашта, ҷорӣ шудан |
| **Тароздеҳ(ак)** | ниг.: **тавозундеҳ(ак)** |
| **Тароздиҳӣ** | ба тароз овардан; баробар кардан |
| **Тарозиш** | ороиш додан, оростан, перостан |
| **Таромос** | омоси тармизоҷ |
| **Тароша** | ҳосили тарош |

| | |
|---|---|
| **Тарошабзор** | абзор барои тарошидани чӯб ва ғайра |
| **Тарсларза** | ларзиши бадан, ки аз тарс ба вуҷуд меояд |
| **Тарфанд** | макр, ҳилат |
| **Тарҳема** | ҳема (ҳезум)-и тар |
| **Тарчашм** | чашми тар (ашколуд) |
| **Тасмаарра** | арраи тасмашакл |
| **Тафбод** | боди тафсон |
| **Тафт** | дав, тохт |
| **Тафтгурехт** | бо тафт (шитоб, саросема) гурехтан |
| **Тафтомад** | бо тафт омад гурехтан |
| **Тафтрафт** | бо шитоб рафтан |
| **Тахтабаст** | бо тахта бастан |
| **Тахтадевор** | девори тахтагӣ |
| **Тахтараф** | рафи тахтагӣ |
| **Тахткард** | тахт (ҳамвор) кардан |
| **Тафафзор** | абзори тафсонанда |
| **Тафдон** | ниг.: **тафсдон** |
| **Тафса** | тафсонанда |
| **Тафсбардорӣ** | устуворӣ нисбат ба тафс |
| **Тафсвирой** | ниг.: **тафспазирӣ** |
| **Тафсгирӣ** | тафс гирифтан |
| **Тафсдеҳак** | воситаи тафсдиҳӣ; афзор барои таф дода пухтани хӯрок |
| **Тафсдон** | афзори тафсонидан |
| **Тафсабзор** | асбоб барои тафсонидани чизе |
| **Тафсона** | тафсонкунанда; тафсдиҳанда |
| **Тафсонӣ** | тафсон будан |
| **Тафсониш** | тафсонидан |
| **Тафсоя** | воситаи тафсонидани чизе |

| | |
|---|---|
| **Тафспазир** | ба тафс тобовар |
| **Тафспазирӣ** | ба тафс  тобовр будан |
| **Тафсхӯрандагӣ** | хосияти тафс гирифта тавонистани чиз |
| **Тафтаоҳан** | оҳани тафта (тафсонидашуда) |
| **Таҳкард** | пӯшок, кӯрпа ва либосро ҳамвор қат карда мондан |
| **Таҳчинӣ** | пӯшок, кӯрпа ва либосро ҳамвор қат карда чиндан |
| **Таҳҷома** | либоси тунуке, ки аз таҳи ҷома ба бар мекунанд |
| **Теғтарош** | бо теғ тарошидашуда |
| **Теғтарошӣ** | бо теғ тарошидан |
| **Тезгузар** | тез (зуд) гузаранда (масалан, абр) |
| **Тезгузашт** | тез (зуд) гузаштан |
| **Тезвир** | тезҳуш, тезфаҳм |
| **Тездав** | тез даванда |
| **Тезнавохт** | тез навохтан |
| **Тезрафт** | тез рафтан; тезраванда |
| **Тезсӯз** | чизи тез сӯзанда |
| **Тезсӯзиш** | тез (зуд) сӯхтан |
| **Тезтак** | тездав |
| **Тезҷунбо** | тезҷунбанда, тезҳаракаткунанда |
| **Тезшоро** | тез (босуръат, бошаст) шоранда |
| **Телабароворд** | тела дода баровардан |
| **Теладароворд** | тела дода даровардан |
| **Телабурд** | тела-тела бурдан |
| **Теладеҳ(ак)** | ҷузъи теладиҳанда |
| **Телба** | сарорсема, бошитоб |
| **Темор** | ғамхор |

| | |
|---|---|
| **Темордорӣ** | ғамхорӣ кардан |
| **Тиккакард** | тикка кардан, пора кардан |
| **Тирарӯз** | рӯзи тира (хира) |
| **Тираситора** | ситораи тира |
| **Тирачароғ** | чароғи тира (хира) |
| **Тирпарвоз** | парвози тирсон, ба мисли тир парвоз кардан |
| **Тирравфт** | ба мисли тир рафтан, тир барин рафтан |
| **Тирсон** | ба сон (мисл)-и тир |
| **Титкард** | тит (парешон) кардан, пош додан |
| **Тиҳигоҳ** | ҷойи холӣ (ковок) |
| **Тиҳикард** | тиҳӣ (холӣ) кардан |
| **Тиҳичӯб** | чӯби дарунхолӣ |
| **Тобак** | воситаи тоб дода, сахт каҷ ё хам кардан |
| **Тобасанг** | санги калони ҳамвор |
| **Тобдиҳӣ** | ба тарафе тоб додан (сахт каҷ ё хам кардан) |
| **Тобдон** | ҷойи ба хона даромадани равшанӣ |
| **Тобдор** | дорои тоб |
| **Тобдорӣ** | тоб доштан |
| **Тобовард** | тоб овардан; тоқатпазирӣ |
| **Тобонрӯй** | касе, ки рӯйи тобон дорад |
| **Тобонсанг** | санги тобон |
| **Тобпазир** | тоббардор, гармибардор; тобхӯранда, қобили тобхӯрӣ |
| **Тобпартой** | тоб партофтан, сахт каҷ (хам) шудан |
| **Тобпартофт** | тоб партофтан, каҷ шудан (масалан, дар) |
| **Тозадӯхт** | тоза (нав) дӯхташуда |

| | |
|---|---|
| **Тозасп** | аспи даванд |
| **Тозасухан** | сухан (гап)-и тоза (нав |
| **Тозониш** | ба тохтан водор кардан (асп) |
| **Тозомад** | тохта омадан |
| **Тозрафт** | тохта рафтан |
| **Тоқбаст** | тоқа-тоқа банду бастани чизе |
| **Тоно** | тавонманд |
| **Тоноӣ** | тавоноӣ |
| **Торкашӣ** | кашидани тор (масалан, барои овехтани чизе) |
| **Тормоно** | монандаи тор, тормонанд |
| **Торониш** | торонидан, гурезонидан |
| **Торпечонак** | воситаи торпечонӣ |
| **Торпечонӣ** | печонидани тор |
| **Торскаф** | торс (якбора, онан) кафанда |
| **Торскафиш** | торс (якбора, онан) кафида шудан |
| **Тофтабаровард** | тофта баровардан (масалан, печмехро аз тахта) |
| **Тофтабарорӣ** | ниг.: **тофтабаровард** |
| **Тофтадаровард** | тофта даровардан (масалан, мехпеч (винт)-ро ба оҳан) |
| **Тофтадарорӣ** | ниг.: **тофтадаровард** |
| **Тофтакушоӣ** | тофта кушодани чизе |
| **Тофтасим** | сими тофта (тобдор, печида) |
| **Тофтатаноб** | таноби тофта (тобдор, печида) |
| **Тофтафзор** | афзори тобдиҳӣ |
| **Тофтпазир** | ба тофтан тобовар |
| **Туғёнбод** | бод ибо туғён вазанда |
| **Туғёноб** | оби мавҷзананда |
| **Туғёноба** | мавҷ, хезоба |
| **Тукидан** | бо ангушти даст кӯфтани чизе |
| **Тукиш** | амали тукидан |

| | |
|---|---|
| **Туманпора** | пораи туман |
| **Тунданво** | анвои тундмаза |
| **Тундбо** | хӯроки тунд |
| **Тундбод** | боди тунд (тез) |
| **Тундгуфтор** | касе, ки гуфтори тезу бохашм дорад |
| **Тунддуд** | дуди тунд (тези нафасгир) |
| **Тундоба** | ҳар гуна моддаи обакии тундмаза, кислота |
| **Тундовоз** | овози тунд (тез) доштагӣ |
| **Тундпӯй** | рафтори тезу тунддошта |
| **Тундрав** | тунд, яъне бо хашм раванда |
| **Тундрафтор** | касе, ки рафтори тезу тундва бохашм дорад |
| **Тундрӯд** | рӯди тундрав |
| **Тундсухан** | касе, ки тезу тунд ва бохашм сухан мегӯяд |
| **Тунукоба** | ҷойи тунуки оби дарё (баҳр, кӯл, уқёнус) |
| **Тунукпарда** | пардаи тунук (нафис) |
| **Тунукпӯст** | пӯсти тунук; пӯсти дорои тунук |
| **Турунҷиш** | раванди турунҷидан, яъне, фишурда шудан; ожангидан |
| **Туршбо** | хӯроки турш |
| **Туршоба** | ҳар гуна моддаи обакии ткршмаза |
| **Туршониш** | туршонидан, ба ҳоли туршӣ расонидан |
| **Туршчеҳра** | касе, ки чеҳраи турш (гирифта) дорад |
| **Тутшира** | шираи тут(ӣ) |
| **Тухмдеҳ** | тухмдиҳанда, тухмҳосилкунанда |

| | |
|---|---|
| **Тӯ** | табақа, қабат |
| **Тӯбандӣ** | табақабандӣ, қабатбандӣ |
| **Тӯбмонӣ** | тӯб-тӯб мондан |
| **Тӯбсанг** | санги тӯбшакл |
| **Тӯдаабр** | абри тӯда |
| **Тӯдамонӣ** | тӯда-тӯда мондан |
| **Тӯдарезӣ** | тӯда-тӯда рехтан, тӯда-тӯда ҷамъ овардан |
| **Тӯдарехт** | ниг.: **тӯдарезӣ** |
| **Тӯзиш** | тӯзидан, парваридан |
| **Тӯроҳ** | роҳи табақа-табақа, эстакада |
| **Тӯфиш** | ларзидан, ҷунбидан |
| **Тӯхт** | ҳосил кардан, ба даст овардан, пайдо кардан |
| **У** | |
| **Умедбандӣ** | умед бастан ба чизе ё коре |
| **Умеддорӣ** | чашм доштан, интизор будан; орзу доштан; боварӣ (эътимод) доштан |
| **Уребгоҳ** | ҷойи уреб (вуреб, шебдор) |
| **Уреброҳ** | роҳи уреб (вуреб, шебдор) |
| **Урёнтан** | тани урёндошта |
| **Усруб** | шакли дигари навишти калимаи сурб |
| **Усрубхӯла** | хӯлаи усрубӣ (сурбӣ) |
| **Устуворгардонӣ** | устувор (пойдор) кардан |
| **Ушнашӯст** | бо гиёҳи ушна шустушӯй кардани либос |
| **Уштбурд** | ушт ё пушт карда (ба дӯш бардошта) бурдан |
| **Ушткард** | ба ушт (пушт) бардоштан |
| **Уштурсавор** | касе, ки савори уштур аст |
| **Ф** | |

| | |
|---|---|
| **Фанддиҳӣ** | фанд додан, фиреб додан |
| **Фар** | поин *(муқобили бар, боло);* нур; зебоӣ, ҳусн |
| **Фарафзо** | зебоибахш |
| **Фарафшон** | нурафшон |
| **Фарғанд** | пусида, гандида, бадбӯй |
| **Фарғар** | ғар (кӯҳ)-и поин; кӯҳи дурахшон; кӯҳи зебо |
| **Фароба** | обе, ки аз киштзори обёришуда ба поин ҷорӣ мешавад |
| **Фаробурд** | пештар бурдан |
| **Фарозиш** | фарозидан, болобардорӣ, баланд бардоштан |
| **Фарокаш** | пештар кашидан |
| **Фароомад** | пештар омадан |
| **Фарорасид** | фаро расидан (масалан, вақт) |
| **Фарорафт** | пештар рафтан, жарфотар рафтан |
| **Фарохбум** | бум (диёр)-и фарох (паҳну кушод) |
| **Фарохдара** | дараи фарох (паҳну кушод) |
| **Фарохдашт** | дашти фарох (паҳну кушод) |
| **Фарохзамин** | замини фарох (паҳну кушод) |
| **Фарорав** | ба сӯйи поин раванда |
| **Фарсопазир** | нисбат ба фарсудагӣ тоқатпазир будан |
| **Фарсопазирӣ** | хусусияти ба фарсудагӣ тоқатпазирӣ доштан |
| **Фарҷӯ(й)** | ҷӯяндаи фарру шукӯҳ |
| **Фарҷӯйӣ** | ҷӯстани фарру шукӯҳ |
| **Фасонсанг** | санге, ки бо он корд, дос, қайчӣ ва монанди инҳоро тез кунанд |

| | |
|---|---|
| **Фатолидан** | пош додан, ба ҳар ҷо пареш кардан |
| **Фатолиш** | пошдиҳӣ, парешдиҳӣ |
| **Фахмиш** | тоза кардан, пахтаро аз пунбадона ҷудо кардан |
| **Фаҳмкард** | фаҳм кардан, фаҳмидан; эҳсос кардан |
| **Фаҳмониш** | фаҳмонида додан |
| **Фачгап** | он, ки сухани беҳуда ва газоф мегӯяд |
| **Физоиш** | зиёд кардан, афзун гардонидан |
| **Физоя** | воситаи зиёд кардан, афзун гардонидан |
| **Фиребониш** | фиреб додан |
| **Фиристониш** | фиристонидан |
| **Фонакафон** | ба воситаи фона кафондашуда |
| **Фонакафониш** | тавассути фоназанӣ кафондани чизе |
| **Фонапайваст** | ба ҳамдигар ба воситаи фона пайваст кардан |
| **Фоначӯб** | чӯби нӯктезе барои кафонидани ҳезум |
| **Фораоб** | обе, ки аз киштзори обёришуда ҷорӣ мешавад, ниг.: **фароба** |
| **Форамбод** | боди форам (насим) |
| **Форамгоҳ** | ҷой (мавзеъ)-и форам |
| **Форамгуфтор** | касе, ки форам сухан мекунад |
| **Форамовоз** | овози форам |
| **Форо** | форанда |
| **Фузунбахшӣ** | афзоиш додан, афзун гардонидан |
| **Фузунгӯй** | бисёр гапзананда; муболиғ |

| | |
|---|---|
| **Фузунгӯйӣ** | бисёр гап задан; муболиға |
| **Фузунсоз(ак)** | воситаи афзун гардонидани чизе |
| **Фузунсозӣ** | зиёд кардан, афзун гардонидан |
| **Фурудбонг** | бонг (сигнал)-и фурудоии ҳавопаймо |
| **Фурудомад** | фуруд омадан |
| **Фурӯбар(ак)** | воситаи ба худ ҷабидан (фурӯ кашидан)-и чизе (масалан, об, намӣ, неру ва ғайра) |
| **Фурӯдиҳӣ** | фурӯ додан, ба дарун кашидан |
| **Фурудоварӣ** | фуруд овардан |
| **Фурӯкаш** | фурӯ кашанда |
| **Фурӯкашандагӣ** | хусусияти фурӯкашӣ доштан |
| **Фурӯкашӣ** | фурӯ кашидан |
| **Фурӯомад** | ба поён омадан |
| **Фурӯравӣ** | фурӯ рафтан |
| **Фурӯравандагӣ** | хусусияти фурӯравӣ доштан |
| **Фурӯрафт** | ба дарун рафтан (кашида шудан) |
| **Фурӯрафта** | ба дарун ҷабидашуда (кашидашуда) |
| **Фурӯрезӣ** | фурӯ рехтан, поин омадан |
| **Фурӯрезонӣ** | фурӯ резондан, вайрон кардан (масалан, бино) |
| **Фурӯрехт** | ниг.: **фурӯрезӣ** |
| **Фурӯсӯ** | сӯй (самт) ба  поин |
| **Фурӯсӯин** | сӯй (самт) ба поин доштагӣ; поинӣ |
| **Фурӯхамандагӣ** | хусусияти хамиш доштан |
| **Фурӯхамӣ** | хамии тез; хамиши зуд |
| **Фурӯхамонӣ** | фурӯ хамондан |

| | |
|---|---|
| **Фурӯхобонӣ** | ба фурӯ хобонидан |
| **Фурӯҳишт** | ба поин андохтан, бар замин гузоштан |
| **Фусурдаоб** | оби фусурдашуда (сардкардашуда) |
| **Фӯзиш** | оруғдиҳӣ, пӯзидан |
| **Фӯла** | сусту мулоим |
| **Фӯлакард** | сусту мулоим кардан |
| **Фӯлодтан** | касе, ки тани мустаҳкам мисли фӯлод дорад |
| **Х** | |
| **Хаберакард** | ҷамъ ва ҳисоб кардан |
| **Хазандагӣ** | хусусияти хазида рафтан |
| **Хазидаомад** | хазида омадан |
| **Хазидарав** | хазида раванда |
| **Хазидарафт** | хазида рафтан |
| **Хазонбод** | боди хазон (тирамоҳӣ) |
| **Халадард** | дарди хала (сихзанӣ) |
| **Халазанӣ** | хала (сих) задани масалан дил |
| **Халакард** | хала кардан, сих занондан |
| **Халачӯб** | чӯбдасти нӯктез барои хала карда рондани чорпоён |
| **Халоабзор** | воситаи халонанда |
| **Халониш** | халондан; неш (сих) задан |
| **Хамдиҳӣ** | хам додан, хамондан |
| **Хамидаабрӯ** | абрӯи хамида (камоншакл) |
| **Хамирчоба** | воситаи чобидани хамир |
| **Хамирчобӣ** | хамир чобидан |
| **Ханида** | машҳур, маъруф, номӣ |
| **Ханҷолзад** | ханҷол задан |
| **Ханҷолзанӣ** | ниг.: **ханҷолзад** |
| **Ханҷолкашӣ** | ханҷол кашидан |

| | |
|---|---|
| **Харобгарӣ** | харобкорӣ, вайронкорӣ |
| **Хароша** | харошанда |
| **Харошасанг** | санги харошанда |
| **Харошдиҳӣ** | харош додан, харошидан |
| **Хасакгул** | гули хасакӣ (ёбоӣ) |
| **Хасакдӯст** | дӯсти хасакӣ (ноустувор) |
| **Хасакдӯстӣ** | дӯстии хасакӣ (дурӯғин, ноустувор) |
| **Хасрӯба** | рӯбаи хас, хасе. Ки дар натиҷаи рӯфтан ҷамъ мешавад |
| **Хастабарорӣ** | хастагиро баровардан (бартараф кардан) |
| **Хастанамо** | одаме, ки хаста менамояд |
| **Хафакард** | хафа кардан, буғӣ кардан |
| **Хезкард** | хез кардан, ҷастан |
| **Хезоб** | оби болоҷаҳанда; оби мавҷзананда |
| **Хезоба** | мавҷ, оби туғён |
| **Хирадҷӯ(й)** | ҷӯяндаи хирад (дониш) |
| **Хирадҷӯйӣ** | ҷӯстани хирад (дониш) |
| **Хирасӯхт** | хира-хира сӯхтан |
| **Хирачароғ** | чароғи хира (тира) |
| **Хиштдош** | дош (кӯра)-и хиштпазӣ |
| **Хобафзор** | афзори хобравӣ |
| **Хобина** | ниг.: **хобона** |
| **Хобишдиҳӣ** | ба сӯе хобонидан (такя додан) |
| **Хобона** | хобонанда; воситаи хобишдиҳӣ (такядиҳӣ) |
| **Хобоначӯб** | чӯби хобонабоб; ниг.: **хобона** |
| **Хобониш** | хобонидан; ба таги замин хобондани чизе (масалан лӯла, сим ва ғайра) |

| | |
|---|---|
| **Ходачӯб** | чӯбе, ки бо он меваи пӯхтаи дарахтонро мерезонанд |
| **Хокаангишт** | ангишти хокашакл |
| **Хокадору** | доруи хокашакл |
| **Хокамоно** | монанд ба хока |
| **Хокатило** | тилое, ки дар шакли хока мавҷуд аст |
| **Хокашир** | шири хока |
| **Хокашӯст** | бо хокаи собун (ё дигар маводи шустушӯйӣ) шустан |
| **Хокбез** | воситаи бехтани хок |
| **Хокбезӣ** | бехта тоза кардани хок |
| **Хокбод** | боди хокомез |
| **Хокбунёд** | ҳар чи, ки бунёдаш хок аст |
| **Хокгардонӣ** | чаппа гардонидани хоки замин |
| **Хокдамиш** | дамида баромадани хок |
| **Хокжӯлиш** | бо хок жӯлидан (омехта ё олуда шудан) |
| **Хокканак** | воситаи кандани хок; ҷойи кандани хок |
| **Хокоба** | оби хоколуд |
| **Хокобдиҳӣ** | додани оби нахустин ба замини обнахӯрда |
| **Хоколоиш** | бо хок олуда кардан |
| **Хоколуда** | бо хок олудашуда |
| **Хокпайдо** | ҳар чи, ки аз хок пайдо мешавад |
| **Хокпош** | хок пошанда; хок пошидашуда |
| **Хокпошӣ** | хок пошидан |
| **Хокпошонӣ** | хок пошонидан |
| **Хокпушта** | пуштаи хокӣ |
| **Хокпӯсиш** | пӯсидани хок |
| **Хокпӯш** | бо хок пӯшонидашуда |

| | |
|---|---|
| **Хокпӯшӣ** | бо хок пӯшидан |
| **Хокпӯшонӣ** | бо хок пӯшонидан |
| **Хокрӯба** | рӯбаи хок, хоке, ки дар натиҷаи рӯфтан ҷамъ мешавад |
| **Хоксириштагӣ** | бо хок сиришташуда (омехташуда, оғишташуда) |
| **Хоктак(ак)** | воситаи такидан (бехтан)-и хок |
| **Хоктакиш** | такидан (бехтан)-и хок |
| **Хокхобонӣ** | хокро хобонда сахт кардан |
| **Хокшӯра** | шӯраи хокӣ |
| **Хомгил** | гили хом |
| **Хомзар** | зари хом (тозакарданашуда) |
| **Хомнафт** | нафти нимтайёр |
| **Хомӯшгардонӣ** | ба ҳолати хомӯшӣ овардан |
| **Хонагар** | хонасоз ва деворгар |
| **Хордевора** | деворае, ки аз хор баста шудааст |
| **Хорониш** | ба хориш овардан |
| **Хостагирифт** | хоста гирифтан, ҷудо карда гирифтан |
| **Хостина** | чизи хоста гирифташаванда |
| **Хосторманд** | довталаб |
| **Хошокдон** | ҷойе, ки он ҷо хошок гузоранд |
| **Хуббаст** | ниг.: **хубпайваст** |
| **Хубгуфтор** | одаме, ки гуфтораш хуб аст |
| **Хубрафтор** | одаме, ки рафтораш хуб аст |
| **Хубпайваст** | пайвасти хуб (муносиб, мувофиқ) |
| **Худангезиш** | худ ба худ ба ангезиш (ҳаяҷон) омадан |
| **Худгардиш** | худ ба худ ба гардиш омадан |
| **Худгаро** | худро ба чизе гаравонидан |

| | |
|---|---|
| **Худгиро** | худро фарогиранда |
| **Худгузариш** | гузариши худбахуд |
| **Худдаргирӣ** | худ ба худ дар (оташ) гирифтан |
| **Худдаромезиш** | худбахуд ба ҳам омезиш ёфтан |
| **Худкаш** | ба худ кашанда (ҷазбкунанда) |
| **Худкора** | худбахуд коркунанда |
| **Худкоҳиш** | худ ба худ тиҳӣ шудан; худ ба худ коҳидан |
| **Худларз** | худбахуд ларзанда |
| **Худларзандагӣ** | хусусияти худбахуд ларзидан доштан |
| **Худларзиш** | худ ба худ ларзидан |
| **Худлаппиш** | худ ба худ ба лаппиш омадан; лаппиши худбахуд |
| **Худларз** | худ ба худ ларзанда |
| **Худларзиш** | худ ба худ ба ларзиш омадан; ларзиши худбахуд |
| **Худохост** | хости худо |
| **Худпайдо** | худ ба худ пайдошуда |
| **Худпарвард** | парвардаи худ, шогирд |
| **Худпечиш** | худ ба худ печидан; печиши худбахуд |
| **Худпорашавӣ** | худ ба худ пора шудан |
| **Худпорашуда** | худ ба худ порашуда |
| **Худрав** | худ ба худ раванда (ҳаракаткунанда) |
| **Худпайваст** | ба ҳамдигар худбахуд пайваст шудан |
| **Худпартофт** | худ ба худ партофт кардан; худро партофтан (масалан, аз ҳавопаймо тавассути парашут) |

| | |
|---|---|
| **Худрабо** | ба худ рабуда (кашида) гирифтан |
| **Худсанҷӣ** | санҷиши худ ба худ; худро санҷидан |
| **Худфарогир** | худ ба худ фарогиранда |
| **Худчархиш** | худ ба худ ба чархиш омадан |
| **Худҷунбандагӣ** | хусусияти худ ба худ ҷунбидан доштан |
| **Худҷунбиш** | худ ба худ ҷунбидан (ҷунбиш кардан) |
| **Худҷунбо** | худ ба худ ҷунбанда |
| **Хумба** | зарфи ордгирӣ; бочка (бушка) |
| **Хумдон** | зарф барои шир ё маскагирӣ |
| **Хунгардиш** | гардиши хун |
| **Хурдандоза** | андозаи хурд (майда) дошта |
| **Хурдбуриш** | буриши хурд (майда) |
| **Хурддона** | донаи хурд (майда); меваe, ки донаи хурд дорад |
| **Хурдмева** | меваи хурд; дарахте, ки меваи хурд дорад |
| **Хурмагил** | гили хурмасозӣ |
| **Хурӯшиш** | хурӯшидан, бонг задан, шӯридан |
| **Хурӯшкард** | ба хурӯш омадан |
| **Хуршедрухсор** | одаме, ки рухсораш мисли хуршед равшан аст |
| **Хуҳр** | ватан, маскан, маъво |
| **Хушкгардонӣ** | ба ҳолати хушк овардан |
| **Хушкат** | ҷойи хуш, мавзеи хуш. ниг.: **кат** |
| **Хушкдору** | доруи хушк; доруи хушкккунандаи захми бадан |
| **Хушкидагиёҳ** | гиёҳи хушкида |
| **Хушкидадарё** | дарёи хушкида |

| | |
|---|---|
| **Хушкиданиҳол** | ниҳоли хушкида |
| **Хушкидачашма** | чашмаи хушкида |
| **Хушкиш** | хушк шудан, беоб мон-<br>дан, афсурдан ва пажмурдан, қоқ шудан |
| **Хушккард** | хушк кардан |
| **Хушконӣ** | ниг.: **хушкгардонӣ** |
| **Хушкҳема** | ҳема (ҳезум)-и хушк |
| **Хушкшоха** | шохаи хушки дарахт |
| **Хушнон** | фархунда, хуҷаста |
| **Хӯра** | хӯранда, чизро хӯрда вайронкунанда |
| **Хӯранд** | дархӯр, лоиқ, сазовор |
| **Хӯрафзор** | афзори хӯриш (хӯрдан, хӯрокхӯрӣ) |
| **Хӯрбор** | хӯрокворӣ |
| **Хӯрдамех** | мехи хӯрдашуда (судашуда) |
| **Хӯрдаоҳан** | оҳани хӯрдашуда (судашуда) |
| **Хӯрдон** | зарфи хӯрокхӯрӣ |
| **Хӯришн** | хӯриш, хӯрок |
| **Хӯрониш** | хӯронидан, ба хӯрдан водор кардан |
| **Хӯсиш** | хӯсидан, тарсидан, рамидан, кебидан |
| **Хӯсо** | хӯсанда, тарсанда |
| **Хӯсониш** | хӯсонидан, рамонидан, тарсондан |
| **Хӯшиш** | хушк шудан, хушкидан, қоқ шудан |
| **Хӯшониш** | хушконидан |
| **Ҳ** | |
| **Ҳавеч** | сабзавоти даруни хӯрок (картошка, сабзӣ ва ғайра) |

| | |
|---|---|
| **Ҳавр** | буғи замин |
| **Ҳаврбарорӣ** | ҳавр (буғ) баровардан |
| **Ҳаврговҳ** | ҷойе, ки ҳавр (буғ)-и замин мебарояд |
| **Ҳалаандозӣ** | ҳала андохтан, касеро ҳала (тез) карда, ба касе барангехтан |
| **Ҳамбандӣ** | бо якдигар бастан, васл кардан, монтаж |
| **Ҳамбаст** | ниг.: **ҳамбандӣ** |
| **Ҳамбаста** | ба якдигар басташуда |
| **Ҳамгир** | ҳамдигарро гиранда; ҳамдигарро фарогиранда |
| **Ҳамгиро** | ҳамгиро будан |
| **Ҳамгузорӣ** | ниг.: **ҳамгузошт** |
| **Ҳамгузошт** | болои ҳам гузоштан |
| **Ҳамдӯхт** | бо ҳам дӯхташуда |
| **Ҳамелбандӣ** | ҳамел бастан; шадда бастан |
| **Ҳамелкард** | ҳамел кардан |
| **Ҳамкаш** | ҳамдигарро кашанда |
| **Ҳамкашиш** | ба якдигар кашида шудан |
| **Ҳаммонд** | болои ҳам мондан |
| **Ҳаммонӣ** | ниг.: **ҳаммонд** |
| **Ҳамнамо** | ҳамдигарро намоёнкунанда (масалан, оина) |
| **Ҳамнамоӣ** | ҳамдигарро намоён кардан |
| **Ҳамнишаст** | бо ҳам нишастан; ихлосманд |
| **Ҳамовард** | ба ҳам овардан (мувофиқ намудан) |
| **Ҳампайваст** | ба ҳамдигар пайваст шудан (кардан) |
| **Ҳампартофт** | ба сӯйи якдигар чизеро партофтан |
| **Ҳампечиш** | бо ҳам печидан |

| | |
|---|---|
| **Ҳампечидагӣ** | бо ҳам печида будан |
| **Ҳампуррагӣ** | хусусияти ҳамдигарро пурра кардан (комил сохтан) доштан |
| **Ҳамрас** | ба якдигар расанда |
| **Ҳамрасиш** | ба ҳамдигар расидан (расиш кардан) |
| **Ҳамрасонд** | бо ҳам расонидан |
| **Ҳамрафт** | якҷо рафтан, якҷо густариш ёфтан |
| **Ҳамрехт** | ба ҳам рехтан |
| **Ҳамрехта** | ба ҳам рехташуда; маҳсуле, ки дар натиҷаи ба ҳам рехтани чанд маҳсул ҳосил мешавад |
| **Ҳамсанг** | ҳамвазн; ҳамандоза; баробар |
| **Ҳамфарогир** | ҳамдигарро фарогиранда |
| **Ҳамчанд** | бо ҳам баробар, баробарниҳода |
| **Ҳамчандӣ** | ҳамандозагӣ, ҳаммиқдорӣ, андоза (ё миқдор)-и якхела доштан |
| **Ҳамчасб** | бо ҳам часбанда |
| **Ҳамчаспиш** | бо ҳам часпидан |
| **Ҳамчид** | болои ҳам чидан |
| **Ҳамчунонӣ** | монандӣ, ҳаммонандӣ |
| **Ҳанҷа** | ҷаззоб, ба худ ҷалбкунанда |
| **Ҳанҷиш** | ҷалбкунӣ, ҷазбкунӣ, кашиш |
| **Ҳарсӯдавӣ** | ба ҳар сӯй давидан |
| **Ҳарсӯгарой** | ба ҳар сӯ гаравидан (майл кардан) |
| **Ҳарсӯкашӣ** | ба ҳар сӯй кашидан |
| **Ҳарсӯравӣ** | ба ҳар сӯй рафтан |
| **Ҳарсӯҷаҳӣ** | ба ҳар сӯй ҷаҳидан |

| | |
|---|---|
| **Ҳастидеҳ** | диҳандаи ҳастӣ |
| **Ҳафтту** | дорои ҳафт ту, яъне табақа, ҳафттабақа |
| **Ҳема** | ҳезум |
| **Ҳемачӯб** | чӯби ҳемагӣ ( ҳезумӣ) |
| **Ҳилидан** | фурӯ гузоштан, вогузоштан, раҳо кардан |
| **Ҳилиш** | амали ҳилидан |
| **Ҳишт** | гузоштан, ниҳодан |
| **Ҳудагӯй** | одами ростгӯй (ҳақгӯй) |
| **Ҳудагӯйӣ** | ростгӯйӣ, ҳақгӯйӣ |
| **Ҳурваш** | ба мисли ҳур (хуршед) |
| **Ҳурткашӣ** | ҳурт кашида қулт кардани об ё моеъоти дигар, як бор ба як дам дар кашидани об |
| **Ч** | |
| **Чагчӯб** | як навъ чӯб, ки ба обнус монандӣ дорад |
| **Чағ** | кушиш, саъй |
| **Чағидан** | кушиш кардан, саъй намудан |
| **Чағиш** | амали чағидан |
| **Чакиш** | чакидан, чакра-чакра рехтан |
| **Чакониш** | раванди чаконидан |
| **Чакрарехт** | чакра-чакра рехтан |
| **Чакрашор** | чакра-чакра шоридан |
| **Чакрашоро** | чакра-чакра шоранда |
| **Чакрашориш** | шориши чакра-чакра |
| **Чалагудоз** | чала гудохташуда, пурра гудохтанашуда |
| **Чалагудохт** | чала гудохтан, пурра нагудохтан |
| **Чаладарав** | чала (нимкола) даравидан, пурра надаравидан |

| | |
|---|---|
| **Чаладониш** | дорои дониши чала (нокомил) |
| **Чалак** | номи дастафзоре барои ресидани ришта |
| **Чалакишт** | чала (нимкола) киштан, пурра кишт накардан |
| **Чалакамол** | чала камолёфта, пурра камолнаёфта |
| **Чалакресӣ** | ба воситаи чалак ресидани ришта; ниг.: **чалак** |
| **Чалакришта** | риштае, ки ба воситаи чалак ресида шудааст; ниг.: **чалак** |
| **Чалакӯб** | чала (нопурра) кӯбидашуда |
| **Чалакӯфт** | чала кӯфтан (кӯбидан), пурра накӯбидан (масалан, гандумро) |
| **Чалапайваст** | чала пайвастшуда, муҳкам пайвастнашуда |
| **Чалапардохт** | чала пардохт шудан, пурра пардохт накардан |
| **Чалараста** | зироати чала нокомил руста |
| **Чаласабзиш** | сабзиши нокомили зироат |
| **Чаласӯхт** | чала (нимкола) сӯхтан, пурра насӯхтан |
| **Чалапхӯрд** | чалап-чалап карда хӯрдан |
| **Чалид** | чалидан, сайру гашт кардан; гирдгардӣ |
| **Чалкард** | мағал кардан, фарёду фиғон бардоштан |
| **Чамиш** | чамидан, хиромидан, бо ноз роҳ гаштан, хиромон роҳ рафтан |
| **Чамониш** | чамонидан, ба сайру хиром овардан, хиромонидан, ба нозу хиромиш водор кардан |

| | |
|---|---|
| **Чамрафт** | чам рафтан, бо нозу карашма ва такаббур роҳ рафтан |
| **Чандафзоӣ** | чанд баробар зиёд кардан |
| **Чандгардиш** | чанд бор гардишкунанда |
| **Чандгуна** | дорои гуна (намуд, шакл)-ҳои зиёд |
| **Чандгунагӣ** | гуна (намуд, шакл)-ҳои зиёд доштан |
| **Чандӣ** | рақам; ячанд бор такрор шудан |
| **Чандомад** | басомад |
| **Чандпӯша** | дорои пӯша (қабат)-и бешумор (зиёд) |
| **Чандтоба** | дорои чанд тоб (печ) (масалан, ресмон) |
| **Чандчарха** | дорои чанд чарха (масалан, неругоҳи обӣ) |
| **Чандчархиш** | чархиши бешумор (зиёд) |
| **Чандшоха** | дорои чанд шоха (масалан, сим) |
| **Чандякрӯз** | аз чанд як ҳиссаи рӯз |
| **Чандяксол** | аз чанд як ҳиссаи сол |
| **Чандякшаб** | аз чанд як ҳиссаи шаб |
| **Чандшумор** | чанд бор шуморшуда |
| **Чапарсозӣ** | сохтани хона ва девор аз шоху навда ва наю хошок |
| **Чапирашавӣ** | чапира шудан, яъне, ҷамъ шудан, ғун шудани гурӯҳе аз мардум. |
| **Чапрафт** | ба тарафи чап рафтан |
| **Чапгаравиш** | ба чап гароидан (майл кардан) |
| **Чапгароӣ** | ниг.: **чапгаравиш** |
| **Чар** | сайругашт |
| **Чарбгир** | ниг.: **чарбзудо** |

| | |
|---|---|
| **Чарбгудозӣ** | гудохта об кардани чарбу |
| **Чарбзудо** | воситаи бечарбгардонанда |
| **Чарғанд** | чароғ, фонус |
| **Чариш** | чаридани чорво; сайругашт |
| **Чаробарӣ** | ба чаро ё чариш бурдан |
| **Чароғпоя** | пояе, ки дар он чароғ мегузоранд ва ё чароғ овезон мекунанд |
| **Чарондан** | чариш додан, ба ғизохӯрӣ бурдани чорво |
| **Чарониш** | чаронидан, дар чарогоҳ ҳайвонотро алаф хӯронидан |
| **Чархафзор** | афзори чархиш (чархонанда) |
| **Чархғӯла** | ғӯлае, ки шакли чарх дорад |
| **Чархдорӣ** | бо чархи соёсанг тез кардани абзори рӯзгор (корд, дукорда ва ғайра) |
| **Чархониш** | ба чархиш овардан |
| **Часарсӯхт** | часар-часар сӯхтани ҳезум |
| **Часпиш** | ба ҳам часпидан |
| **Часпоӣ** | хусусияти часпидан доштан |
| **Часпониш** | ба ҳам часпонидан |
| **Чахс** | шохчаҳои ҳезумӣ: чӯбу чахс |
| **Чаҳовоз** | овози чаҳ-чаҳи булбул |
| **Чаҳорсӯӣ** | чоррӯягӣ, чоррӯя будан |
| **Чашмандохт** | чашм андохтан |
| **Чашмбин** | бо чашм дидашаванда, ба чашм намудор |
| **Чашмдавонӣ** | тез аз назари чашм гузаронидан |
| **Чашмдӯхт** | чашм дӯхтан, чашм андохтан |
| **Чашмзадагӣ** | чашмрасида, чашмхӯрда |
| **Чашмноаён** | ба чашм ноаён, аз чашм ғоиб |
| **Чашмнорас** | ба чашм нахӯранда |

| | |
|---|---|
| **Чашмчарон** | назарбоз |
| **Чашмчаронӣ** | назарбозӣ кардан |
| **Чашовӣ** | ҳар чизи чашиданӣ; маза, таъм |
| **Челонбоғ** | боғи дарахти челон |
| **Челонзор** | мавзее, ки дар он дарахти челон бисёр аст |
| **Ченакнайча** | найчаи ченакдор (барои муайян кардани ҳаҷми моеот) |
| **Ченакктасма** | тасмаи ченакдор (барои чен кардани дарозӣ) |
| **Ченакчӯб** | чӯби андозагирӣ |
| **Ченафзор** | афзори ченгирӣ (андозагирӣ) |
| **Ченгирак** | воситаи санҷиш ё чен кардан |
| **Ченгирӣ** | амали мансуб ба санҷиш ё чен кардан |
| **Ченкард** | ниг.: **ченгирӣ** |
| **Ченнайча** | найчае, ки ченак дорад |
| **Чентаноб** | таноби ченакдор барои чен кардани дарозӣ, масоҳат ва ғайра |
| **Четгард** | дар чет (канор) гарданда |
| **Четгардӣ** | дар чет (канор) гардиш (сайругашт) кардан |
| **Четгирӣ** | худро чет (канор) гирифтан |
| **Четравӣ** | ба чет (канор) рафтан |
| **Чеҳранигор** | наққош |
| **Чеҳранигорӣ** | наққошӣ |
| **Чибуд** | моҳият |
| **Чидагирифт** | чида гирифтан; ғундоштан; интихоб кардан |
| **Чизвожа** | вожаи махсусе, ки номи чизеро ифода мекунад, *номен* |
| **Чизвожагон** | вожагони махсусе, ки номи |

| | |
|---|---|
| | чизҳои илмӣ ва илмию техникиро ифода мекунанд; *номенклатура* |
| **Чизӣ** | моҳият: моҳияти гап, чизии гап |
| **Чидубаст** | чидану баста кардан (масалан, алафро) |
| **Чидумонд** | чидану болои ҳам мондан (масалан, алаф) |
| **Чидурехт** | чидану ба чизе рехтан (масалан, мева); хароҷот |
| **Чинга** | чӯбакҳои хушк, пораҳои хурди чӯб, ки ҳангоми шикастани ҳезум ба вуҷуд меоянд |
| **Чиркгирак** | воситаи бартараф кардани чирк |
| **Чиркгирӣ** | бартараф кардани чирк |
| **Чирквудо** | воситаи зудудани чирк |
| **Чиркполо** | воситаи полида аз чирк тоза кардан |
| **Чисто** | дониш, хирад |
| **Чистованд** | донишманд, хирадманд |
| **Чишуд** | натиҷа |
| **Чоба** | ниг.: **чобафзор** |
| **Чобафзор** | воситаи чобидани хамир |
| **Чобидан** | ба ҳам омехта кардан |
| **Чобиш** | омехта кардан |
| **Чобукдав** | чобук (тез) даванда |
| **Чобукрафт** | чобук (тез( рафтан |
| **Чова** | ниг.: **чоба** |
| **Човидан** | ниг.: **чобидан** |
| **Човиш** | ниг.: **чобиш** |
| **Чокбандӣ** | бастан (махкам кардан)-и ҷойи чокшуда |

| | |
|---|---|
| **Чокдӯзӣ** | дӯхтани чок |
| **Чокшавӣ** | чок-чок шудан, дарида чок-чок шудан |
| **Чорахшиг** | чаҳорунсур, чаҳор нахустунсурҳои одам: об, оташ, хок, ҳаво.<br>ниг.: **ахшиг** |
| **Чорпоён** | ҳайвонот |
| **Чоша** | чошдиҳанда; воситаи чошдиҳӣ |
| **Чошазанӣ** | чош задан, фаввора зада баромадан |
| **Чошафзор** | афзори чошдиҳанда |
| **Чошдод** | чош додан; чошидан |
| **Чошиш** | чош хӯрдан, фаввора задан (масалан, об) |
| **Чошхӯрд** | ба ҳар тараф чош хӯрдан |
| **Чустрав** | чуст (тез) раванда |
| **Чустрафт** | чуст (тез) рафтан |
| **Чӯба** | воситаи тунук кардани хамир |
| **Чӯбангишт** | ангишти чӯбӣ |
| **Чӯбарра** | арраи чӯббурӣ |
| **Чӯбгаз** | газ (ченабзор)-и чӯбин |
| **Чӯбгарда** | чӯбрезаҳое, ки баъди арра кардани чӯб ҳосил мешаванд |
| **Чӯбкат** | кати чӯбин |
| **Чӯбкафонӣ** | кафонидани чӯб |
| **Чӯбмех** | мехи чӯбин |
| **Чӯбнова** | новадони чӯбӣ |
| **Чӯбпиро** | касе, ки пешааш тарошидану пардохт додани чӯб бошад |
| **Чӯбпора** | пораи чӯб |
| **Чӯбреза** | гардрезаҳое, ки зимни коркарди чӯб ҳосил |

| | |
|---|---|
| | мешаванд |
| **Чӯбхора** | кирме ба сурати мӯр, ки чӯбро мехӯрад |
| **Чӯбчам** | чами чӯбин, обгардони бузурги чӯбин, кафлес; асбоби чӯбин барои аз зарф гирифтани об |
| **Чӯкидагоҳ** | ҷой (мавзеъ)-е ки шакли чӯкида дорад |
| **Чӯкиш** | чӯкидан, фурӯ рафтан |
| **Чӯрасп** | аспи чӯр (сӯр, ромнашуда) |
| **Ҷ** | |
| **Ҷаб(б)ак** | воситаи ҷаббанда (аз сатҳ) |
| **Ҷабандагӣ** | хусусияти ҷаббидан доштан |
| **Ҷаббо** | хусусияти ҷаббидан доштан; ҷаббанда |
| **Ҷаббоӣ** | қобилияти ҷаббидан доштан |
| **Ҷабпазир** | ниг.: **ҷаббо** |
| **Ҷам** | мафҳум; маънӣ |
| **Ҷамвожа** | вожаи махсусе, ки номи мафҳумеро ифода мекунад, *истилоҳ* |
| **Ҷамвожагон** | вожаҳои махсусе, ки номи мафҳумеро ифода мекунанд, *истилоҳот* |
| **Ҷангафзор** | афзори ҷангӣ |
| **Ҷастагузашт** | ҷаҳида гузаштан |
| **Ҷастафзор** | афзори ҷаҳишдиҳанда |
| **Ҷастахест** | ҷаста (аз ҷой) хестан |
| **Ҷастоб** | оби ба боло ҷаҳанда; мавҷ |
| **Ҷастпарвоз** | ҷаста парвоз кардан |
| **Ҷастрафт** | ҷаста-ҷаста рафтан |
| **Ҷафафзор** | афзори ҷафиш |

| | |
|---|---|
| **Ҷафидан** | пахш кардан, фишурдан |
| **Ҷафиш** | ҷафидан, фишурдан |
| **Ҷаҳафзор** | ниг.: **ҷастафзор** |
| **Ҷаҳониш** | ба ҷаҳиш овардан; ҷаҳиш додан |
| **Ҷоду** | абзори реза кардан (масалан, алаф, бехмева ва ғайра) |
| **Ҷобурд** | ба ҷойе бурдани чизе |
| **Ҷойгардонӣ** | иваз кардан ё тағйир додани ҷой (мавқеъ) |
| **Ҷойгирифт** | ҷой (мавқеъ)-еро ишғол кардан |
| **Ҷойдод** | ҷой додан, гузоштан, мондан |
| **Ҷойкард** | ҷобаҷо кардан; андохтан |
| **Ҷойрасон** | ба ҷой (макон) расонанда (дастраскунанда) |
| **Ҷойрасонӣ** | ба ҷой (макон)-е расонидан (дастрас кардан)- чизе |
| **Ҷонварӣ** | ҳар чизи зинда ғайр аз инсон |
| **Ҷувозкунда** | кундаи ҷувоз (чӯби ғафси миёншикофта) |
| **Ҷудобаст** | ҷудо-ҷудо бастан |
| **Ҷудобофт** | ҷудо-ҷудо бофтан; ҷудо-ҷудо бофташуда |
| **Ҷудогард** | ҷудо-ҷудо гарданда |
| **Ҷудогардӣ** | ҷудо-ҷудо гаштан |
| **Ҷудогардон(ак)** | воситаи аз ҳам ҷудо гардонидан |
| **Ҷудогузор(ак)** | воситаи ҷудо-ҷудо гузорандаи чизе |
| **Ҷудогузорӣ** | ҷудо-ҷудо гузоштан |
| **Ҷудодид** | ҷудо- ҷудо дидан (ба воситае) |
| **Ҷудодор(ак)** | воситаи аз ҳам дар фосилае ҷудо доштан |

| | |
|---|---|
| **Ҷудодорӣ** | ҷудо-ҷудо доштан |
| **Ҷудодошт** | аз ҳам ҷудо доштан |
| **Ҷудоиандозӣ** | ҷудоӣ андохтан, ҷудо кардан |
| **Ҷудокард** | ба воситае аз ҳам ҷудо кардан |
| **Ҷудоомад** | ҷудо-ҷудо омадан |
| **Ҷудорафт** | ҷудо-ҷудо рафтан |
| **Ҷудоресиш** | ҷудо-ҷудо ресидан |
| **Ҷунбандагӣ** | хусусияти ҷунбидан доштан; мобилизм |
| **Ҷунбина** | воситаи ҷунбонанда (ҷунбишдиҳанда) |
| **Ҷунбишафзо** | воситаи зиёд кардани ҷунбиш |
| **Ҷунбишафзоӣ** | зиёд кардани ҷунбиш |
| **Ҷунбишдеҳ(ак)** | ба ҷунбиш (ҳаракат) оваранда; муҳаррик; ниг.: **ҷунбона** |
| **Ҷунбишовар(ак)** | ниг.: **ҷунбишдеҳ(ак)** |
| **Ҷунбишпазир** | қобили ҷунбиш |
| **Ҷунбишпазирӣ** | қобилияти ҷунбиш кардан доштан |
| **Ҷунбишфизо** | ниг.: **ҷунбишафзо** |
| **Ҷунбо** | ҷунбанда, қобили ҷунбиш |
| **Ҷунбона** | ҷунбонкунанда; ҷунбонанда; воситаи баҷунбишоваранда; муҳаррик |
| **Ҷунбониш** | ҷунбонидан |
| **Ҷунбоя** | ниг.: **ҷунбона** |
| **Ҷуфтбаст** | ҷуфт-ҷуфт банду баст кардани чизе |
| **Ҷӯёна** | ниг.: **ҷӯйина** |
| **Ҷӯйина** | воситаи ҷустуҷӯйӣ |
| **Ҷӯйиш** | амали ҷӯстан, кофтуков |

| | |
|---|---|
| | кардан |
| **Ҷӯлониш** | ҷӯлонидан, ғелонидан; ғалтонидан |
| **Ҷӯркард** | ҷӯр кардан, мувофиқ намудан, созгор намудан |
| **Ҷӯровоз** | овози ҷӯршуда; касони овозашон ҷӯр |
| **Ҷӯстафзор** | афзори ҷустуҷӯйӣ |
| **Ҷӯша** | ҷӯшон, ҷӯшида; сӯзон |
| **Ҷӯшафзор** | афзори ҷӯшониш |
| **Ҷӯшаоб** | оби ҷӯшонидашуда; оби тафсон |
| **Ҷӯшапайваст** | бо кафшер пайваст кардан |
| **Ҷӯшапухт** | ҷӯшонида пухтан |
| **Ҷӯшдарё** | дарёи обаш ҷӯшзананда |
| **Ҷӯшзад** | ҷӯш задан; туғён кардан (масалан, об) |
| **Ҷӯшина** | воситаи ҷӯшониш |
| **Ҷӯшоб** | оби ҷӯш (сӯзон) |
| **Ҷӯшоварӣ** | ба ҷӯш овардан; ба ҳолати ҷӯш овардан; ба ҳолати ҷӯшу хурӯш овардан |
| **Ҷӯшомад** | ба ҷӯш омадан |
| **Ҷӯшона** | ниг.: **ҷӯшина** |
| **Ҷӯшониш** | ҷӯшонидан, ба ҳоли ҷӯш овардан |
| **Ҷӯшчашма** | чашмае, ки обаш ҷӯшида мебарояд |
| **Ҷӯякбандӣ** | ба ҷӯякҳо тақсим кардани замин |
| **Ҷӯяккашӣ** | кашидан (бардоштан)-и ҷӯяк |
| **Ҷӯякишт** | кишти ҷӯякӣ (ҷӯяк-ҷӯяк) |
| **Ш** | |

| | |
|---|---|
| **Шаббин** | абзори биниши шабона |
| **Шаббиниш** | биниши шабона |
| **Шабгард** | чизе (хазанда, даранда)-е, ки шабона мегардад |
| **Шабдид** | диди шабона |
| **Шабкор** | шабона коркунанда |
| **Шабнигар** | абзори мушоҳидаи шабона |
| **Шабпарвоз** | парвози шабона |
| **Шакарнам** | бороні андак, нам (шабнам)-и фоидабахш (барои зироат) |
| **Шанггуфтор** | касе, ки хушоянд сухан мекунад |
| **Шанграфтор** | касе, ки хушрафтор аст |
| **Шарорапошӣ** | шарора пошидан, шарорабор шудан |
| **Шара** | ҷойи рехти оби равон аз баландӣ ба замин |
| **Шаррехт** | резиши шар (тез) |
| **Шастбурд** | бо шаст бурдан |
| **Шастгардонӣ** | шаст (суръати чизе)-ро гардонидан (паст кардан) |
| **Шастгир** | бо шаст (тез давида) гирифтани чизе |
| **Шастгурехт** | бо шаст гурехтан |
| **Шастдав** | бо шаст даванда |
| **Шастдошт** | бо шаст (тез давида) доштан; бо шаст (абзори моҳидорӣ) моҳӣ доштан |
| **Шастоб** | оби бо шаст ҷоришаванда |
| **Шастомад** | бо шаст омадан |
| **Шастпар** | бо шаст паранда |
| **Шастпарвоз** | бо шаст парвозкунанда |
| **Шастрав** | бо шаст раванда |
| **Шастрафт** | бо шаст рафтан |
| **Шастҷаст** | бо шаст ҷаҳанда |

| | |
|---|---|
| **Шастҷаҳиш** | бо шаст ҷаҳидан |
| **Шастшиканӣ** | ниг.: **шастгардонӣ** |
| **Шастшориш** | бо шаст шоридан |
| **Шастшоро** | бо шаст шоранда |
| **Шатакбурд** | шатак (кашола) карда бурдан |
| **Шатаковард** | шатак (кашола) карда овардан |
| **Шаттазанӣ** | бо шата (тавассути пой) задан |
| **Шафгуфт** | якбора равшану пӯсткандаи суханро гуфтан |
| **Шафгуфтор** | касе, ки шаф-шаф (беҳуда, беасос) гап мезанад |
| **Шахгардонӣ** | шах (сахт) гардонидан |
| **Шахоб** | оби шахшуда, ях, шӯша |
| **Шебгурез** | ба шеб (нишеб) гурехтан |
| **Шебзамин** | замини шеб (нишеб) |
| **Шебиш** | шебидан, омехтан, аралаш кардан |
| **Шеброҳ** | роҳи шеб (нишеб) |
| **Шевавожа** | вожаи шевагӣ |
| **Шевавожагон** | вожаҳои шевагӣ |
| **Шербозу** | касе, ки бозуи шерона (қавӣ) дорад |
| **Шерчашм** | касе, ки чашмонаш мисли чашми шер аст |
| **Шиканакдиҳӣ** | шиканак додан (масалан, пой) |
| **Шиканандагӣ** | хусусияти шикастан доштан |
| **Шиканиш** | шикаста шудан |
| **Шикастаколо** | коло (ашё, чизучора)-и шикаста |
| **Шикастапора** | порае аз ашёи шикаста |
| **Шикастаҷой** | ҷойи шикаста |
| **Шикофдиҳӣ** | шикофтан, чок кардан, |

| | |
|---|---|
| | кафондан, сӯрох кардан |
| **Шинамоӣ** | шинам (зебандаву муносиб) омадан |
| **Шиноафзор** | афзори шиноварӣ |
| **Шиногузашт** | шино карда гузаштан |
| **Шиноомад** | шино карда омадан |
| **Шинониш** | шинонидан, дар ҷое чи-<br>зеро устувор кардан, насб кардан, ҷойгир кардан; коштан, коридан, нишондан |
| **Шинорафт** | шино карда рафтан |
| **Шипехт** | пошидан, фишондан |
| **Ширабарорӣ** | баровардани шира аз танаи гиёҳ; аз худ баровардани шира |
| **Ширагирӣ** | гирифтани ширааи гиёҳ |
| **Ширешбанд** | бо ширеш басташуда |
| **Ширешбаст** | бо ширеш бастан |
| **Ширешпайванд** | бо ширеш пайванд кардан |
| **Ширешпайваст** | бо ширеш пайвасткардашуда |
| **Ширмост** | мост (равған)-и рӯйи шир |
| **Шиталой** | лойи часпаки мулоим, лойи шитакардашуда (бо пой лату омехтакарда-шуда) |
| **Шитобафзо** | воситаи афзояндаи шитоб |
| **Шитобафзоӣ** | зиёд кардани шитоб |
| **Шитоббурд** | бо шитоб бурдан |
| **Шитобдав** | бо шитоб (суръати тез) даванда |
| **Шитобдавиш** | бо шитоб давидан |
| **Шитобкард** | шитоб кардан, саросема (тез) рафтан |
| **Шитобкор** | касе,ки бо шитоб кор мекунад |
| **Шитобомад** | бо шитоб омадан; шитобона |

| | |
|---|---|
| | омадан |
| **Шитобрав** | бо шитоб раванда |
| **Шитобрафт** | бо шитоб рафтан; шитобона рафтан |
| **Шитобтохт** | бо шитоб тохтан; шитобона тохтан |
| **Шишагудоз** | коргари соҳаи шишагудозӣ |
| **Шишагудозӣ** | гудохтани шиша |
| **Шишамайда** | шишареза, пораҳои хурди шиша |
| **Шишамоно** | монанд ба шиша |
| **Шишанах** | нахе, ки аз шиша сохта шудааст |
| **Шишареза** | ниг.: **шишамайда** |
| **Шоғар** | ғар (кӯҳ)-и бузург *(номи мавзеъ)* |
| **Шолипайа** | пай (замин)-е, ки дар он танҳо шолӣ мекоранд |
| **Шомҳангом** | шабонгоҳ, вақти шабона |
| **Шориш** | амали шоридан |
| **Шорокарғ** | карғ (сангреза)-ҳои шоро |
| **Шорорег** | реги шоро |
| **Шоройӣ** | хусусияти шоридан доштан |
| **Шороя** | воситаи ба ҳар тараф шорондан (ҷорӣ кардан) |
| **Шохабандӣ** | ба шохаҳо ҷудо кардан (масалан роҳи оҳанро) |
| **Шохароҳ** | роҳи шоха-шоха (масалан, роҳи гашти қатора) |
| **Шохарӯд** | рӯди шоха-шоха |
| **Шохдевора** | девораи аз шохаҳои дарахт бастамшуда |
| **Шохтавора** | ниг.: **шохдевора** |
| **Шудиш** | шудан, вуҷуд доштан, арзи |

| | |
|---|---|
| | ҳастӣ кардан |
| **Шукуфтаоҳак** | оҳаки шукуфта (зинда) |
| **Шуморафзоӣ** | зиёд кардани шумораи чизе |
| **Шуморафзор** | афзори шумориш |
| **Шумориш** | шуморидан |
| **Шуморкард** | шумор кардан |
| **Шунуфт** | шунидан |
| **Шуртбод** | боди шурта (мусоид) |
| **Шух** | нишеб, шеб, сарозер |
| **Шухак** | нишеби хурд, нишебак |
| **Шухдарё** | дарёи шух (тезнишеб, сарнишеб. сарозер) |
| **Шухзамин** | замини шух (нишеб, шебдор, сарозер) |
| **Шухоб** | оби сарозер бо талотум ҷоришаванда |
| **Шухроҳ** | роҳи нишеб |
| **Шухшах** | шахи шух (сарозер) |
| **Шӯрабандӣ** | шӯра бастан (масалан, хок) |
| **Шӯрабаст** | шӯра бастан (масалан, хок) |
| **Шӯразанӣ** | шӯра задан (масалан, хок) |
| **Шӯрак** | шӯрмаза |
| **Шӯрахок** | хоки шӯрабаста |
| **Шӯрибардор** | ба шӯрӣ тобовар (устувор) |
| **Шӯрибардорӣ** | қобилияти ба шӯрӣ тобовар (устувор)-ӣ доштан |
| **Шӯрипазир** | ниг.: **шӯрибардор** |
| **Шӯрипазирӣ** | ниг.: **шӯрибардорӣ** |
| **Шӯришбод** | боди ба шӯриш ваsанда |
| **Шӯрониш** | ба шӯр овардан, ба ваҷҳ овардан |
| **Шӯрхок** | хоки шӯр (сернамак) |
| **Шӯстхока** | хокаи шӯянда (покизакунанда) |

| | |
|---|---|
| **Шӯшазар** | зари дар қолаб гудохташуда, ки шакли шӯшаро ба худ гирифтааст |
| **Шӯшамоно** | монанди шӯша (яхи овезон) |
| **Шӯшахок** | хоки шӯша, пораи яклухти хок |
| **Шӯшаях** | яхи шӯша, яхе, ки дар зимистон дар нӯги новадонҳо баста овезон мешавад |
| **Я** | |
| **Якандоза** | ду чизе, ки андозаи баробар доранд |
| **Якандозагӣ** | андозаи баробар доштан |
| **Якандохт** | якзайл андохтан (масалан тирро) |
| **Якбофт** | якзайл бофтан; якзайл бофташуда |
| **Якгашт** | як гашт (гардиш)-и чизе; якзайл гашт кардан |
| **Якдав** | якзайл давидан |
| **Якдид** | якзайл дидан (назора кардан) |
| **Якдӯхт** | якзайл дӯхтан |
| **Яккаандохт** | як-як (якка-якка) андохтан (масалан, тирро) |
| **Яккабед** | беди якка (танҳо ) |
| **Яккабофт** | якка (ҷудо-ҷудо) бофтан |
| **Яккабурс** | бурс (арча)-и якка (танҳо) |
| **Яккагард** | якка-якка гарданда |
| **Яккадид** | як-як (ҷудо-ҷудо) дидан |
| **Яккапартофт** | якка-якка партофтан |
| **Яккарафт** | якка (алоҳида, танҳо) рафтан |
| **Яккард** | якҷо кардани чанд чиз, ҳамроҳ намудани чанд чиз |
| **Яккасанг** | санги якка, санги алоҳида |

| | |
|---|---|
| | *(дар география)* |
| **Яккасанҷиш** | як-як (ҷудо-ҷудо) санҷидан |
| **Яккатофт** | якка-якка (ҷудо-ҷудо) тофтан (тоб додан) |
| **Яккатохт** | якка-якка (ҷудо-ҷудо) тохтан |
| **Яккахона** | хонаи якка (алоҳида, яклухт) |
| **Яккаҷанг** | ҷанги якка ба якка |
| **Якнавохт** | якзайл навохтан |
| **Якнишебӣ** | шеб (нишеб)-и яксон |
| **Якпартофт** | дар як лаҳза (онан) партофтан |
| **Якпеч** | як печиш (тоб) доштан |
| **Якпечиш** | якзайл печиш хӯрдан |
| **Якравиш** | яксамта |
| **Якрафт** | якзайл рафтан |
| **Якраш** | як қулоч; ниг.: **раш** |
| **Яксон** | якхела; якмаром |
| **Яксӯдавӣ** | ба як сӯй давидан |
| **Яксӯкашӣ** | ба як сӯй кашидан |
| **Яксӯравӣ** | ба як сӯй рафтан |
| **Яктоб** | як тоб (каҷӣ, хамӣ) доштан |
| **Яктофт** | якзайл тофтан |
| **Яктохт** | якзайл тохтан |
| **Яктӯ** | дорои як тӯ, яъне табақа, яктабақа |
| **Якшеб** | нишеби якзайл |
| **Ялаёбӣ** | яла (раҳоӣ) ёфтан |
| **Яламонӣ** | яла (кушода) мондани чизе |
| **Яхбастагӣ** | хусусияти ях бастан доштан |
| **Яхзамин** | замини яхин (пурях) |
| **Яхистон** | ҷой (макон, мавзеъ)-и серях |
| **Яхканиш** | канда шудани пораи ях аз тӯдаи ях |
| **Яхкоҳиш** | паст шудани сатҳи ях (пирях) |

| | |
|---|---|
| **Яхкӯчӣ** | кӯчидани яхпораҳо |
| **Яхнигора** | нигора (манзара, нақш)-и яхӣ |
| **Яхрафт** | ба ҳаракат омадани тӯдаи ях |
| **Яхсутун** | сутуни ях (яхин) |
| **Яхтӯда** | тӯдаи ях |
| **Яхчаборон** | борони яхча-яхча; жола |
| **Яхҷунбӣ** | ҷунбиши ях, ба ҳаракат омадани яхпораҳо |
| **Яхшикаст** | шикасташавӣ (порашавӣ)-и тӯдаи ях |

## МАНБАЪҲОИ ИСТИФОДАШУДА


1. Абуалӣ ибни Сино. Донишнома. Осори Абуалӣ ибни Сино. - Душанбе: Дониш. 2005. Ҷилди 1. - 852 с. - саҳ.170-347.
2. Абурайҳони Берунӣ. Китоб-ут-тафҳим (бо муқаддима, шарҳи луғоту истилоҳот ва тавзеҳоти Ҳасани Султон). - Душанбе: Дониш. 2022. – 605 с.
3. Ғиёс-ул-луғот. - Душанбе; Адиб. Ҷ.1.1987, - 480с.; Ҷ.2. 1988, -416 с.; Ҷ.3. 1989, - 304 с.

4. Исмоили Ҷурҷонӣ. Захираи Хоразмшоҳӣ. Иборат аз даҳ ҷилд. - Душанбе: Дониш. 2023.

5. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. - Душанбе: Адиб, 1993, Ҷ.1. - 416 с.

6. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. - Душанбе: Адиб, 1993, Ҷ.2. - 424 с.

7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М.: Советская Энциклопедия, 1969. Ҷ.1. - 952 с.; Ҷ.2. - 952 с.

8. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ. - Душанбе: Дониш. 2006. - 784 с.

9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. - Душанбе: 2010. Ҷ.1. - 996 с.; Ҷ.2. - 1095 с.

10. Фарҳанги Доро. - Душанбе: Дониш. 2021. Ҷ.1. - 593 с.; Ҷ.2. - 697 с.

11. Ҳофизи Ӯбаҳӣ. Туҳфат-ул-аҳбоб. - Душанбе: Ирфон. 1992. - 288 с.

## ВОЖАНОМАҲОИ ТАЪЛИФКАРДАИ МУАЛЛИФ

1.Пирмаҳмад Нуров. Луғати мухтасари русӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-русӣ оид ба электротехника. – Душанбе: 2009. – 254 с.

2. Пирмаҳмад Нуров. Фарҳанги русӣ ба тоҷикии истилоҳоти илмҳои дақиқ ва техникӣ. – Душанбе: 2013. – 619 с.

3. Пирмаҳмад Нуров. Фарҳанги мухтасари калимаҳои истилоҳӣ ва истилоҳбоби тоҷикӣ дар адабиёти илмию техникии тоҷикӣ. – Душанбе: - Дониш, 2014. - 216 с.

4. Пирмаҳмад Нуров. Фарҳанги русӣ-англисӣ ба тоҷикии политехникӣ. - Душанбе: Дониш 2016. - 608 с.

5. Пирмаҳмад Нуров. Фарҳанги тафсирии русӣ ба тоҷикӣ оид ба фаъолияти инноватсионӣ ва илмию технологӣ. - Душанбе: Дониш 2019. - 262 с.

6. Пирмаҳмад Нуров. Ганҷинаи вожагони ноби тоҷикӣ. - Душанбе: Дониш 2020. - 168 с.

7. Пирмаҳмад Нуров. Фарҳанги русӣ ба тоҷикии тафсирӣ оид ба фаъолияти зеҳнӣ, эҷодӣ ва ихтироотӣ. - Душанбе: 2021. -167 с.

8. Пирмаҳмад Нуров. Фарҳанги русӣ-англисӣ-тоҷикии истилоҳоти химия. - Душанбе: Дониш 2023. - 354 с.